ISSN 2413-2004

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВИИ

«АХБОРИ ДДҲБСТ»

Силсилаи илмҳои гуманитарӣ

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики

НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ ЖУРНАЛ

«ВЕСТНИК ТГУПБП»

Серия гуманитарных наук

EDUCATION AND SCIENCE MINISTRY OF TAJIKISTAN REPUBLIC
Tajik State University of Law, Business and Politics

SCIENTIFIC-THEORETICAL JOURNAL

“BULLETIN OF TSULBP”

Series of Humanitarian Sciences

№2 (87), 2021

Хуҷанд – Khujand

Маҷаллаи «Ахбори ДДҲБСТ» аз соли 2000 на кам аз 4 маротиба дар як сол бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст (Шаҳодатномаи № 065/МҶ-97 аз 31.05.2018).

Маҷалла ба Рӯйхати маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии пешбари КОА-и ВМ ва ИФР (аз июни соли 2011; бознависӣ дар моҳи июни соли 2016) ва КОА-и назди Президенти ҶТ (аз ноябри соли 2018), ки чопи муҳимтарин дастовардҳои илмии рисолаҳо барои дарёфти унвонҳои номзад ва докторони илм дар онҳо ҳатмӣ мебошад, дохил шудааст.

Маҷалла ба Индекси иқтибоси илмии Русия (РИНЦ) ворид аст.

ҲАЙАТИ ТАҲРИР

Сармуҳаррир: Шокиров Т.С., *доктори илмҳои филология, профессор*
Азимова М.Н.*, доктори илмҳои филология, профессор;* ***Бобоҷонова Р****., доктори илмҳои филология, профессор;* ***Ғиёсов Н.И.,*** *номзади илмҳои филология, дотсент;* ***Дубовитский В.В****., доктори илмҳои таърих, профессор;* ***Зоҳидӣ Н.Ш.,*** *доктори илмҳои филология, профессор;* ***Исомитдинов Ҷ.Б.,*** *номзади илмҳои таърих, дотсент;* ***Катсев А.С.,*** *доктори илмҳои филология, профессор;* ***Мирбобоев А.К.,*** *доктори илмҳои таърих, профессор;* ***Мирзоев Н.М.****, доктори илмҳои таърих, профессор;* ***Мирзоюнус М.,*** *доктори илмҳои филология, профессор;* ***Муқимов М.А.,*** *доктори илмҳои филология, профессор;* ***Нағзибекова М.Б****., доктори илмҳои филология, профессор;* ***Насриддинов Ф.А.,*** *доктори илмҳои филология, профессор;* ***Раҳимов М.А.****, доктори илмҳои таърих, профессор;* ***Ҳакимова Б.Н.,*** *номзади илмҳои филология, дотсент* ***(котиби масъул)****;* ***Ҳасанов А.А.****, доктори илмҳои филология, профессор;* ***Пирумшоев Х.П.****, доктори илмҳои таърих, профессор;* ***Раҳимов Н.Т.,*** *доктори илмҳои таърих, профессор;* ***Салимов Р.Д.,*** *доктори илмҳои филология, профессор;* ***Яъқубов Ю.Ё.,*** *доктори илмҳои таърих, профессор.*

©ДДҲБСТ, 2021

Журнал «Вестник ТГУПБП» основан в 2000 году, выходит не менее четырёх раз в год на таджикском, русском и английском языках

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан (Свидетельство № 065/МЧ-97 от 31.05.2018)

Журнал входит в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий ВАК МОН РФ (с июня 2011 года; перерегистрирован в июне 2016 г.) и в Перечень изданий ВАК при Президенте Республики Таджикистан (с ноября 2018 г.), в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата и доктора наук

Журнал включен в Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

Главный редактор: Шокиров Т.С., *доктор филологических наук, профессор*

Азимова М.Н., *доктор филологических наук, профессор;* ***Бабаджанова Р.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Гиясов Н.И.,*** *кандидат филологических наук, доцент;* ***Дубовицкий В.В.,*** *доктор исторических наук, профессор;* ***Захиди Н.Ш.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Исомитдинов Ж. Б.,*** *кандидат исторических наук, доцент;* ***Кацев А.С.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Мирбобоев А.К.,*** *доктор исторических наук, профессор;* ***Мирзоев Н.М.,*** *доктор исторических наук, профессор;* ***Мирзоюнус М.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Мукимов М.А.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Нагзибекова М.Б.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Насриддинов Ф.А.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Пирумшоев Х.П.,*** *доктор исторических наук, профессор;* ***Н.Т.,*** *доктор исторических наук, профессор;* ***М.А.,*** *доктор исторических наук, профессор;* ***Салимов Р.Д.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Хакимова Б.Н.,*** *кандидат филологических наук, доцент (ответственный секретарь);* ***Хасанов А.А.,*** *доктор филологических наук, профессор;* ***Якубов Ю.Ё.,*** *доктор исторических наук, профессор.*

© ТГУПБП, 2021

The journal "Bulletin of TSULBP" based in 2000 is issued no less than 4 times a year in Tajik, Russian and English

The journal is registered in the Ministry of Culture of Tajikistan Republic (Licence №065/ MJ-97 from 31.05.2018)

The journal is included into the Inventory of leading scientific journals and editions being under the auspices of Russian Federation Ministry of Education of Science supervising the Higher Attestation Commission (since June 2011, rerefistered in June 2016); the edition being included also into the Inventory of HAC publications under the auspices of Tajikistan Republic President (since November 2018) major scientific results presented in dissertations challenging for Doctor`s of Candidate`s degree being bound to be published in the present periodical.

The journal is included into the Russian index of scientific citing (RISC)

EDITORIAL BOARD

***Editor-in-chief: Shokirov T.S**., Dr. of Philology, Professor*

***Azimova M. N.,** Dr. of Philology, Professor; **Babadjanova R.,** Dr. of Philology, Professor; **Ghiyasov N.I.,** candidate of philological sciences, Associate Professor; **Dubovitskiy V. V.**, Dr. of History, Professor; **Yokubov Yu. Yo.**, Dr. of History, Professor; **Zokhidi N. SH.,** Dr. of Philology, Professor; **Isomiddinov Dj. B.,** candidate of historical sciences, Associate Professor; **Kateyev A. S.**, Dr. of Philology, Professor; **Mirboboyev A. K.**, Dr. of History, Professor; **Mirzoyev N. M.,** Dr. of History, Proessor; **Mirzoyunus M.,** Dr. of Philology, Professor; **Mukimov M. A.**, Dr. of Philology, Professor; **Nagzibekova M. B.**, Dr. of Philology, Professor; **Nasriddinov F. A.**, Dr. of Philology, Professor; **Rakhimov M. A.,** Dr. of History, Professor; **Rakhimov N. T.**, Dr. of History, Professor; **Hakimova B.N.,** candidate of philological sciences, Associate Professor (Responsible Secretary); **Hasanov A. A.,** Dr. of Philology, Professor; **Pirumshoyev Kh. P.,** Dr. of History, Professor; **Salimov R. D.,** Dr. of Philology, Professor. **Yakubov Y.Y.,** Dr. of History, Professor.*

© TSULBP, 2021

07 00 00 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ва АРХЕОЛОГИЯ
07 00 00 ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ и АРХЕОЛОГИЯ
07 00 00 HISTORICAL SCIENCES and ARCHEOLOGY

07 00 02 ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
07 00 02 HOME HISTORY

УДК 94 (100)65
ББК 63.3 (5Т)

ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ АРТЕЛИ "БОФАНДА" ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД (1926 – 1943)

Исмоилов Умедҷон Шаробидинович, *докторанти PhD, кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров", (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

ОРГАНИЗАЦИЯ И ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ АРТЕЛИ "БОФАНДА" В ГОРОДЕ ХУДЖАНДЕ (1926 – 1943)

Исмаилов Умедджон Шаробидинович, *докторант PhD кафедры отечественной истории и археологии ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

ORGANIZATION OF ACTIVITIES OF "BOFANDA" ARTEL IN KHUJAND (1926 – 1943)

Ismailov Umedjohn Sharobidinovich, *Doctoral student, PhD of the department of history and archeology under the State Educational Institution (SEI) "Khujand State University named after academician B.Gafurov (Tajikistan, Khujand)* ***E- MAIL:*** *Umedjon.2022@list.ru*

Вожаҳои калидӣ: *таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳунармандӣ, саноати сабук, саноатикунонӣ, артели "Бофанда", ҳаракати кооперативӣ, кооперативи "Бофанда"*

Таърихи пайдоиш ва рушди нахустин артел дар ҶШС Тоҷикистон – артели "Бофанда", ки ташаккули соҳаи саноати сабуки мамлакат аз он оғоз меёбад, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таъкид шудааст, ки артел қадами аввалин дар роҳи саноатикунонии мамлакат мебошад. Роҷеъ ба марҳилаҳои ташаккули артели "Бофанда" – аз ташкил шудани кооперативи нахустин дар ш.Хуҷанд бо номи "Бофанда" (соли 1920), давраи инкишофёбии он (солҳои 1926-1932)ва давраи ба фабрика табдил ёфтани он (солҳои 1932-1943)- маълумоти муфассал оварда шудааст. Аксари додаҳои омории мақола, ки муаллиф аз бойгониҳо гирд овардааст, бори нахуст ба муомилоти илмӣ ворид карда мешавад. Ҳайати кормандони артел аз рӯи ҷинс ва мансубияти миллӣ таҳлил шудааст. Саҳми артели "Бофанда" дар ташаккул ва пешрафти иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла комёбиҳои саноати сабук ва факту рақамҳои оморӣ исбот карда шудааст.

Ключевые слова: *новейшая история Республики Таджикистан, ремесленничество, легкая промышленность, индустриализация, артель, кооперативное движение, кооператив «Бофанда»*

Рассматривается история возникновения и развития в Таджикистане первой ткацкой артели «Бофанда», с которой начинается история развития легкой промышленности. Подчеркивается, что артель «Бофанда» считается первым шагом на пути индустриализации страны. Приведена подробная информация о периодах функционирования артели «Бофанда» - от организации первого кооператива в г.

Худжанде под названием «Бофанда» (1920 г.), периоды его становления в 1926-1932 гг. и преобразования в фабрику (1932-1943 гг.). Большая часть статистических данных, собранных в архивах, впервые вводится в научное обращение. Проведён анализ состава работников артели по половой и национальной принадлежности, что было актуально в исследуемый период. На основе статистических данных и цифровых показателей доказана активная роль артели «Бофанда» в формировании и развитии экономики страны, в том числе в достижениях легкой промышленности.

Key-words: *the newest history of Tajikistan Republic, artisanship, light industry, industrialization, artel (cooperative association of workers), cooperative movement, "Bofanda" cooperative ("Weaving")*

The article dwells on the history of upspringing and development of the first artel in the Tajik SSR – that of "Bofanda" since which there incepts the history of light industry evolution. It is underscored that "Bofanda" artel is considered to be the first step on the way to the country`s industrialization. The detailed information is adduced about the period of "Bofanda" artel functioning – since the organization of the first cooperative in Khujand under the title of "Bofanda" (1920), the periods of its formation in the years of 1926 – 1932 and its transformation into a factory (1932 – 1943). The most part of statistical data collected in the archive is introduced firstly into scientific circulation. The author has adduced the analysis of artel`s staff with the emphasis on sex and national appurtenance, as it was actual in the period investigated. Designing on the premise of statistical data and digital indices, the author has proved the role of "Bofanda" artel in the formation and development of the country`s economy, the achievements of light industry inclusive.

Артел ин иттифоқи соҳибихтиёронаи одамон барои меҳнати дастаҷамъона мебошад, ки маҳсули меҳнати онҳо байни ҳам баробар тақсим карда мешавад. Артелҳо дар соҳаҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ ва истеъмолӣ ташкил карда мешуданд. Ҳадафи артелҳо муттаҳид намудани коргарон ва баланд бардоштани сифату ҳаҷми маҳсулот мебошад.

Оид ба масъалаи пайдоиши калимаи артел ду нуқтаи назар мавҷуд аст. Ба ақидаи олимони гурӯҳи якум ин вожа решаи туркию тоторӣ (орта-ҷомеа, ортак- умумӣ) дорад (ниг. 23, с.83).

Нуқтаи назари дуюм аз ҷониби М. Фасмер ва академик Ф. Корш пешниҳод гардидааст, ки мувофиқи он артел аз калимаи итолиёвии — «urtigiano» гирифта шуда, маънояш ҳунарманд мебошад. Таърихи ворид шудани ин калима ба забони русӣ он қадар равшан нест[23]. Ин калима аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ дар охири асри XIX ворид гардидааст.

Артелҳо дар асоси шартномаи байниҳамдигарии аъзои онҳо ташкил меёфт. Дар баъзе ҳолатҳо ин давраи дуру дарозро дар бар мегирифт, зеро расмигардонии он вақти зиёдро мегирифт. Ин ҳолат ба шакл ва ҳаҷми артел вобаста буд. Артел маъмулан аз коргарони ҳамсинну сол ва баробарҳуқуқ ташкил мегардид. Дар аввал артелҳо дар асоси муносибатҳои хешутаборӣ ва миллӣ ташкил меёфт. Бо гузашти вақт артел бештар хусусияти иқтисодӣ пайдо намуд. Идораи артел дар зиммаи сардор буд, ки дар ҷамъомади умумӣ интихоб карда мешуд. Ғайр аз ин маъмулан ду ёвари сардор интихоб мешуд. Ёварон аксаран вазифаи нозиронро иҷро мекарданд. Сардор унвони пешворо дошт ва дар фаъолияти артел нақши марказиро иҷро мекард[24].

Артелҳо ҳам барои иҷрои корҳои мавсимӣ ва ҳам барои иҷрои корҳои доимӣ ташкил меёфтанд. Аз рӯи хусусияташон артелҳо ба намудҳои зерин ҷудо мешуданд:

1. Артелҳои кишоварзӣ

2. Артелҳои истеҳсолӣ (саноатӣ)
3. Артелҳои хизматрасонӣ
4. Артелҳо дар соҳаи санъат [18]

Шакли одӣ ва оғози истеҳсолоти артелиро кооперативҳо ташкил медоданд, ки фарқашон аз артелҳо дар мутамаркиз набудани онҳо буд.

Инак мехоҳем оид ба таърихи яке аз артелҳои соҳаи саноати сабук дар шаҳри Хуҷанд артели “Бофанда” маълумоти муфассал дода бошем.

Бофандагӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини саноати сабук ба шумор рафта, дар ташаккули иқтисодиёти ҳар мамлакат нақши бузург дорад. Инкишофи ин соҳа ба рушди як қатор соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон раванди ташаккули ин соҳа аз ташкили нахустин артели “Бофанда” оғоз ёфтааст.

Бояд зикр намуд, ки доир ба артели “Бофанда” дар тадқиқоти олимон Ғ.Ҳ. Ҳайдаров,[25, 23] Н.Ҳакимов[27] ва Р.Набиева[22] каму беш маълумот оварда шудааст.

Инчунин баъзе аз фактҳоро аз китобҳои “Таърихи Ленинобод”[19] “Таърихи халқи тоҷик”, Таърихи навтарин (1917 – 1941)”[20] ва “Таърихи синфи коргар”[21] дарёфт намудан мумкин аст.

Дар оғози асри ХХ дар шаҳри Хуҷанд 4500 устохонаҳои ҳунармандӣ мавҷуд буд, ки дар онҳо асосан матоъ истеҳсол мекарданд. Бояд гуфт, ки дар ин соҳа 103 касб мавҷуд буд. Масалан, танҳо барои тайёр кардани ғози пахта 3 марҳиларо гузаштан лозим буд, ки дар ҳар яке аз онҳо коргарони касбу кори алоҳида кор мекарданд. Марҳилаи нахустин тайёр кардани ресмон буда, аз пиллакашӣ, аштобчигӣ, даврагарӣ, тоза кардани пахта, пахтакашӣ ва ресмонресӣ иборат буд.

Коркарди ресмон дар навбати худ ба 3 марҳила – ишқоркунӣ, рангубор ва кабудгарӣ тақсим мешуд. Мутахасисони махсус ба корҳои абрбандӣ, нақшандозӣ, тегбандӣ, гулбардорӣ машғул буданд.

Дар солҳои 20-ум дар Осиёи Миёна асосан устохонаҳои ҳунармандӣ фаъолияти густурдаи худро ба роҳ монда буданд, зеро дар ин минтақа саноат талаботи мардумро пурра қонеъ карда наметавонист. Дар баъзе маҳалҳо ҳатто ягон корхонаи саноатӣ мавҷуд набуд. Мардум аз ҳисоби ҳунари дастӣ зиндагӣ мекарданд.

Ҳунармандон мавқеъ ва мақоми баланд доштанд. Онҳо дар назди худ шогирдони зиёд тарбия мекарданд. Ҳукумати Шӯравӣ бо мақсади зиёд кардани маҳсули меҳнати ҳунармандон дар оғози солҳои 20-ум онҳоро ба артелҳо ҷалб намуд. Сиёсати мазкур ба ташаккул ёфтани синфи коргари тоҷик мусоидат намуд.

Барои пурра дар амал татбиқ намудани сиёсати нави иқтисодӣ дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ ҳукумат бо роҳи маҷбурӣ муттаҳид намудани ҳунармандонро низ оғоз намуда буд. Барои ҳунармандон ду шакли артел артелҳои мутамаркиз ва пароканда пешниҳод гардида буд. Онҳое, ки мехостанд дар хонаҳояшон кор кунанд, ба артелҳои пароканда ҷалб карда шуда буданд. Дар миёни ҳунармандон онҳое низ буданд, ки мехостанд мустақилона фаъолият баранд. Маҳсулоти ин гурӯҳи ҳунармандон дар бозор харидори кам дошт, зеро фишори ҳукумат барои амалӣ гардонидани сиёсати нави иқтисодӣ меафзуд. Дар натиҷа онҳо низ маҷбур шуданд дар артелҳо муттаҳид шаванд ва бо ин роҳ зиндагии худро пеш баранд.

Солҳои 1923-1924 дар ҳудуди Тоҷикистон теъдоди кооперативҳои ҳунармандӣ афзуда, шумораи зиёди ҳунармандонро муттаҳид намуда буданд. Бояд гуфт, ки артел дар

пешрафти саноати замони шӯравӣ мақоми хосро ишғол мекард. Артелро қадами аввалин дар роҳи саноатикунонии мамлакат номидан мумкин аст.

Ҷорӣ гардонидани сиёсати нави иқтисодӣ дар аввал аҳволи иқтисодии ҳунармандонро хеле бад кард. Аммо бо гузашти вақт қариб 90% - и ҳунармандон дар артелҳо муттаҳид карда шуданд, ки ин раванд ба афзоиш ёфтани истеҳсолоти артелӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Аз соли 1920 сар карда давлат фармоишгари асосии корхонаҳои ҳунармандӣ гардид. Агар ҳунарманд маҳсулоти истеҳсолкардаашро фурӯхта наметавонад, давлат онро мехарид. Ин иқдом имкон дод, ки, аввалан, ҳунармандӣ аз байн наравад ва, сониян, дар солҳои 1917 – 1924 он ба соҳаи асосии бо маҳсулоти саноатӣ таъмин намудани талаботи шаҳру деҳот гардад.

Бо ин роҳ Ҳукумати Шӯравӣ ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии худро амалӣ мекард. Боварии коргарон ва деҳқонон сабаби асосии мустаҳкамшавии Ҳукумати Шӯравӣ гардид. Аммо дар баробари ҳамаи ин чорабиниҳо ба буҷаи давлат хисороти зиёд меовард. Ҳукумат маҷбур шуд, ки молҳоро дар шакли асл ба коргарон ба ҷои маош диҳад.

Дар давраи омӯхташаванда тамоми ҳунармандони минтақа аз истеҳсолоти хусусӣ, ки хоси шаҳрҳои асримиёнагӣ ва феодалӣ буд, ба истеҳсолоти дастаҷамъона гузаштанд. Бояд ёдовар шавем, ки ин раванд барои ба воя расидани синфи коргари тоҷик заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар ин самт махсусан қарорҳои зерини Ҳизби Коммунисти (б) ИҶШС нақши муҳим бозидаанд:

Санаи 11 майи соли 1927 қарори КМ ҲК (б) ИҶШС оиди "Артелҳои саноатӣ" баромад. Дар ин қарор оид ба ҷоннок намудани корҳо дар самти муттаҳид намудани ҳунармандон дастурҳои муфид дода шуда буд.

Қарори дигари КМ ҲК (б) ИҶШС аз 3 сентябри соли 1928 "Дар бораи андешидани чораҳо оиди корҳои дастаҷамъӣ ва ташкилотҳои дастаҷмъӣ" баромад. Дар ин қарор вазифагузорӣ карда шуда буд, ки корҳои дастаҷамъӣ ҷоннок карда шуда, тамоми ҳунармандони мамлакат дар артелҳо муттаҳид карда шаванд.

Қарори КМ ҲК (б) ИҶШС аз 23 июли соли 1932 дар бораи "Артелҳои саноатӣ ва истеъмолӣ" дар ташаккули артелҳои саноатӣ ва истеъмолӣ нақши ҳалкунанда бозид. Дар қарор принсипҳои асосии саноатикунонӣ ба назар гирифта шуда буд.

Чи тавре ки дар боло зикр шуд, яке аз аввалин кооперативҳои истеҳсолӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ин артели "Бофанда" ба ҳисоб мерафт. Таърихи ташаккул ва рушди артели "Бофанда" – ро ба се давра тақсим кардан мумкин аст:

1. Солҳои 1920 – 1926: давраи ташкилёбӣ.
2. Солҳои 1926 – 1932: давраи инкишофёбӣ.
3. Солҳои 1932 – 1943: давраи ба фабрика табдилёбӣ.

Дар давраи аввал яъне солҳои 1920 – 1926 дар мамлакат заминаи мусоид барои ташкил ёфтани артелҳои саноатӣ фароҳам оварда шуд. Дар ин миён артели "Бофанда" низ ташкил ёфт.

Соли 1920 аввалин кооператив бо номи «Бофанда» дар шаҳри Хуҷанд ташкил ёфт. Кооператив ин иттиҳоди ҳунармандон буд, ки онҳо якҷоя меҳнат карда, маҳсулот истеҳсол мекарданд. Артел низ айнан ҳамин хел иттиҳод ба ҳисоб мерафт. Иштибоҳ нахоҳад шуд, агар артелро манафактураи олӣ номем. Кооперативи «Бофанда» - и шаҳри Хуҷанд зиёда аз 1000 нафар, мӯзадӯзҳои Хуҷанд 100 нафар, артелҳои пахтатозакунӣ ва пахташоназанӣ 440 ҳунармандонро дар бар гирифта буданд[20, 243].

Давраи дуюм яъне солҳои 1926 – 1932 марҳилаи нави тараққиёти артели “Бофанда” ба ҳисоб меравад. Дар ин давра пояҳои моддӣ ва техникии артел мустаҳкам гардид.

Дар охири соли 1927 артели “Бофанда” зиёда аз 3500 нафар ҳунармандонро муттаҳид мекард, ки 1700 нафаршон хонакор буданд.

Соли 1927 дар шаҳри Хуҷанд фабрикаи бофандагӣ бо номи “Бофандаи сурх” аз нав ба кор оғоз кард, вале талаботи аҳолиро бо маҳсулоти саноатӣ, асосан матоъ, пойафзол, асбобу анҷоми корӣ ва рӯзгор корхонаҳои ҳунармандӣ таъмин мекарданд. Дар Тоҷикистон то охири соли 1929 зиёда аз 1300 ҳунарманд дар устохонаҳои давлатӣ ва тақрибан 4,5 ҳазор ҳунармандон дар корхонаҳои шахсӣ кор мекарданд. Бофандагӣ, ресандагӣ, рангуборкунӣ, кафшдӯзӣ, оҳангарӣ, заргарӣ касбҳои асосии ҳунармандон буданд. Давлат ба муттаҳид намудани онҳо низ шурӯъ карда буд. Ҳукумати Шӯравӣ дар маркази ҳамаи ноҳияҳо яктоги артели ҳунармандӣ кушода, таъмини онҳоро бо ашёи хом ба зиммаи худ гирифта буд. Баъзе аз ин артелҳо то кунун ҳам вуҷуд доранд. Баъзеи онҳо баъдтар ба фабрикаҳои давлатӣ табдил дода шуда буданд.

Соли 1929 сиёсати нави иқтисодӣ бекор карда шуда ба ҷояш саноатикунонӣ ҷорӣ гардид. Аммо дар шароити Тоҷикистон амалӣ гардонидани он ғайриимкон буд. Бинобар ин якчанд даҳсола зарур гардид, ки ин сиёсат пурра татбиқ гардад. Дар соҳаи бофандагӣ дар шаҳри Хуҷанд то миёнаҳои солҳои 40 – ум артелҳо мавҷуд буданд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои шимоли кишвар ин қабил артелҳо то солҳои 90 – ум ҳам вуҷуд доштанд.

Барои дар амал татбиқ намудани саноатикунонӣ дар мамлакат қадамҳои устувор гузошта шуд. Бо ҳамин мақсад ба иттиҳодияҳо муттаҳид намудани артелҳо оғоз гардид.

Санаи 1 январи соли 1930 ба ҳайати Иттиҳоди саноатии округи Хуҷанд 20 артел дохил мешуд, ки артели “Бофанда” бо 1355 нафар коргарон калонтарин ба ҳисоб мерафт[1]. Артел дорои як устохона буд, ки дар он 29 нафар кор мекарданд. Боқимонда 1326 нафари дигар дар хонаҳои худ машғули кор буданд. Даромади солонаи артели “Бофанда” ба 484818 рубл баробар шуд[2]. Ин нишондиҳанда дар солҳои минбаъда ба маротиб афзуд.

Бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи зиёдшавии артелҳо масъалаи муттаҳид кардани онҳо ба миён омад. Санаи 19 январи соли 1930 комиссияи тафтишот дар ҳайати муовини ҷонишини Иттиҳоди саноатии округи Хуҷанд Бурибоев, сармутахассис А.Г. Некезаченко ва муҳосиб И.М. Икнова артелҳои “Бофанда” ва “Бофанди сурх”-ро тафтиш намуд. Дар натиҷаи таҳлил муайян карда шуд, ки дар ҳолати якҷоя кардани артелҳо суръати истеҳсолот суст мешавад. Бинобар ин тавсия дода шуд, ки фаъолияти артелҳоро дар солҳои минбаъда зери назорати сахт гирифта, ба онҳо қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шавад[3].

Дар солҳои 1926 – 1931 қисмати зиёди коргарони округи Хуҷанд ба бофандагӣ машғул буданд. Тақрибан 48%-и тамоми коргаронро бофандаҳо ташкил медоданд. Артели “Бофанда” дар ҷалби занон ба кори дастаҷамъӣ нақши калон мебозид. Дар ин бора ҳисоботи соли 1930 маълумоти муфассал медиҳад. Мувофиқи ин ҳисобот 52%-и коргарони артелро занон ташкил медоданд[4]. Барои ташаккули минбаъдаи артел соли 1930 ба маблағи 25000 рубл қарзи давлатӣ (заём) ҷудо карда шуд. Ин маблағҳо асосан барои дарёфти ашёи хом сарф карда шуд[5].

Фабрикаи “Бофандаи сурх” бошад дар соли 1930 ба маблағи 7575 рубл қарзи имтиёзнок гирифт, ки онҳоро моҳи сентябр дар байни 243 нафар коргарон тақсим карда дод. Ҳар як коргар аз 25 то 250 рубл қарзи имтиёзнокро соҳиб гардид[6]. Ин ба фаъолияти минбаъдаи онҳо таъсири мусбат расонид.

Дар соли 1931 аз фаъолияти артели "Бофанда" натиҷагирӣ карда шуд. Дар моҳи ноябри соли 1931 дар артели "Бофанда" 960 нафар кор мекарданд[7]. Сабаби асосии кам шудани коргарон ин ба артелҳои майда тақсим шудани артели "Бофанда" буд.

Артели "Бофанда" дар соли 1931 ба маблағи 1 миллиону 315 ҳазору 800 рубл маҳсулот истеҳсол намуд, ки ин нишондиҳанда танҳо 53,4%-и нақшаро ташкил медод. Сабаби асосии иҷро нагаштани нақша дар он буд, ки дар оғози сол шумораи коргарони артел ба маротиб кам шуд[8].

Дар баробари пешравиҳо дар артел камбудиҳо низ ҷой дошт. Мувофиқи аризаи раиси артели "Бофанда" В.П. Зайцов ба Комитети шаҳрии Ҳизби Комунистии (КШҲК) Хуҷанд дар ибтидои соли 1931 дар артел се мушкилоти асосӣ мавҷуд буд:

1. Таҷҳизоти кӯҳна.
2. Нарасидани қувваи корӣ.
3. Нарасидани ресмон барои бофандаҳо[9].

Моҳи ноябри соли 1931 "Иттиҳоди истеҳсолии артелҳои бофандагӣ" ташкил ёфт, ки ба ҳайати он артелҳои "Бофанда" ва "Занони озоди Шарқ" дохил мешуданд. Ба ин иттиҳод 1288 нафар ҳунармандон муттаҳид карда шуданд, ки 960 нафарашон коргарони артели "Бофанда" ва боқимонда 368 нафари дигарашон аз артели "Занони озоди Шарқ" буданд.

Дар оғози соли 1932 шумораи аъзои артели "Бофанда" 1240 нафарро ташкил медод, ки аз онҳо 1138 нафарашонро тоҷикону ӯзбекон ва 102 нафари дигарашонро намояндагони халқиятҳои гуногун ташкил медоданд[10].

Дар истеҳсолот ҳам пешравиҳои чашмрас ба назар мерасиданд. Аз ҷумла дар ду моҳи аввали соли 1932 аъзои артел ба маблағи 293 ҳазор рубл маҳсулот истеҳсол карданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 1931 171 ҳазор рубл зиёд аст[11].

Дар артели "Бофанда" соли 1929 1232 нафар коргарон кор мекарданд. Соли 1930 бошад миқдори коргарони артел 123 нафар зиёд шуда, ба 1355 нафар расид. Ин рақамҳо шоҳиди онанд, ки артели "Бофанда" рӯз то рӯз инкишоф меёфт. Дар соли 1931 шумораи коргарони артел аз ҳисоби ташкилёбии артелҳои майдаи бофандагӣ камшуда 960 нафарро ташкил медод[12].

Дар баробари зиёд шудани миқдори коргарони артели "Бофанда" даромад низ афзуд. Масалан агар соли 1930 даромади моҳонаи артел ба ҳисоби миёна 53 018 рублро ташкил намояд, пас дар соли 1931 даромади моҳонаи он ба 78 513 рубл баробар гардида, даромади умумӣ дар ҳаҷми 44,1% зиёд шуд[13].

Барои соли 1932 Комитети маҳаллии ноҳиявӣ дар назди артели "Бофанда" вазифаҳои зеринро гузошт:

1. Иҷрои пурраи нақшаи соли 1932.
2. Иҷрои нақшаи панҷсола дар асоси қарордоди шӯрои артел.
3. Иҷрои амру фармонҳои Иттиҳоди саноатии Хуҷанд.
4. Мусобиқаи фурӯши молҳои истеҳсолшуда.
5. Сохтани барномаи истеҳсолӣ[14].

Соли 1932 артел дар суратҳисобаш 148 ҳазору 366 рубл маблағи иловагӣ дошт, ки онро барои пешрафти худ истифода намуд[15]. Дар охири соли 1932 артели "Бофанда" бо артели "Бофандаи сурх" муттаҳид карда шуд, ки он номи артели "Бофандаи сурх"- ро гирифт. Сабаби асосии муттаҳид карда шудани ин артелҳо кам шудани аъзои онҳо ва коҳиши маҳсулнокии меҳнат буд.

Дар давраи сеюм (1932 – 1943) артел пурқувват гардида, шумораи коргарон ба маротиб афзуд. Дар ин давра заминаҳои бунёди фабрикаи калони бофандагӣ ба вуҷуд омад.

Соли 1932 фабрикаи “Бофандаи сурх” фаъолияти худро қатъ кард ва ба ҷойи он артели “Бофандаи сурх” таъсис ёфт. Баъд аз натиҷабардорӣ дар соли 1931, ки нишондиҳандаи ғайриқаноатбахш ба ҳисоб мерафт, аъзои артел ба хулосае омаданд, ки бояд самараи корро баланд бардоранд. Ин аст, ки дар таи чанд соли минбаъда артел ба мувафақиятҳои калон ноил гашт. Дар ин давра бо роҳи додани мукофотпулӣ ҳаҷм ва сифати маҳсулотро баланд бардоштанд. Инчунин бо роҳи бастани шартнома бо соҳаи кишоварзӣ ашёи хомро таъмин намуданд.

Бояд қайд кард, ки дар инкишофи ҳунармандӣ ва саноат дар ноҳияи Хуҷанд ҳаракати стахановчигӣ аҳамияти калон дошт. Артели шоҳибофии «Бофандаи сурх» дар соли 1935 барномаи квартали дуюмро пурра ва барзиёд иҷро намуд. Нақша 118,6% иҷро гардид. Танҳо истеҳсоли шоҳӣ дар артели мазкур 27 ҳазор метрро ташкил дод. Дар артел 132 нафар занҳо дар ин самт кор мекарданд, ки 66 нафарашон хеле фаъол буданд. Номи пешқадамони истеҳсолот аз қабили Ф. Қобилова, И. Раупова, И. Осимова, Раҳматова ва дигарон дар тамоми ҷумҳурӣ машҳур буд.

Бо шарофати ҳаракати стахановчигӣ артели «Бофандаи сурх» нақшаи нуҳмоҳаро 127% иҷро намуд. Артели «Бофандаи сурх»-и шаҳри Хуҷанд дар рақобат аз артели «Озодии занони Шарқ»-и шаҳри Душанбе қафо намемонд. Дар панҷ сехи артел мусобиқаи меҳнатӣ мерафт, ки дар ин мусобиқа 200 нафар иштирок мекарданд. Дар натиҷаи истифодаи методҳои стахановчигӣ артел 6 ноябри соли 1935 нақшаи солонаро 106% иҷро кард.[20, 81-82]

Монанди дигар артелҳо, артели “Бофанда” (баъдтар “Бофандаи сурх”) низ дорои низомнома буд. Артел дар таърихи мавҷудияташ се маротиба низомнома қабул кардааст:

1. Низомномаи якум соли 1924.
2. Низомномаи дуюм соли 1928.
3. Низомномаи сеюм соли 1932.

Чуноне ки ба мо маълум аст барои созмон додани артел аввал бояд самти фаъолияти онро муайян намуд ва онро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ қонунӣ гардонид. Низомномаи ташкилотҳои истеҳсолӣ 15 феврали соли 1927 аз ҷониби КМ ҲК ҶШС Ӯзбекистон таҳти №2 қабул гардида буд[16]. Ин низомнома ба округи Хуҷанд низ тааллуқ дошт, зеро дар ин давра Хуҷанд ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон дохил мешуд. Ин низомнома “Нормальный устав промысловой кооперативной артели (товарищество) под наименованием” (Низомномаи меъёрии артели истеҳсолӣ (рафоқат) зери номгузорӣ) ном дошт. Низомнома аз 10 бобу 98 модда иборат буд.

Якумин низомномаи “Трудовой кооперативный артель (товарищество)” (Артели меҳнатии кооперативӣ – рафоқат) соли 1925 қабул гардид. Ин низомнома аз 9 бобу 87 модда иборат буд[16].

Низомномаи дигар бо номи «Устав промыслового кредитного товарищество» (Низомномаи рафоқати истеҳсолии кредитӣ) соли 1924 қабул шуда, аз 9 боб в 152 модда иборат буд[15].

Дар низомномаҳои мазкур масъалаҳои ташкил, фаъолият, тафтишот ва тартиби барҳам додани ташкилотҳои истеҳсолии саноатӣ ва кооперативҳои истеҳсолию кредитӣ матраҳ гардидаанд.

Аз соли 1928 сар карда байни саноат ва деҳқонон шакли нави муносибати моливазкунӣ контрактатсия (шартнома) ба вуҷуд омад. Корхонаи саноатӣ бо деҳқонон шартнома мебаст, ки дар асоси он деҳқонон маҳсулоти истеҳсолкардаашонро бо нархи бозор ба корхонаҳо мефурӯхтанд. Дар байни артели “Бофанда” ва хоҷагиҳои деҳқонӣ низ айнан ҳамин хел

шартномаҳо баста шуданд. Масалан артел бо тамоми кооперативҳои пахтакории Хуҷанд шартномаҳои корӣ баста, ашёи хомро бо нархи давлатӣ харидорӣ менамуд.

Ин шакли шартнома то ба дараҷае деҳқононро ҳавасманд кард, ки то миёнаи соли 1929 57,6%-и хоҷагиҳои деҳқонӣ ба он дохил гардида буданд. Пахтакорӣ тамоман шартномавӣ шуда буд.

Дар натиҷаи чунин сиёсати дуруст ва саривақтӣ ҳам саноат ва ҳам кишоварзӣ баробар инкишоф ёфтанд. Дар амалигардонии ин сиёсат саҳми артелҳои кипшоварзӣ ва ҳунармандону косибон хеле калон буд.

Дар солҳои пешазҷангӣ артел қариб 50%-и маҳсулоти бофандагии Тоҷикистони Шимолиро истеҳсол мекард. Дар ин давра пояҳои моддӣ ва техникии артел пурқуваттар гардид. Соли 1943 артели "Бофанда" ба фабрикаи бофандагӣ табдил дода шуд.

Ҳамин тавр, артели "Бофанда" аз ҷумлаи аввалин артелҳои саноатӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккул ва пешрафти иқтисодиёти мамлакат саҳми бузург гузоштааст. Артели мазкур дар асоси "Сиёсати нави иқтисодӣ" ташкил ёфта буд. Маҳз ҳамин артел заминаи асосии ташкилёбии фабрикаҳои бофандагӣ гардидааст.

Пайнавишт:

1. *Бойгонии давлатии видояти Суғд. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №55. В. 35.*
2. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №56. В. 5.*
3. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №52. В. 20.*
4. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №56. В. 76.*
5. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №59. В. 6.*
6. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №71. В. 75-84.*
7. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №52. В. 5.*
8. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №2. Парвандаи №52. В . 5.*
9. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №53. В. 3.*
10. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №2. Парвандаи №52. В. 7.*
11. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №2. Парвандаи №52. В. 5.*
12. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №55. В. 21.*
13. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №50. В. 44.*
14. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №2. Парвандаи №52. В. 8.*
15. *БДВС. Хазинаи № 172. Рӯйхати №1. Парвандаи №1. В. 3.*
16. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №13. В. 1.*
17. *БДВС. Хазинаи №172. Рӯйхати №1. Парвандаи №14. В. 43.*
18. *Биржевые артели // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона в 86 т. (82 т. и 4 доп.). — СПб., 1890—1907.*
19. *История Ленинабада (Научно-популярный очерк). - Душанбе: Ирфон,1986. - 380 с.*
20. *История таджикского народа. Том 5. Новейшая история (1917-1941). - Душанбе, 2004. - 477 с.*
21. *История рабочего класса. Том 1.- Душанбе, 1978.*
22. *Набиева Р. Женщины Таджикистана в борьбе за социализм. - Душанбе, 1973.*
23. *Новиков И.А. «Артель»: этимология слова и термин в русском дореволюционном законодательстве (рус.) / Томский государственный университет // Научная редакция "История". — 2009. — 20 июля.*
24. *Толковый онлайн-словарь Д.Н. Ушакова. www.dict.t-mm.ru. (Дата обращения: 6 сентября 2019 г.).*

25. *Хайдаров Г.Х. Очерки истории социалистического строительства в Северном Таджикистане (1917-1937).- Душанбе, 1974. - 197 с.*
26. *Хайдаров Г. История Таджикской ССР.- Душанбе: Маориф, 1991.- 176 с.*
27. *Ҳакимов Н. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 2017. - 288 с.*

Reference Literature:

1. *Sughd Viloyat State Archive. Fund 172. Inventory 1. Case 55. Sheet 35.*
2. *SVSA (Sughd Viloyat State Archive). Fund 172. Inventory 1. Case 56. Sheet 5.*
3. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 52. Sheet 20.*
4. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 56. Sheet 76.*
5. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 59. Sheet 26.*
6. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 71. Sheets 75 – 84.*
7. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 72. Sheet 5.*
8. *SVSA. Fund 172. Inventory 2. Case 52. Sheet 5.*
9. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 55. Sheet 3.*
10. *SVSA. Fund 172. Inventory 2. Case 52. Sheet 7.*
11. *SVSA. Fund 172. Inventory 2. Case 52. Sheet 5.*
12. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 55. Sheet 21.*
13. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 50. Sheet 44.*
14. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 52. Sheet 8.*
15. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 1. Sheet 3.*
16. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 13. Sheet 1.*
17. *SVSA. Fund 172. Inventory 1. Case 14. Sheet 43.*
18. *Stock-Exchange Artels // Encyclopedic Dictionary by Brokgauze and Efron in 86 Volumes (84 volumes + 4 supplementary ones). – SPb., 1890 – 1907.*
19. *The History of Leninabad (Scientifico-Popular Essay). – Dushanbe: Cognition, 1986. – 380 pp.*
20. *The History of the Tajik Nation. Volumes 5. The Newest History (1917 – 1941). – Dushanbe, 2004. – 477 pp.*
21. *The History of the Working Class. Volume 1. – Dushanbe, 1978.*
22. *Nabiyeva R. Women of Tajikistan in Fight for Socialism. – Dushanbe, 1973.*
23. *Novikov I.A. "Artel" Word Etimology una Term in Russian pre-Revolutionary Legislation (Russian) // Tomsk State University // "History" Scientific Editorial Office. 2009-July 20.*
24. *Online Dictionary. Interpretation Dictionary by D.N. Uskakov. (Date of request: 06.09.2019).*
25. *Khaydarov G.Kh. Essays on the History of Socialist Building in Northern Tajikistan (1917 – 1937). – Dushanbe, 1974. – 97 pp.*
26. *Khaydarov G.Kh. The History of the Tajik SSR. – Dushanbe: Enlightenment, 1991. – 176 pp.*
27. *Khakimov N. The History of the Tajik Nation. – Dushanbe: Enlightenment, 2017. – 288 pp.*

УДК 930.85
ББК 63.3 (5Т)

БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО РОҶЕЪ БА АНЪАНА ВА МАРОСИМҲОИ ОИЛАВИИ ТОҶИКОН

Исомитдинов Жорабек Бобобекович, *н.и.т, дотсент, мудири кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»,* ***Шарипов Далерҷон Салимҷонович,*** *унвонҷӯи кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

НЕКОТОРЫЕ СУЖДЕНИЯ О СЕМЕЙНЫХ ОБЫЧАЯХ И ОБРЯДАХ ТАДЖИКОВ

Исомитдинов Жорабек Бобобекович, *канд.истор.наук., доцент, завкафедрой отечественной истории и археологии ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова",* ***Шарипов Далерджон Салимджонович,*** *соискатель, кафедры отечественной истории и археологии ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

CERTAIN JUDGMENTS CONCERNED WITH TAJIKS` CUSTOMS AND RITUALS

Isomitdinov Zhorabek Bobobekovich, *candidate of historical sciences, Associate Professor, chief of the department of Home history and archeology under the State Educational Institution (SEI) "Khujand State University named after academician B. Gafurov,* ***Sharipov Dalerdjon Salimjohnovich,*** *claimant for candidate degree of the department of Home history and archeology under the State Educational Institution (SEI) "Khujand State University named after academician B. Gafurov (Tajikistan, Khujand)*
E-MAIL: *isomatdinov1961@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *анъанаҳои тоҷикӣ, урфу одат, расму оин, оила, анъанаҳои оилавӣ, оилаи калон, оилаи хурд*

Урфу одат, таомул, анъана, маросиму ҷашнҳои оилавӣ, ки бо таъриху рӯзгори халқ вобастагӣ доранд, таҳлил шудааанд. Масъалаҳои ташаккулёбии урфу одат ва расму оинҳои оилавӣ, таҳаввули онҳо, таъсири онҳо ба муносибатҳои оилавӣ, ба психология ва рафтори одамон, ҳифзу гиромидошти анъана, маросимҳо, расму оин, таомулҳои оилавӣ баррасӣ гардидааанд. Афкори олимон С.А.Токарев, Д.М. Угринович,И.В. Суханов, Н.А.Кисляков, Б.Р. Турсунов ва дигарон оид ба анъанаҳои оилавӣ ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Инчунин, муҳимтарин паҳлӯҳои оила ва оиладории тоҷикон, тағйирёбии сохти ҷамъиятӣ ва коҳиш ёфтани макоми оилаи патриархалии калон, мавқеи устувор пайдо кардани оилаи хурди моногамӣ тадқиқ шудааст. Ҳамчунин ҷанбаҳои этнографии муносибати оилавӣ, эҳтиром ба калонсолон, ба оиладорӣ омода кардани ҷавонон, меҳмоннавозӣ ва ғайра баррасӣ гардидааанд.

Ключевые слова: *таджикские традиции, ритуалы, обряды, семья, семейные традиции, большая семья, малая семья*

Анализируются обычаи, традиции, обряды и семейные праздники, связанные с историей и бытом таджикского народа. Рассматривается формирование семейных обычаев и традиций, их эволюция, влияние на семейные отношения, психологию и поведение людей, сохранение и уважение традиций, обрядов, семейных обычаев. Прорабатываются взгляды ученых С.А. Токарева, И.В. Угриновича, И.В.Суханова, Н.А.

Кислякова, Б.Р. Турсунова на семейные традиции. Также исследованы наиболее важные аспекты таджикской семьи: изменения в её социальной структуре, снижение статуса большой патриархальной семьи, создание малой моногамной семьи. Рассмотрены этнографические аспекты семейных отношений: уважение к старшим членам семьи, подготовка молодежи к семейно-брачным отношениям и гостеприимство таджиков.

Key-words: *traditions, rituals, rites, family, family traditions, big family, small family.*

The article presents an analysis of customs, traditions, rites and family holidays related to the people`s history and its everyday life. It dwells on the formation of family customs and traditions, their evolution, influence over family relations, psychology and people`s behavior, preservation of traditions, rites, family customs and respect for them. Scholars` views upon family traditions are studied. Here we run into the names of such scientists as S.A. Tokarev, I.V. Ugrinovich, I.V. Suhanov, N.A. Kislyakov, B.R. Tursunov. The authors also touch upon the mostly important aspects of a Tajik family: changes in its social structure, reduction of a status of a large patriarchal family, creation of a small monogam family. Such issues are taken into account as ethnographic aspects of family relations, esteem for senior members of a family, preparation of youth for family matrimonial relations and hospitality of Tajiks.

Ба ҳамагон маълум аст,ки оила ва аъзои онро асоси ҷамъият меҳисобанд. Пешрафти ҷамъият аз дараҷаи тараққиёи оила ва шахс вобастагии зич дорад. Дар адабиёти илмии муосир мафҳуми оиларо ҳамчун «ячейка», «умумият», «гурӯҳ», «ҷомеа» маънидод мекунанд. Дар луғати тафсирии сотсиологии Collins мафҳуми «оила» чунин маънидод гаштааст: «Гурӯҳи одамоне, ки бо ҳамдигар робитаи хешутаборӣ доранд ва дар он калонсолон масъулиятро бар дӯш гирифта, ба тарбияи фарзандон ё писархонду духтархонд машғуланд»[1,с.194].

Дар ҳаёти иҷтимоии тоҷикон урфу одат, таомул, анъана, маросиму ҷашнҳои оилавӣ, ки бо таъриху рӯзгори халқ вобастагӣ доранд, нақши муҳим мебозанд. Урфу одатҳои оилавӣ аз овони таваллуд то фавт инсонро ҳамроҳӣ мекунанд ва бо ҳодисаҳои муҳимтарини зиндагӣ алоқамандӣ доранд. Дар ҳаёти ҳар як инсон чунин ҳодисаву марҳилаҳо вучуд доранд, ки онҳо таваҷҷӯҳи хосаро талаб мекунанд.

Урфу одат ва расму оинҳои оилавӣ дар муддати тӯлонӣ, асрҳо инҷониб ташаккул ёфтаанд. Онҳо дар ҷараёни душвори ба ҳам омадани анъанаҳои фарҳангӣ ва қабилаву халқиятҳои маскуни Осиёи Марказӣ, ки дар этногенези тоҷикон нақш бозиданд, ташаккул ёфтаанд. Онҳо хусусияти хеле ҷолиби ба худ хос ва гуногунҷанба дошта, аз даврони муносибатҳои падаршоҳӣ (патриархалӣ)-и авлодиву қабилавӣ сарчашма гирифтаанд. Урфу одатҳои оилавӣ роҳи дуру дарози тараққиётро тай намуда, дар худ боқимондаҳои эътиқод, парастиш, ҷаҳонбинӣ, оини оиладорӣ ва тарзи зисти ҷамъиятиро муҷассам намудаанд.

Урфу одатҳои оилавӣ ба муносибатҳои оилавӣ, ба психология ва рафтори одамон таъсир расонида, аҳамияти муҳимми тарбиявӣ доранд. Ҳифзу гиромидошти расму оин, таомулҳои оилавӣ ба шароити мавҷуда, муҳити таърихӣ ва фаъолияти иттиҳодияи одамон, ки меъёрҳо ва арзишҳои ягонаи иҷтимоӣ доранд, зич алоқаманд мебошанд.

Шумораи зиёди китоб, мақола, ҷузваҳоро, ки ба анъанаву маросим, расму оинҳои кӯҳна ва нав бахшида шудаанд, ва дар сатҳу услуби мухталиф таълиф гардидаанд, чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:: 1) осори сирф тасвирӣ – тавсифӣ, ки анъана ва маросимҳои куҳану нави халқиятҳои гуногунро бозгӯ мекунанд; 2) адабиёти маъмули хусусияти таблиғотӣ дошта, ки дар онҳо бештар маросимҳои нави "шаҳрвандӣ" арзёбӣ гаштаанд; 3) таҳқиқоти сотсиологии урфу одатҳо ҳамчун падидаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

4) осори таҳлилии муқоисавии этнографии расму оинҳо ва маросимҳое, ки ба этногенез ва робитаҳои этникии халқу миллатҳо бахшида шудаанд; 5) асарҳои илмие,ки анъана ва маросимҳоро аз лиҳози расмӣ-структуралистӣ (семиотикӣ) баррасӣ намудаанд [5,с.26].

Дар илми мардумшиносӣ авлавият дар таҳияи назариявии ин масъала ба С.А.Токарев тааллуқ дорад, ки соли 1980 дар маҷаллаи «Советская этнография» мақолаи ӯ бо номи «Одатҳо ва маросимҳо ҳамчун объекти таҳқиқоти этнографӣ» ба табъ расидааст[5]. Ғояи асосии мақолаи мазкур аз он иборат аст, ки дар он байни урфу одат фарқ гузошта мешавад: «Кас наметавонад ин ду гурӯҳи моҳиятан гуногуни падидаҳои иҷтимоиро, ки аз ду истилоҳи умуман баробар фаҳмидашаванда иборатанд, аз ҳам ҷудо намояд: урфу одат (анъана, расм) ва маросим (оин, одат). Вале таносуб байни ин ду падида на ҳама вақт мудаллил сохта мешавад. Одатан ин ду истилоҳ - «урфу одат» ва «маросим» аз ҳам фарқ карда намешаванд»[5,с.27].

Мувофиқи пешниҳоди Д.М. Угринович «урфу одат» тарзи якхелаи қолабии фаъолияти одамӣ буда, онро наслҳои нави одамон нусхабардорӣ мекунанд [7,с.17]. С.А. Токарев ин мулоҳизаро тақвият додааст. Ба фикри ӯ ҳама гуна «расму оин» ҳатман тарзи стереотипии фаъолият аст. Ба ақидаи С.А. Токарев «расму оин» як намуди «урфу одат» аст, ки мақсад ва маънои он ифодаи бештар рамзии ягон ғоя, ҳиссиёт, амалиёт будааст. Ҳамин тавр, ҳар гуна расму русум, ҳамаи оинҳо ин ҳамон «урфу одат» аст ва дорои хислати ифодакунии ягон ғоя ва ивазкунандаи амалиёти мушаххас мебошад.

Ба фикри И.В. Суханов сохтори ҳама гуна «урфу одат» аз чор унсур иборат аст: 1) муносибатҳои мафкуравии ҷамъиятӣ; 2) мазмуни ғоявии онҳо; 3) сифатҳои маънавии шахсият, ормонҳои (идеалҳои) сиёсӣ, ахлоқӣ; 4) «расму оин» мисли вожаи ҳаммаънои «урфу одат», «анъана» дар ҳаёти ҷамъиятӣ тасдиқи устувор дорад.

Одати пагоҳӣ шустушӯ намудан ва тоза кардани дандон; одати риштарошӣ; одати сарулибос пӯшидан; одати риояи муомилаи хуши фардҳо; одати роҳ гаштан аз тарафи рости пиёдараҳа; одати дастгирию ёрӣ бо наздикон, хешовандон, ҳамсоягон ва бегонагон; одати тақсими мерос, одати меҳмонпазироӣ ва ғ. аз урфу одати маъмулии мардуми тоҷик маҳсуб меёбанд. Онҳо бо расму оинҳо алоқамандӣ надоранд.

Намунаҳои урфу одатҳо, ки дар ниҳодашон унсурҳои расму таомулҳо дар шакли рамзҳо, аломатҳо, амалҳои пурмаъно вуҷуд доранд, инҳоянд: дастфишурӣ (мусоҳафа, вохӯрдӣ) ҳангоми вохӯрдани дӯстон, одати кафкӯбӣ дар маҷлисгоҳ, театр, толори консерт, маҳфилҳо, одати шаробнӯшӣ дар базм, одати ороиши манзилу истиқоматгоҳ бо ранги кабуди рустанӣ дар айёми ҷашнҳо.

Оиларо ячейкаи ибтидоии ҷамъият меҳисобанд, ки он анъанаву маросимҳои ба худ хосро дорост. Дар давраи ба мо наздики этнографӣ - охири асари Х1Х – ибтидои асри ХХ дар байни тоҷикон оилаи ҷуфт (моногам) ҳукмрон буд. Ҳамзамон оилаҳои калони аз ҳам ҷудонашудаи патриархалӣ – авлодӣ низ вуҷуд доштанд. Оилаҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки теъдоди аъзояшон зиёде аз 20 нафар буда, якҷоя истиқомат мекарданд. Ҳам дар оилаҳои калони патриархалӣ ва ҳам дар оилаҳои ҷуфти хурд сарвари оила мардҳо ба шумор мераванд. Бобою бибӣ (оча), фарзандони мардинаи онҳо бо ҳамсаронашон ва инчунин набераҳо дар якҷоягӣ оилаи калонро ташкил дода, ба замин (қитъаи замини наздиҳавлигӣ) молу чорво, олоти меҳнат соҳибӣ мекарданд, ҳамроҳ кору фаъолият бурда, ризқу рӯзиашонро бо меҳнати дастаҷамъона дарёфт мекарданд [3,с.35]. Мавҷудияти оилаҳои калони патриархалӣ то солҳои 30-юми асри ХХ (то оғози коллективонии оммавии соҳаи кишоварзӣ) идома дошт. Ин ҷараён аслан аз давраи ба гирдоби сохти нави капиталистӣ кашида шудани кишвар, ҷорӣ гаштани муносибатҳои моливу пулӣ оғоз шуда буд.

Дар оилаи патриархалӣ ҳамаи фарзандон (писарҳо) ба падар тобеъ буданд, онҳо мустақилона соҳибӣ ва идора намудани даромади оилавиро надоштанд, хӯҷаини асосии молу мулк сарвари оила ба шумор мерафт, яъне аз ҷиҳати моддӣ писарон тобеъи падар буданд. Замин ва дигар мулки оила танҳо баъди вафоти сарвари оила байни писарон тақсим мешуд. Дар гузашта оилаҳои калон асосан барои хоҷагиҳои бой хос буд, зеро онон аз ҷиҳати иқтисодӣ барои нигоҳ доштани хоҷагии умумӣ манфиатдор буданд. Оилаҳои камбағалу камзамин бинобар ночории иқтисодӣ ба ҷудошавӣ (ба оилаҳои хурд тақсимшавӣ) маҷбур буданд.

Албатта, мустаҳкамии ҷомеа аз мустаҳкамии оилаҳо вобастагии қавӣ дорад. Дар байни тоҷикон (дар ҳамаи минтақаҳои кишвар) якчанд оилаҳо ба таври расмӣ муттаҳид гардида, «авлод» ё «тӯп», «уруқ»-ро ташкил медиҳад. Ҳамчун авлод на танҳо гурӯҳи хешу таборони дар қайди ҳаёт буда, балки шахсони фавтидаи хеши падарӣ (бо занҳои онҳо) низ дар назар дошта мешавад. Авлод одатан ба таври анъанавӣ якҷоя дар кӯча ё маҳаллаи алоҳида зиндагӣ мекунад, яъне ҳудуди маҳалла таърихан мавзеъи зисти ҳамон авлод ба шумор меравад. Онҳо ба мулки авлодӣ (мулки бобоӣ, мулки падарӣ)-и худ соҳибӣ намуда, бо тарбияи фарзандони солеҳу соҳибмаърифатро машғул мегаштанд.

Дар оиладории тоҷикон то имрӯз чунин одат маъмул аст, ки тибқи он писари калонӣ баъди хонадоршавӣ (пас аз хонадоршавии додари хурдиаш) ба ҳавлии дигар кӯчонида мешавад.

Агар имконияти молиявии хонапӯшӣ (манзилсозӣ) набошад, писари калонӣ метавонист то ба воя расидани фарзандаш дар хонаи падарӣ монад. Сарвари оила баъди тавлиди писар тибқи анъана ғами писарро хӯрда, аз рӯи имконият бо хонасозӣ, пурра кардани мавод (анҷому асбоби) рӯзгор, шинондану парвариши дарахти сафедор ва ғ. машғул мешуд. Модар бошад ғами духтарро мехӯрд, бо ҷамъ намудани бисоти духтарӣ (сарупои арӯсӣ) машғул мешуд.

Мутобиқи одат дар ҳавлии падарӣ (авлодӣ) писари хурдӣ бо волидайн мемонд, баъди вафоти падар хонаву дар ва хоҷагӣ ба мулки меросии ӯ табдил меёфт.

Бо тағйирёбии сохти ҷамъиятӣ ба ивази оилаи патриархалии калон оилаи хурди моногамӣ ба вуҷуд меояд. Ин ҳолати табиист, ки яку якбора ба вуҷуд наомадааст. Дар ин ҷараён оилаҳои тақсимнашуда ташаккул меёбанд, яъне оилаи нав ҷудошуда ба мустақилияти комил соҳиб набуд. Танҳо хонаву дар, қисман молу ҳол ва «дег»-и он ҷудо шуда замин, корхона ё дӯкон ҳанӯз умумӣ ҳисобида мешуд. Ба ибораи халқӣ танҳо «деги онҳо ҷудо» карда шуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ онҳо ба падар тобеъ буданд. Аксар вақт оилаҳои хурде, ки дар деҳа ба вуҷуд меомаданд ба ҳайати оилаҳои калон дохил шуда, одатан дар хонаҳои алоҳидаи даруни як ҳавлӣ мезистанд.

Ҳангоми «ҷудо кардани дег» сарвари оила баъзе маҷбуриятҳоро иҷро мекард. Пеш аз ҳама оиларо бо маводи аввалиндараҷа: хонаву дар, асбобу анҷоми рӯзгор, олоти меҳнат ва ғ. таъмин кардан зарур буд. Дар давоми сол барои мустаҳкам шудани асоси иқтисодии оилаи нав, онро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ мекард. Аъзои оилаи калон ҳамаи чорабиниҳои анъанавиро, ки бо тавлиди фарзанд вобастагӣ дошт, аз гаҳворабандон то хатнатӯйӣ (чукбуррон) дар ҳамбастагӣ барпо менамуданд [6,с.31-32].

Мардумшиносон (этнографҳо) оилаи тақсимнашударо бо истилоҳи «оилаи душвор» низ ифода намудаанд. Умуман, дар даврони Шӯравӣ дар байни тоҷикон мавҷудияти ду шакли оила: оилаи тақсимнашуда ва оилаи хурдро мушоҳида мекунем. Ҷараёни аз байн рафтани оилаҳои калони патриархалӣ ва оилаҳои тақсимнашударо ислоҳотҳои замину об, коллективонии кишоварзӣ, ки солҳои 20-30 –уми асри ХХ гузаронида шуданд, тезонид. Сиёсати мазкур хоҷагиҳоро аз асоси иқтисодӣ маҳрум сохт. Теъдоди оилаҳои хурд торафт

зиёд мегашт. Ба ин раванд ба аъзои колхоз (колхозчиҳо) ҷудо кардани қитъаҳои замин аз ҷониби колхозҳо барои участкаҳои наздиҳавлигӣ низ сабаб гаштанд.

4. *Isomiddinov M. Stratigraphy of Koktepa settlement and some Questions on the History and Culture of Sogdiana of the Hellenistic period // Traditions of the East and West in the Ancient Culture of Central Asia. - Tashkent, 2010. - pp. 131-140*
5. *History of the Tajik People. In 6 volumes. T.4. - Dushanbe, 2010. - 1124 pp.*

6. *Markov E.L. Russia in Central Asia: Essays on Travels over Transcaucasus, Turkmenistan, Bukhara, Samarkand, Tashkent and Ferghana Regions, the Caspian Sea and the Volga. - SPb., 1901.*
7. *Negmatov N.N. Khujand. The Main Stages of History // Researches on the History and Culture of Leninabad. - Dushanbe, 1986. – pp. 3-15.*
8. *Rakhimov N.T. Excavations in Khujand Fortress in 1992 // Archaeological Jobs in Tajikistan. - Issue 40. - Dushanbe, 2019. - pp. 356-360.*
9. *Rakhimov N.T., Bobodjonova M. On the History of Water Supply of Khujand Fortress // Bulletin of the Historical Museum of Sughd Region. Issue 5. - Khujand, 2019. – pp. 23 – 32.*
10. *Negmatov N.N., Belyaeva T.V. Archaic Khojent-Alexandria Eskhata: (To the problem of the Syr-Darya Basin Urbanization) // Journal of Central Asia (Islamabad). - 1986. - Vol.9. # 2, - pp. 41-54.*

10 01 00 АДАБИЁТШИНОСӢ
10 01 00 ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ
10 01 00 LITERARY CRITICISM

10 01 03 ЛИТЕРАТУРА НАРОДОВ СТРАН ЗАРУБЕЖЬЯ
10 01 03 LITERATURE OF FOREIGN COUNTRIES PEOPLES

УДК 820
ББК 83.3

МАВҚЕИ ТАРКИББАНД ДАР ДЕВОНИ НАЗИРИИ НИШОПУРӢ

Маҳмудзода Обидҷони Бекназар, *н.и.ф, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С.Айнӣ, (Тоҷикистон, Душанбе)*

МЕСТО ТАРКИББАНДА В ДИВАНЕ НАЗИРИ НИШАПУРИ

Махмуд-заде Обиджон Бекназар, *канд.филол.наук, старший преподаватель кафедры теории и истории литературы факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни (Таджикистан, Душанбе)*

THE PLACE OF TARKIBBAND (POETIC FORM WITH REPETITIVE REFRAIN) IN NAZIRII NISHOPURI`S DIVAN

Mahmudzoda Obidjoni Beknazar, *candidate of philological sciences, lecturer of the department of theory and history of literature under the Tajik State pedagogical University named after S. Ayni*
E-MAIL*: mirobid-26@mail.ru*

Калидвожаҳо: *Назирии Нишопурӣ, таркиббанд, сабки ҳиндӣ, мавзӯъ ва мундариҷа, ҳунари шоирӣ, маҳорати шоирӣ, шеваи хос, масоили ирфонӣ ва бадеӣ*

Ҷойгоҳи таркиббанд дар Девони Назирии Нишопурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар заминаи омӯзиши мавзӯъ исбот шудааст, ки ҳарчанд дар "Девон"-и шоир ҳамагӣ 7 таркиббанд мавҷуд аст, аммо Назирӣ дар сурудани ин навъи шеърӣ низ маҳорати тамом зоҳир карда, сабку шеваи хоси худро ба вуҷуд овардааст. Муқаррар шудааст, ки аз нигоҳи мундариҷа дар таркиббандҳои шоир масоили фалсафӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ баррасӣ шудааанд, ки ба гуногунмазмунии онҳо таъкид доранд. Дар ҷараёни баррасӣ муаллиф ба хулосае расидааст, ки дар сабки нигориши шоир муҳимтарин хусусиятҳои сабки ҳиндӣ ба чашм мерасанд, ки ҳунари баланди шоирро дар корбурди унсурҳои он ҷилвагар месозанд.

Ключевые слова*: Назири Нишапури, таркиббанд, индийский стиль, тематика и содержание, поэтическое мастерство, индивидуальный стиль, суфийские и художественные мотивы*

Предпринимается попытка исследовать место стихотворной формы таркиббанд в диване Назири Нишапури. На основе изучения вопроса было выявлено, что, хотя в диване поэта присутствуют лишь семь случаев таркиббанда, однако Назири, проявляя высокое мастерство также и в применении данного стихотворного жанра, создал собственную стилевую манеру. Установлено, что с точки зрения содержания в таркиббандах поэта рассматриваются философские, нравственные, социальные и суфийские вопросы, что подтверждает их тематическое разнообразие. Обоснован

вывод, что в манере изложения поэта прослеживаются важнейшие черты индийского стиля и он проявляет высокое мастерство в использовании его элементов.

Key-words: *Nazirii Nishopuri, tarkibband, Indian style, thematics and content, poetry mastership, individual style, Sufi and belles lettres motives*

The author of the article makes an endeavor to research the place of tarkibband (poetic form with repetitive refrain) in Naziri Nishopuri`s divan. Proceeding from this consideration, the author cleared out that although there are only seven relevant components in the poet`s divan, but Naziri displaying his great mastership in application of such kind of literary genre and created his own stylistic manner. The author of the article underscores that in terms of content philosophical, moral, social and spiritual issues are considered in the poet`s tarkibbands emphasizing their diversity, on the whole. Adducing the result of the analysis beset with the theme explored, the author comes to the conclusion that the most important peculiarities of the Indian style are traced in the poet`s writing style that testifies to high skills in reference to its elements usage.

Таркиббанд аз ҷумлаи жанрҳои ғиноӣ дар адабиётшиносӣ ба шумор меравад, ки аз хусусиятҳои хос бархурдор аст. Дар фарҳанги тафсирии забонӣ дар мавриди ин жанр чунин изҳори назар шудааст: «Таркиббанд: ад. яке аз шаклҳои шеъри тоҷикӣ, ки шоир чанд байтро дар як қофия гуфта, дар охири банд байтеро бо қофияи дигар ба тариқи нақарот меорад» [7, 331]. Дар китоби «Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ» бошад дар мавриди таркиббанд чунин омадааст: «Шеърест, ки аз рӯи шакл ва тарзи сохт ба тарҷеъбанд (ниг.) монанд аст. Фарқи таркиббанд аз тарҷеъбанд он аст, ки байти восила (ниг.байт) пас аз ҳар ғазал дар як вазн ояд ҳам, аммо мазмун ва қофияаш тағир меёбад. Аз ин ҷиҳат дар илми бадеӣ классикӣ аввалҳо таркиббанд ҳам як навъи санъати тарҷеъ (ниг.) ба шумор мерафт [8,110].

Дар адабиётшиносии тоҷик дар робита ба ин навъи шеърӣ муҳаққиқони соҳибноме чун Раҳими Мусулмониён [1], Шоҳзамон Раҳмонов [3], Рустам Тағоймуродов [6] ва дигарон мақолаву матолиби муайяне нигоштаанд, ки аз сатҳи зарурии таҳқиқи он ҳамчун як намуди суннатии шеър дарак медиҳад. Махсусан, дар китобҳои «Назарияи адабиёт»-и Мусулмонқулов ва «Мусаммат»-и Шоҳзамон Раҳмонов вижагиҳои жанрии ин навъи шеърӣ баррасӣ шудаанд. Адабиётшинос Рустам Тағоймуродов бошад мавқеи ин навъи адабиро дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар таркиби девони Назирии Нишопурӣ низ 7 таркиббанд мавҷуд аст, ки ҳар яке вобаста ба воқеаву ҳодисае ба қалам омадааст. Муҳимтарин хусусияти таркиббандҳои ин суханвари мумтоз дар он зуҳур мекунад, ки шоир қабл аз оғози нигориш сабаби иншои онро таъкид менамояд, ки дар девони шоирони дигар чунин равиш ба мушоҳида намерасад. Масалан, таркиббанди аввали девони Назирии Нишопурӣ чунин омада: «Ин таркиби муваҳҳидона дар Доруссалтанаи Лоҳур дар фасли гулу баҳор дар авони сармастиҳо дар таърифи хуррамии олам музил ба номи номии соҳибӣ Абулфатҳ Баҳодур Абдурраҳими Хонихонон дар истидъои суҳбати эшон гуфта шуда» [2, 473]. Аз ишорати шоир чанд нуктаи муҳими вобаста ба сабаби навиштани ин таркиббанд, замону макон ва нисбати он маълум мегардад. Ба ибораи дигар, Назирӣ бо ин пешгуфтори мухтасари хеш қабл аз матни таркиббанд маълум менамояд, ки таркиббанд дар Лоҳур ва дар як ҳолу ҳавои хос барои Абдураҳими Хонихонон суруда шудааст. Банди аввали таркиббанд чунин аст, ки оғози онро зикр менамоем:

Он ҷилва, ки дар парда равишҳои ниҳон дошт,
Аз парда баромад, равише беҳтар аз он дошт.
Завқе ба чаман дод, ки дар хандаи абр аст,

Шӯре зи гул ангехт, ки булбул ба фиғон дошт.
Имрӯз, ки шуд ишрати май, лаъл қабо шуд,
В-он рӯз, ки буд офати дай, ранги хазон дошт.
Ин ҷилваи ҳусн аст, ки дар парда нагунҷад,
Ин қиссаи ишқ аст, ки пинҳон натавон дошт.
Дар боғ хурӯш аз дару девор баромад,
Аз ғунчалабон хок ба дил рози ниҳон дошт.
Бехост баровард сар аз тарфи чаманҳо,
Чандон, ки замин тозаниҳолони ҷавон дошт.
Машшотагии ҳар хасу ҳар хор сабо кард,
Азбаски чаман ғолия дар ғолиядон дошт.
Эмин натавон буд, ки аз абри баҳорӣ
Шуд лоласитон, ҳар чӣ замин жоласитон дошт.
Дастори гул имрӯз нигар, гашта парешон,
Дирӯз гар аз ғунча ба сар тоҷи каён дошт.
То ҳаст ҷаҳон, ҳаст хазонею баҳоре,
Дил бастаи ин вазъи мукаррар натавон дошт.
Ку ишқ, ки дуд аз дили бедард барорам,
Оҳе кашам, аз ҳастии худ гард барорам [2, 473].

Дар навбати аввал маълум мешавад, ки дар умум таркиббанди мазкур аз 12 банд иборат буда, ҳар банди он мутаносибан аз 8 то 20 байт мебошад. Шеваи танзими таркиббанди мазкур бо ҳамон усули маълуми қофиябандӣ ба қалам омада, ки ба ҷуз байти охири банд дигар абёт шакли қофиясозии ғазалро ба хотир меоваранд. Байти ниҳоӣ бошад, мустақил аст ва қофиябандии ягонаро дорост. Дар баробари ин, бар асоси таъкиди шоир, ки таркиббанди мазкур дар ҳолу ҳавои хоса ба қалам омадааст, маълум мешавад, ки ҳамин ҳолат дар банди аввал тасвир ҳам шудааст, чун дар ду байти аввал ҳолу ҳавои баҳорӣ ва ҷилваи рангорангии он, завқи чаман аз хандаи абр, шӯри гул ва наҳваи булбул таҷассум ёфтааст. Ин ҷо ба назар мерасад, ки Назирӣ дар сабки таркиббанди хеш низ кӯшишҳое барои корбурди вижагиҳои сабки ҳиндӣ мекунад ва тарҳи таъбирофариниҳои хоси ин сабки адабӣ ба мушоҳида мерасад. Ин ҷо ибораҳои «завқи чаман», «хандаи абр», «ба чаман завқ додан»,«шӯре аз гул ангехтан» дар пояи таркибҳои шоиронаи сабки ҳиндӣ эҷод шудаанд.

Дар идома чун сухан аз майгусорӣ ва ё ба таъбири шоир «ишрати май» меравад, маълум мегардад, ки ин тарзи ифода ба ҳолу ҳавои шоир ишорат мекунад. Ҷолиб он аст, ки шоир онро ҷилваи ҳусн ва қиссаи ишқ унвон менамояд, ки ба қавли худи ӯ дар парда намеғунҷад ва ниҳоят ошкор мегардад. Баъдан идомаи суханро боз ҳам ба мавзӯи баҳору таровати абри баҳорӣ мепайвандад ва зикр медорад, ки аз сабаби тозаниҳолони ҷавон доштани замин якбора онҳо сар аз дару девор барованд. Ин ҷо таркиби «бехост сар баровардан»-ро Назирӣ дар асоси вожагони хоси мардумӣ эҷод намудааст, зеро бехост ба маънии якбора ва ё нигоҳ дар гуфтори мардумӣ роиҷ мебошад. Баробари ин, дар идома таъкид медорад, ки аз асари абри баҳорӣ замин ба лоласитон бадал гашта буд. Ҳолати шукуфтани гулҳоро шоир ба гунае тасвир мекунад, ки агар гул аз ғунча тоҷи каён дошт, онгоҳ бо шукуфтанаш дастори он парешон гардид. Ин ҷо тасвирҳои шоиронаи Назирӣ ҷаззобияти хосеро ба худ касб кардаанд, ки ба ҳунари шоирии ӯ таъкид меварзанд.

Дар идомаи ин таркиббанд тасвири ҳамин ҳолу ҳаво давом мекунад ва гоҳе аз ишқу тафсири ҳолатҳои он сухан ба забон меовараду гоҳи дигар аз майу ҷому бода, ки ҳамагӣ шореҳи ҳамон ҳолати худи шоир мебошанд. Дар зимни ин бозгӯиҳои ҳолу ҳаво шоир фалсафаи зиндагониро низ баррасӣ мекунад, ки хеле ҷолиб ба назар мерасад. То андозае ин шеваи баёни Назирӣ дар таркиббанд вобаста ба ҳолу ҳавои худаш ба услуби баёни соқиномаҳо монанд шудааст, ки дар зимни тасвири ҳавои баҳору ҳоли майгусорӣ фалсафаи зиндагонии шоир тафсир мешавад. Хосатан, ин равиш дар банди охири таркиббанд ба чашм мерасад:

Хоре ки ба пои ту халад, боғи яқин аст,
Санге ки ба рои ту фитад, Каъбаи дин аст.
Дар азм қавӣ бош, ки андар раҳи давлат
Мифтоҳи начот аст ба ҳар ҷо, ки камин аст.
Дар хушдилӣ овез, ки бо умри ту айём,
Гар риштаи бигсаста бувад, ҳабли матин аст.
Бардор ниқоб аз руху таскини диле деҳ,
Пирояи ҳуснат на ба Мисру на ба Чин аст.
Бар бистари ноз аст, агар ҷилваи қадд аст,
Дар пардаи ҳусн аст, агар чини ҷабин аст.
Дар хилвати мо ҳар кӣ на парвона, бурун бод,
Шамъ аз назари чашмбадон хонанишин аст.
То даҳр туро доруи талхе бичашонад,
Давлат зи ясор асту саодат зи ямин аст.
Дар кори ту аз бехирадӣ гар бадие кард,
Он хосияти тинати даҳр аст, на кин аст.
З-айём макун шиква, ки бошад ғами айём
Нӯши думи занбӯр, ки бо неш қарин аст.
Гӯ, ҳодиса бар ҳодиса дар мулки бақо бош,
Бо Эраҷу Дороб ту дар зилли Худо бош [2, 479-480] **.**

Шоир дар ҷараёни навъе натиҷагириҳои худ таъкид медорад, ки бояд дар азм қавӣ буд, чун дар роҳи давлат калиди начот ҳамин азми қавӣ мебошад. Фалсафаи хуш гузаронидани умр, ки аз мавзӯҳои меҳварии соқиномаҳост, дар ин банди сурудаи Назирӣ шабоҳатҳое эҷод намудааст. Ӯ таъкид медорад, ки ба хушдилӣ овез, ки умр мисоли риштаи гусасташаванда мебошад. Баробари ин, таъкид медорад, ки агар барои ту бадие аз бехирадӣ расид, бидон, ки он хосияти дунёи гирдгардон бошад. Аз ин рӯ, ҳаргиз аз дунё шиква макун ки ғами олам мисоли неши занбур бошад, ки бо неш якҷост, яъне аз паси ин ғам шодиҳо низ меоянд.

Чунин шеваи баён дар ҳамаи таркиббандҳои Назирӣ ба мушоҳида намерасанд ва зимни мутолае маълум мегардад, ки вобаста ба мавзӯъ тарзи эҷод ва усули ифодаи матолиб дар онҳо фарқ доранд. Масалан, дар таркиббанди дигар, ки ба ишораи шоир он сугномае барои Хоҷа Ҳусайни Саноӣ суруда шудааст, тарҳи аслии шеър ҳамон хусусияти навъи шеъри марсияро ба худ гирифтааст. Муроҷиат ба банди аввал ин матлабро ба таври барҷаста равшан месозад:

Дониш аз рӯзгор берун шуд,
Ҳама кори ҷаҳон дигаргун шуд.
Мижаам аз сиришк Даҷла фишонд,
Остинам зи гиря Ҷайҳун шуд.

Ситаме дидам аз аҷал, к-аз дард
Мардуми дидаро ҷигар хун шуд.
Сеҳр мехост Сомирӣ бидамад,
Бар лабаш Ҷон зи шавқи афсун шуд.
З-ин мараз, к-аз даво батар гардид,
З-ин алам, к-аз илоҷ афзун шуд,
Зиндагӣ дар дами Масеҳ шикаст,
Чора хун дар дили Фалотун шуд.
Хоҷа имшаб гаҳи уруҷи сухан
Аз замин сӯи авҷи гардун шуд.
Раҳ бари гаштанаш фурӯ бастанд,
К-аз дари ваҳй хост берун шуд.
Хотир аз марги соҳибушшуаро
Дар сиёҳӣ чу лафзу мазмун шуд.
Шамъи шабҳои ошноӣ мурд,
Дилам аз мурдани Саноӣ мурд [2, 480] .

Байти аввали ин банди шеърӣ шореҳи он аст, ки шоир бо рафтани Хоҷа Ҳусайни Саноӣ аз рӯзгор берун шудани донишро мебинад ва таъкид медорад, ки аз гиря дар суги ӯ остинам Ҷайҳун гардиду аз мижжаам Даҷла фишонд. Хотир аз марги соҳибушшуаро дар сиёҳӣ мисоли лафзу мазмун фитод. Дар ниҳояти ин банд шоир таъкид мекунад, ки шамъи шабҳои ошноӣ мурд ва аз марги Саноӣ дили ман ҳам мурд. Аз марсияи шоир маълум мешавад, ки Хоҷа Ҳусайни Саноӣ ном шоири маъруфе дар асри ӯ зиндагонӣ кардааст, ки ба таъбири шоир «шамъи шабҳои ошноӣ будааст».

Дар яке аз бандҳои дигари таркиббанди Назирии Нишопурӣ фазилат ва мақоми маънавии ин шоири ҳамасри ӯ тафсир мешавад, ки аз ӯ мероси гаронмоя ва назме гарониёр боқӣ ва ганҷи маънӣ ба ёдгор гузоштааст:

Хоҷа назми гарониёр гузошт,
Бор бар дӯши рӯзгор гузошт.
Кисаи ҳафт осмон пардохт,
Ганҷи маънӣ ба ёдгор гузошт.
Хуму хумхонаҳо пур аз май кард,
Бар ҳарифони бодахор гузошт.
Ҷуз сано қимати сано нагирифт,
Обрӯ бурду эътибор гузошт.
Мардуми чашм шуд зи чашму маро
Сад ҷигаргӯша дар канор гузошт.
Тани хокӣ куҷо қабул кунад,
Ки ҷаҳон ҳимматаш зи ор гузошт.
Овах-овах, ки даҳри корнамо
Рахнаҳои аҷаб ба кор гузошт.
Фалаки шӯх гоҳи додани умр
Нимае беш аз шумор гузошт.
Умри каҷрав ба шоҳроҳи камол
Сад гулистону навбаҳор гузошт.
Ин куҳанкина хуш нашаст охир,
Пушти исломро шикаст охир [2, 480] .

Ҳамин тавр, баррасии мақом ва ҷойгоҳи таркиббанд дар девони Назирии Нишопурӣ бозгӯи он аст, ки ҳам аз назари мавзӯъ ва ҳам аз дидгоҳи сабки нигориш дар ин навъ ашъори шоир гуногунрангӣ ба мушоҳида мерасад. Агарчӣ чанд таркиббанд дар суги шахсиятҳои мухталиф, аз ҷумла шуаро, фарзандони мамдуҳони шоир навишта шудаанд, ки хусусиятҳои сугнома ё марсияро доранд, чандеи дигар вобаста ба ҳолу ҳавои муайян ба қалам омадааанд. Дар баробари ин, як таркиббанд дар истиқбол аз таркиббанди Саъдӣ нигошта шудааст, ки ҳамоҳангиҳои муайяне миёни онҳо ба чашм мерасанд. Фузун бар ин, вобаста ба масоили динӣ ва ирфонӣ низ чанд таркиббанд сурудааст, ки дар онҳо пеш аз ҳама масъалаҳои мусофирати шоир ба зиёрати хонаи Худо ва дигар масоили динӣ баррасӣ шудаанд. Дар канори ин, аз дидгоҳи сабк ва шеваи баён низ таркиббандҳои сурудаи шоир ҷолиби таваҷҷуҳанд, зеро дар онҳо пеш аз ҳама шеваҳои хоси баёни сабки ҳиндӣ ва тарзи таркибсозиву ибораороиҳои ин тарзи адабӣ ба чашм мерасанд. Чунин усули баёни Назирӣ аз он дарак медиҳад, ки ӯ тарзи тозаи худро танҳо маҳдуд ба ғазал намекунад, балки таҷрибаҳои ҳунариашро дар дигар анвоъи шеърӣ низ ба мушоҳида мегузорад, ки ин равиш низ гунае аз тозакориҳои суханвар ба шумор меравад. Аз ҷумлаи муҳимтарин тозакориҳои шоир дар эҷоди таркиббанд зикри пешгуфтори мухтасари мансур барои муайян кардани сабаби навиштани он ба шумор меравад, ки дар баробари таъйини замина ва омилҳои эҷоди он, ба кӣ нисбат дода шудан ва дигар хусусиятҳои онро муқаррар месозад. Ин шеваи корбурд дар сурудаҳои шоирони дигар ба чашм намерасад.

Пайнавишт:

1. *Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990.- 334 с.*
2. *Нишопурӣ, Назирӣ. Девон. Тасҳеҳ ва таълиқоти Муҳаммадризо Тоҳирӣ.- Теҳрон: Нигоҳ, 1389.- 672 с.*
3. *Раҳмонов Ш. Мусаммат. – Душанбе: Дониш, 1987.- 170 с.*
4. *Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти дар Эрон. Ҷ.5. Бахши дувум. Теҳрон: интишороти Фирдавс, 1369.- 807 с.*
5. *Субҳонӣ, Тавфиқ. Нигоҳе ба таърихи адабиёти форсӣ дар Ҳинд.- Теҳрон: Интишороти дабирхонаи Шӯрои густариши забон ва адабиёти форсӣ, 1377.- 766 с.*
6. *Тағоймуродов Р. Роль тарджебанда и таркиббанда в творчестве Амир Хусрава. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2014. №1(27). С. 50-53.*
7. *Фарҳанги забони тоҷикӣ, иборат аз ду ҷилд [дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ].– Советская энциклопедия, 1969.–955 с.– Ҷ.2.*
8. *Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 184 с.*

Reference Literature:

1. *Musulmoniyon R. Theory of Literature. - Dushanbe: Enlightenment, 1990. - 334 pp.*
2. *Nishopuri, Naziri. Divan. Recension and Commentaries by Muhammadrizo Tohiri. - Tehran: Point of View, 1389. - 672 pp.*
3. *Rahmonov Sh. Musammat. - Dushanbe: Knowledge, 1987. - 170 pp.*
4. *Safo, Zabehulloh. History of Literature in Iran. V.5. Part 2. - Tehran: Firdaws Publishing-House, 1369. - 807 pp.*

5. *Subhoni, Tavfik. Some Considerations on Persian Language Literature of India. - Tehran: Publishing-House of the Council Secretariat on Dissemination of Persian Language and Literature, - 1377. - 766 pp.*
6. *Tagoymurodov R. The Role of Tarjeband and Tarkibband in Amir Khusraw`s Creations. Tidings of Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. - 2014. No. 1 (27). – pp. 50-53.*
7. *Tajik Language Dictionary. In two volumes. [under the editorship of M.Sh. Shukurov, V.A. Kapranov, R. Koshim, N.A. Masumi]. – Moscow: Soviet Encyclopaedia, 1969. – 955 pp. – V.2.*
8. *Hodizoda R., Shukurov M., Abdujabborov T. Dictionary of Literary Criticism Terms. - Dushanbe: Cognition, 1964. - 184 pp.*

УДК 82
ББК 83.3

ШЕВАҲОИ ШАХСИЯТПАРДОЗӢ ДАР ҲИКОЯИ ИМРӮЗ

Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович,
унвонҷӯйи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (Тоҷикистон, Душанбе)

СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ИЗОБРАЖЕНИЯ ЧЕЛОВЕКА В СОВРЕМЕННОМ РАССКАЗЕ

Махмудов Мухаммаджон Абдулахадович,
соискатель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни (Таджикистан, Душанбе)

STYLISTIC PECULIARITIES OF MAN'S DEPICTION IN MODERN SHORT STORY

Makhmudov Mukhammaddjohn Abdulahadovich,
claimant for candidate degree of the department of theory and history of literature under the Tajik State Pedagogical University (Tajikistan, Dushanbe)
E-MAIL: *abdumavlon1987@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *ҳикояи давраи истиқлолият, инсони муосир, фалсафаи ҳаёт, персонаж, характер, ҷустучӯи эҷодӣ,ҳодисаҳои солхои 90-уми қарни XX*

Масъалаи шеваҳои шахсиятпардозӣ ва равишҳои усулии он дар ҳикояи тоҷикии давраи истиқлол баррасӣ шудааст, ҷустуҷӯҳои бадеии баъзе нависандагон дар ин замина мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Ҷустуҷӯҳои бадеии нависандагони муосир ва масъалаҳои тасвири бадеии инсон дар назарияи ҳикояи муосир ба ҳайси ҷанбаи муҳимми он таҳлил гардидааст. Дар асоси таҳлили қиёсии анъанаҳои навпардозии гузашта ва ҳозира тамоюлҳои асосии инкишофи ҳикояи муосири тоҷикӣ муайян карда шудаанд. Нависандагон ҳодисаҳои муҳимтарини сиёсӣ ва иқтисодии солҳои 90-уми қарни XX-ро дар Тоҷикистон инъикос мекунанд. Таъсири ин воқеаҳо дар эҷодиёти Ӯ.Кӯҳзод, Сорбон, С.Турсун, А.Самад, Баҳманёр ва дигарон назаррасанд. Масъалаҳои тасвири бадеии инсон дар иртиботи бевосита бо олами маънавӣ ва ҷаҳоншинохти ӯ баррасӣ шудаанд. Ҷустуҷӯҳои ҳар нависанда дар алоҳидагӣ арзёбӣ гардида, бо ин роҳ саҳми эҷодии ӯ дар тадқиқи фалсафаи ҳаётии инсони муосир нишон дода шудааст.

Ключевые слова: *рассказ периода независимости, современный человек, жизненная философия, персонаж, характер,творческие изыскания, события 90-х годов XX в.*

Рассматриваются проблемы стилистического разнообразия в показе современного человека в рассказах периода независимости. Художественные изыскания современных писателей и проблемы художественного изображения человека в теории современного рассказа исследуются как её важный аспект. Путем типологического анализа новаторских традиций прошлого и настоящего определяются основные тенденции развития современного таджикского рассказа. Писатели отражают важнейшие политические и социальные события 90-х годов XX века, происходившие в Таджикистане. Их влияние заметно в творчестве У.Кухзода, Сорбона, С.Турсуна, А.Самада, Бахманиера и других. Проблемы художественного изображения человека рассматриваются в непосредственной связи с его духовным состоянием и миропониманием. Творческие изыскания каждого писателя рассматриваются в отдельности, и тем самым определяется его творческий вклад в изучение жизненной философии современного человека.

Key words: *short-story of independence period, today`s man, life philosophy, personage, character, creative qursts, events of the 90-ies of the XX-th century*

The article dwells on the problems of stylistic variety when showing modern man in short stories written in the period of independence. Belles-lettres quests of modern writers and depiction of man in the theory of modern story are explored as its important aspect. By dint of typological analysis of innovatory traditions of the past and the present the main tendencies of the development of modern Tajik short story are determined. Writers reflect the most significant political and social events referring to the 90-ies of the century elapsed which took place in Tajikistan. Their influence is notable in the creation of U. Kukhzoda, Sorbon, S. Tursun, A. Samad, Bakhmaniyor and others. The problems of man's artistic portrayal are considered in immediate connection with his spiritual state and comprehension of world. Creative quests of each writer are canvassed separately determining by it his contribution into the study of modern man's life philosophy.

Яке аз масъалаҳои муҳимми назарияи ҳикоя имконият ва усулҳои кашфи шахсият (Рақами як гузошта ин шарҳро дар поёни ҳамин сафҳа оваред!-Ашхоси сохташудае (махлуқ)-ро, ки дар ҳикоя ва дигар жанрҳо зоҳир мешаванд, шахсият (character) меноманд. Шахсият дар асари адабӣ фарде (махлуқи зеҳнии нависанда мумкин аст ҳамеша инсон набошад, ҳайвон, шайе ё чизи дигареро низ шомил шавад) аст, ки кайфияти равонӣ ва ахлоқии ӯ дар амали ӯву он чӣ мегӯяд ва мекунад, вуҷуд дошта бошад. Хулқу хӯйи чунин шахсиятҳоеро, ки барои хонанда дар ҳавзаи ҳикоя тақрибан мисли афроди воқеӣ ҷилва мекунад, шахсиятпардозӣ мехонанд) аст, ки офариниши он дар ин жанр хусусиятҳои хоси худро дорад. Худи объекти таҳкия тарзи хоси шахсиятпардозиро тақозо мекунад. Баъзе муҳаққиқон шинохти шахсиятро дар ҳикоя "ба ташхиси табиб беморро, ки на ба таҳқиқи ҳаматарафаи ҷисм, балки ба аломатҳои типиии ин беморӣ асос ёфтааст"(12, 126), қиёс кардаанд.

Воқеан шакли ҳамосӣ барои дар ҳолат ва вазъиятҳои гуногун падид овардани шахсияти персонаж имконият фароҳам меоварад. Шахсият дар роман новобаста ба иродаи муаллиф мутобиқи мантиқи табиати худ амал мекунад. Муаллиф симои шахси амалкунандаро дар роман мушаххас сохта, ба хонанда имкон медиҳад, ки боварибахшии ин ё он амали персонажро аз рӯйи моҳияти табиати ӯ арзёбӣ кунад. Дар ҳикоя симои инсони (ё махлуқи) андешидаи муаллиф аксаран муаммо ва гоҳо то охир барои хонанда норавшан мемонад. Ҳолатҳо ва вазъиятҳо фақат як паҳлуи хулқу хӯйи шахсиятро ошкор месозанд. Ва ин ҷо ҳамеша метавон интизор буд, ки персонажи ҳикоя ногоҳ ба чӣ амале даст мезанад, амале, ки тасавуроти пешинаи моро дар бораи шахсияти ӯ тағйир медиҳад. Баъзе муҳаққиқон ин тарзи нигоришро василаи асосӣ надониста, онро фақат яке аз имкониятҳои жанр ба шумор овардаанд, ки "хоси новеллистикаи садаи нуздаҳ ва ҳам ҳикояи имрӯз" мебошад (12, 127).

Мутаасссифона шеваҳои шахсиятпардозӣ дар насри тоҷикӣ, аз ҷумла ҳикоя то ба имрӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ ва арзёбӣ нашудааст. Дар ин навишта мо кӯшиш кардем баъзе паҳлуҳои ин масъаларо дар мисоли ҳикояи замони истиқлол мушаххас созем.

Ҳадафи аслии бисёре аз ҳикояҳои ин давра, пеш аз ҳама, нишон додани хулқу хӯй ва хислати шахсиятҳо ва ба ин васила ошкор сохтани мавқеи иҷтимоии онҳост. Ҳам дар солҳои пеш аз истиқлолият ва ҳам баъд нависандагони боҳунари мо бо истифода аз шеваҳои маъмули шахсиятпардозӣ ба муваффақиятҳое даст ёфтаанд, ки таҷрибаи онҳо ҷолиби диққат аст. Бахусус дар солҳои навадуми садаи гузашта ва замони ба истиқлолият даст ёфтани кишвар дар ин замина ҷустуҷӯҳои қобили мулоҳиза сурат гирифт.

Таҳаввулоти босуръате, ки дар ҷомеаи солҳои навад ва баъди он ба вуқуъ пайваст, шакли типии воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоиро пешорӯйи нависандагон гузошт. Ваъи типиро дар осори бадеӣ, аз ҷумла ҳикоя сатҳи дониш ва таассуроти иҷтимоии нависанда доир ба шароити таърихие, ки шахсиятҳои тасвиршуда амал мекунанд, шакл медиҳад. Таҳаввулот ва тағйироте, ки дар солҳои мавриди назар дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи тоҷикон рух дод, масъалаи дарки бадеии нақш ва ҷойгоҳи ин ё он шахсиятро дар шароити типӣ дар назди нависандагон гузошт. Ин ҷараён дидгоҳҳои бисёре аз нависандагонро оид ба моҳияти воқеиятҳои таърихиву замонӣ дигар кард ва заминаро барои дарки тозаи бадеии воқеиятҳо муҳайё сохт. Аз кашмакашҳои (конфликтҳои) гуногун, ки ҷараёни навназарӣ ба воқиятҳо эҷод карда буд, нависандагон ҳар кадоме ба қадри ҳунар ва тавоноӣ истифода карда, дар ҳикоя ба эҷоди шахсиятҳои ҷолиб ва таъсиргузор муваффақ шуданд. Моҳияти ин гуна шахсиятҳоро амал ва кирдорашон, ки зери таъсири вазъиятҳои ғайриинтизор сурат мегирад, муайян менамояд.

Дарки тозаи воқеиятҳо ва вазъиятҳои типии ин ё он давраи тасвиршаванда ба нависандагони ҳикоянавис имкони дарёфт ва шинохти "ғояи умумии" (Ф. М. Достоевский) чунин ҳодисаҳои зиндагиро, ки қаблан амиқ дарк нашуда ва таваҷҷуҳи муосиронро ҷалб накарда буданд, фароҳам овард. Ин тамоюл аз солҳои шасту ҳафтод сар карда, дар насри тоҷикӣ тақвият ёфт ва дар инкишофи он саҳми Ф. Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Сорбон, А. Самад, Баҳманёр, Ҷ. Акобиров ва чанде дигар назаррас аст. Дар ҳикояи ин давра ва баъди он, ҳамчунон ки Ш. Солеҳов таъкид варзидааст, "офаридани характери бадеӣ омили муҳимми нишонрас ифода намудани консепсиюни бадеию ахлоқӣ ва фалсафию иҷтимоӣ" (10, 75) гардид ва, ба мушоҳидаи мо, дар давраи истиқлол зинаи нави ташаккул ва таҳаввулро тай намуд.

Дар ҳикояи Ӯрун Кӯҳзод "Бурротар зи теғ" "Абдулҳамид, ки мушовир ва дафтарсолори Марвон буд, аз тарси ҷон гурехт ва ба ал-Ҷазира рафт ва дар хонаи дӯсташ Абдулло ибни Муқаффаъ пинҳон шуд" (4, 103). Сарсониҳо ва ранҷҳои Абдулҳамиду Абдулло ва садҳо шоирону донишмандон ҳосили ҳуҷуми араб ба форс ва таъқибу фишоре буд, ки муҳоҷимон ба сари мардуми бумӣ оварда буданд. Тороҷгарони дину имону фарҳанг "ғаниматҳои моливу ҷонӣ"-ро ба Бағдод мефиристоданд, вале осори фарҳангӣ- "китобҳои габрону маҷусон"-ро бо ҳукми Халифа ё дар об меафканданд ё оташ мезаданд. Ҳатто вақте "Хоразмро забт карданд, Қутайба нависандагону ҳирбадонро саросар аз дами теғ гузаронд. Ҳар чӣ аз навишта, ки дар китобу дафтар доштанд, ба оташ партофту сӯзонд..." (4, 104). Дар ин куштану сӯхтанҳо "муросокорони бенангу ор, шармандаи рӯзгор" низ шарик буданд. Вакилону вазирон ба хидмати душман рафтанд. Лашкариён тарафи душман гузаштанд. Олимону орифон талаву тороҷи душманро ҳаҚ бароварданд. Аз дасти ҳар касе, ки як коре меомад, динашро дигар кард ва номашро дигар кард, то ки зинда бимонад ва ба мансабе бирасад (4, 104). Вале он чӣ аз сари мардуми соҳибватан гузашт, беадолатие, ки мӯҳраи иҷтимоъро шикаст, дар дилу рӯҳи гурӯҳе ҳисси нафрат ва интиқомро зинда медошт.

Вале Абдулло ва Абдулҳамид ҳар он чиро, ки аз сари миллат гузашт дарк ва таҳаммул мекарданд. Воқеияти фаҷеъ онҳоро ба ин натиҷа расонд, ки "даъвои халифат" накунанд, "Аммо даъвои бартарият" дошта бошанд. Ин бартариро онҳо дар ҳифзи сарвати маънавӣ медиданд, то "беному нишон нашавад. Сарвате, ки халифат ҳам метавонад аз он баҳра бардорад. Даъвояшон аз хиради форсӣ буд, "на аз худписандӣ" (4, 106).

Ҷасорате, ки Ӯрун Кӯҳзод дар шинохти ҳувияти инсонӣ ва миллии шахсият дар ин ҳикоя кардааст, нависандагони мо дар солҳои қабл аз бозсозӣ ва истиқлолияти кишвар

карда наметавонистанд. Тамғаи онҳое, ки аз арзишҳои миллӣ дифоъ мекарданд, космопалит буд, дигар ҳеч! Шароити нави типӣ ба нависанда имкон дод, ки фаҳмиши барои адабиёти шӯравӣ (адабиёти тоҷик ҷузъе аз ин адабиёт буд) суннатгаштаи "вайронгари ҷаҳони кӯҳна"-ро (12, 132) тағйир диҳад. Замона дигар шуд ва барои одамон равшан гардид, ки ба таърих ва ифтихороти миллӣ наметавон аз рӯйи манфиаиҳои сиёсӣ, миллатчигӣ ва ақидатӣ муносибат кард.

Дар матни ҳикоя нависанда доир ба Абдулло ва Абдулҳамид маълумоти зиёде наовардааст. Мо ин ду шахсиятро аз гуфтор, кирдор ва амалашон мешиносем, ки нависанда дар шароити нав дарк ва ҳунармандона тасвир кардааст. Махсусан саҳнаи мурофиаи Абдулҳамид, талошҳои Абдулло барои наҷоти дӯсташ, ки бенатиҷа меанҷомад ва Абдулҳамид аз барои ҳифзи ифтихороти миллӣ ваҳшиёна кушта мешавад, баёнгари тавоноии маънавӣ ва ҳувияти миллию инсонии ин шахсият аст, ки аз ҷониби нависанда ҳунармандона тасвир шудааст.

Ӯрун Кӯҳзод дар ин ҳикоя бо шеваи "ироаи шахсият аз тариқи амали шахсият бо каме шарҳу тафсир" (6, 189) хулқу хӯ ва ҳувияти инсонии Абдулло ва Абдулҳамилро ироа кардааст. Дар тарзи нигориши нависанда ин равиши арза кардани шахсиятҳо ҷузъи ҷудоинопазири равиши намоишӣ буда, бо ин усул аъмол ва рафтори шахсиятҳо ба хонанда ошкор мегардад. Зайли намуна қитъаи зерро нақл мекунем:

"Муфтӣ:

-Ин котиби маҷусак ба забони арабӣ менависад китобҳояшро, бо забони арабӣ, вале бо маънову мазмуни габрӣ. Лафз арбӣ, таъкиду баён габрӣ... Худаш бо забони худаш бигӯяд, ман дуруст мегӯям ё нодуруст?

Абдулҳамид:

-Дуруст мегӯед. Лекин ба ғавраш нарасидаед. Хоҳед, ки ба кунҳи фанни балоғат бирасед ва ба маънои луғат пай баред ва дар луғат ғавр бикунед, бояд китоби Корвандро бихонед.

Қозӣ:

-Шумо кофир шудед. Лафзи маҷусиро аз сухани осмонӣ боло гузоштаед. Мутлақ кофир шудед. Тавба кунед...

Абдулҳамид:

-Ростӣ тавба надорад..." (4, 109 – 110).

Нависанда бо ин усули шахсиятпардозӣ бе он ки кӯчактарин ишорае кунад ва тавзеҳу тафсире ба он биафзояд хонандаро аз аъмолу рафтор ва андешаву орои миллатдӯстонаи шахсияти ҳикоя огоҳ месозад. Нависанда тавонистааст, ки шахсиятҳои ҳикояро "дар ҳини амал" (6, 190) тасвир кунад. Хонанда аз он чӣ Абдулҳамид ё қозӣ мегӯяд, аз он чӣ мекунанд, ҳадс мезанад, ки чӣ гуна одаме ҳастанд. Нависанда аъмол ва гуфтори шахсиятҳоро ба намоиш гузошта, ҳастии онҳоро ба хонанда менамояд. Ин тарзи шахсиятпардозӣ дар ҳикояҳои инзамонии нависанда нуфуз дошта, бозгӯкунандаи зеҳнияти ва ҳадафҳои ислоҳотхоҳии нависандаи ормонгарост.

Нависандаи ҳикоянавис ин ё он шахсиятро тасвир карда, на ҳамавақт дар пеши худ мақсад мегузорад, ки чеҳраи инсонро бо ҳамаи гуногунрангиҳои аъмолу кирдораш бозтоб диҳад. Гоҳо дар ҳикоя як паҳлуи равшани хулқу хӯйи шахсият тасвир мешавад ва чеҳраи инсони ҷомеъро таҷассум менамояд.

Ҳама гуна шахсият, ҳатто шахсияти комил (агар воқеан ҳам шахсият бошад) хонандаро ба андеша вомедорад. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки "Ҳангоми офаридани симои инсон дар асари бадеӣ наметавон ҳамаи тобишҳои рафтори инсонро дар шароитҳои гуногун ба ҳисоб гирифт ва нишон дод. Дар ин ҳол "ғояи шахсият"-ро муайян кардан ва

имкони ҳис кардани дурнамои инкишофи боварибахши онро ба вуҷуд овардан муҳим аст. Ин бахусус барои "жанри хурд", ки ҳаҷми таҳкия имкони васеъ ва ҳаматарафа ошкор намудани симои инсонро надорад, муҳим аст (12, 132 – 133). Дар ҳикояи ёдшудаи Ӯрун Кӯҳзод ҳарчанд Абдулҳамид дар як вазъияти мушаххас ба тасвир омадааст, хонанда бе душворӣ метавонад онро дар вазъиятҳои гуногун пеши назар оварад, зеро нависанда тавонистааст, ки дар ҳикоя "ғояи шахсият"- ормони дарунии аъмол ва рафтори зиндагисози инсонро дақиқ таҷассум созад.

Паҳлуи муҳимми ҳунари Ӯрун Кӯҳзоди ҳикоянавис дар он аст, ки тавонистааст аз як амал ва кирдори мушаххаси қаҳрамон, аз сухан ва андешаи ӯ умқ ва зербинои ормони шахсияти мавриди тасвирашро дарк ва моҳияти хулқу хӯ ва ҳастии инсонии ӯро ироа диҳад.

Дар ҳикояи Сорбон "Бистари марг" шахсияти персонаж дар вазъи ғайри интизор тасвир шудааст. Тамоми сохтори зиндагии маънавии пиразани "рӯйи бистар хобида" дар як ҳаракат, дар як амали анҷомнагирифта ва назари манфӣ муҷассам шудааст: эҳсосоти зане, ки дар ҳикоя тасвир шудааст, табиӣ ва одӣ аст; ин зан дар ҳоле, ки дар бистари марг хуфтааст, эҳсоси гуноҳ ва аз шавҳараш талаби омурзиш мекунад; зан пеши шавҳар, ки дар сари болини ӯст, гуноҳи худро як-як бармешуморад...Нависанда дар ҳикоя ҳоли табии зиндагии як хонаводаро менамояд, ки ҳам хандаовар асту ҳам фоҷеарез. Ҳиммати эътирофи гуноҳ ва азми талаби омурзиш ба умеди пок кардани гуноҳон ва ором кардани виҷдони нороҳат, поёни воҷиб ва маъқули дигаре аст барои шинохти шахсиятҳои ҳикоя.

Дар ин ҳикоя ҳеч чизи сохтаву бофта нест. Воқеият хулқу хӯйи шахсиятҳоро ошкор месозад, ки паёми равшане низ дорад: чеҳраи аслии табаҳкоронро менамояд ва чунонки ҳастанд нишон медиҳад. Шахсият дар ин ҳикоя ҳақиқатнамои зулм ва ситами хонаводагӣ ва нохудогоҳиву бадхулқии зан-сутуни хонадон аст. Сорбон тавонистааст, ки дар ин ҳикоя ба василаи чанд нишона чеҳраи равонии занеро офарад, ки моҳияти аслии шахсияти ӯро ба таври ҷомеъ ифода мекунад. Ин шахсиятест, ки гирфтори ҳамоқат ва хиёнати маънавӣ гардида, дар вопасин лаҳзаҳо ҷойи худро дар ин дунёву он дунё танг дармеёбад (11, 8-10). Воқеиятҳое, ки мундариҷаи ҳикояро ташкил додааст - гуноҳони зан дар тӯли зиндагии якҷояашон бо шавҳар – хулқу хӯйи шахсияти ҳикояро хеле равшан ошкор месозад ва миёни имкониятҳои зотии ӯ сарҳад мегузорад, ки гувоҳи ҳунармандии нависанда дар офариниши шахсият аст. Сорбон низ дар ин ва ҳикояҳои "Ду девона", "Русбачча", "Савдои умр", "Кӯрофтоб", "Ду дардманд" ва ғайра шеваи ироаи шахсиятро аз тариқи ба намоиш гузоштани аъмоли персонаж бо афзудани шарҳу тафсир ҳунармандона ба кор гирифтааст.

Дар бисёре аз ҳикояҳои дар ин давра таълифкардаи нависандагони тоҷик тағйироти фаврии сифатии шахсият ва хӯю хислати он натиҷаи тағйири дидгоҳҳо оид ба масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ мебошад. Ин ҷо сухан нафақат дар бораи ҳунари ҳикоянавис ё асоснокии равонии тағйироти дар хӯю хислати инсон ба вуҷуд омад меравад, балки аз ҳама муҳим моҳияти ғоявии асар мавриди назар аст. Омили аслии таҳрикбахши ин дигаргунӣ, пеш аз ҳама, ормони ғоявӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии нависанда мебошад. Ба ин далел, дар баъзе ҳикояҳои А. Самад тағйироти дар шахсияти қаҳрамон ба вуҷуд омадаро моҳияти мушкилоти мавриди назари муаллиф рақам мезанад, ки он ҷузъӣ нест. Андешаҳои модари ҷанговар аз ҳикояи "Моргазида" оид ба воқеаҳои ба сари фарзанд ва хонаводааш омада аз "қолаби ҳодисаи ҷузъии "интиқоми" шахсӣ" (12, 137) фаротар меравад. Андешаи ӯ амиқтар аз ҳама гуна хулосаҳои насиҳатомези манфиатхоҳона аст. Дигаргунии маънавие, ки зери таъсири сарнавишти пурфоҷиаи фарзандаш дар рӯҳия ва андешаи модар рух додааст, заминаи мантиқӣ ва усулии ташаккули ин шахсият ва таъйиди консепсияи ҷомеи фалсафии зиндагист, ки нависанда таблиғ кардааст. Дар ҳикояи ёдшуда тағйироти фаврӣ

ва муҳимми шахсияти қаҳрамон (модар) натиҷаи тааммуқ ва ҷустуҷӯҳои фалсафиву бадеии нависанда оиди масъалаҳои пуразиши таърихи миллат ва башар аст. Модар сари воқеоте меандешад, ки фақат дар сарнавишти писараш “нақши наҳс” бозӣ накардаанд: таъқиботи уламои динӣ, сӯхтан ва нобуд кардани кутуби адабию таърихӣ, набард алайҳи фашизмро модар барои писар тақдирбарандоз меҳисобад, чунки зери таъсири он рӯзҳои сиёҳ писараш низ ба гуноҳ олуда шуд. Нависанда шахсияти “модари ҷигарсӯхтаеро меофарад, ки нисбат ба сиёсати зиддихалқӣ ва зиддифарҳангии ҳизбу давлати шӯравӣ дар солҳои сиюми қарни бистум нафрату қароҳати афзун дорад. Ба решаи умри фарзандаш ҳамон сиёсати ҷоҳилона табар зад” (9, 150).

А. Самад барои офаридани шахсияти қаҳрамони ҳикояаш аз шеваи шарҳу тавзеҳи мустақими шахсиятпардозӣ ҳунармандона истифода карда, ба ин васила рафтор, аъмол ва афкори модарро ба хонанда муаррифӣ кардааст. Дар ин равиш зовияи диди фардӣ василаи корсозе будааст дар намудани хусусиятҳо ва хислатҳои шахсияти қаҳрамони ҳикоя. Муваффақият дар ироаи сареҳи ин ва дигар шахсиятҳои ҳикояҳо ба хусусиёти шахсии ровӣ, ба ифодаи дигар вижагиҳои ҳунарии нависанда вобаста мебошад. Хонанда шахсияти қаҳрамони ҳикоя-модарро пеш-пеш аз ташреҳ ва тафсири нависанда мешиносад, на аз амалу кирдораш дар бархурд бо ҳаводис ва масоил. Нависанда чун ақли кул рафтор карда, даруни шахсияти қаҳрамони ҳикояро ба хонанда намудааст.

Диққати нависандагони тоҷикро нафақат инсон ҳамчун иштирокчии воқеиятҳо ва интиқолдиҳандаи маҷмӯи фазилатҳои ахлоқӣ, балки ҳамчун неъмати арзишманд ва такрорнашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ ба худ ҷалб мекунад. Маҳз таваҷҷӯҳи бошиддати ҷомеа ба сарнавишти инсон роҳро барои тасвиру тафсири шахсияти бисёрпаҳлу ба нависандагон боз намуд. Нависандагони боҳунар дар ин замина “барои офаридани шахсияти типӣ...далели типиро” ба кор гирифтанд (1, 87), ки яке аз шеваҳои такмили хӯю хислати шахсият дар ҳикояи тоҷикӣ мебошад.

Сарнавишти инсон ҳамчун усули ташкили сохтори ҳикоя ва шахсияти бадеӣ дар ҳикояҳои Баҳманёр низ ҷолиб буда, нависанда шеваи хоси шахсиятпардозиро пайгирӣ дорад. Нависандаро сарнавишти гуногуни қаҳрамонон ба ҳаяҷон оварда, мундариҷаи чунин ҳикояҳоро ба тарзи гуногун шакл медиҳад. Вале аз чунин ҳикояҳо дар пеши назари мо зиндагии инсоне, ки сарнавишташ ба ҳикоя кардан меарзад ва дар дилу ёди хонанда нақш мегузорад, гирд мегардад.

Дар ҳикояҳои Баҳманёр усули хронологии нақл риоят нашавад ҳам, аксаран мундариҷаи ин гуна ҳикояҳо аз чанд лаҳзаи зиндагии қаҳрамон ба ҳам меояд ва имкон медиҳад хонанда ба умқи тарҷеии хӯю хислати шахсияти тасвиршударо расад. Ҳамаи ғановати маънавии қаҳрамони ҳикояи “Куштор дар Ялмо” якбора кушода намешавад. Бобои Баҳром сарнавишташро “ба сахтӣ” ба ёд меовард. Маълум мешавад, ки аз фоҷеаи маъракаи кулаккунӣ ба ҳукми тасодуф зинда монда ба зодгоҳаш баргаштааст. Ҳамин ручуъ ва суханони ӯ-“худованд ҳеҷ бандаашро ба ин рӯзҳои сиёҳ гирифтор насозад!” – ба хонанда имкон медиҳад, ки қадам ба қадам фоҷиаи зиндагии қаҳрамони аслии ҳикоя – Мурод ва аъмолу кирдори Бобои Баҳрому инсонҳои дигарро ба мушоҳида гирад. Бобои Баҳром ҳеч кори ҷолибе дар зиндагӣ накарда бошад ҳам, рӯзгори ошкоро ва бошарафонаро паси сар мкунад. Ӯ аз асорат баргаш, зиндагии душворе дошт, бо одамони гуногунхилқат кору зиндагӣ кард, ки содиқ ҳам буданду хиёнаткор ҳам, вале муҳим ин буд, ки ҳеч гоҳе одамиятро аз даст надод. Ӯ инсонест, ки одамонро аз як нигоҳашон мешиносад ва бо онҳо забон ёфта метавонад. Дили аз хурдӣ захмхӯрдааш гоҳо ба ҳар касу нокас месӯзад. Аз

ҷумла ба Мурод, ки аз тангдастӣ гандуми колхозро медуздид. Ҳатто вақте ӯ "Сардори бадҷаҳл"-ро мекушад бисёр мехоҳад ин сир пӯшида монад...

Ин ҳикоя ва бисёре аз ҳикояҳои дигари Баҳманёр мундариҷаи тезу тунди бисёрамал надоранд. Вале гоҳо "дар ҳудуди як ҳикоя 10 - 15 лавҳаи хурд канори ҳам омада, ҳар кадоме барои равшан кардани матлабе истифода шудаанд" (5, 168). Сохтори ҳикояро амалу кирдори шахсиятҳо ва оҳанги андешаи муаллиф устувор сохта, хонандаро мутаваҷҷеҳи сарнавишти қаҳрамони аслӣ месозад. Ин гуна ҳикояҳои нависандаро " метавон ба сифати тамоюли тозае дар насри нави тоҷикӣ чун насри зеҳнӣ номзад кард, ки аз қолабҳои иҷтимоӣ, низоъҳои синфиву истеҳсолӣ, объективизми берӯҳ ва нақли одӣ ё пайдарҳамии воқеаҳо барканор буда, саропо баёнгар ва ҷавобгӯйи ҳолот, савияи маънавӣ ва аҳдофу ормони инсони муқаррарӣ мебошад" (7, 258 – 259). Баҳманёр дар эҷоди ин гуна ҳикояҳо аз шеваи шахсиятпарзозии "ироаи даруни шахсият бе таъбир ва тафсир" (6, 191) ҳунармандона истифода кардааст, ки дар насри тоҷикӣ таҷрибаи беназир аст.

Нависанда дар саропои ҳикояи "Кадхудо" бо намоиши аъмол ва кунишҳои зеҳнӣ ва авотифи дарунии персонаж ба хонанда имкон медиҳад, ки ғайри мустақим шахсиятро шиносад. Дар ҳикоя аъмол ва ҳаводис дар даруни шахсиятҳо (ровӣ ва зини ӯ) рух медиҳад ва нависанда ғайри мустақим хонандаро дар ҷараёни шуъури огоҳ ва ноогоҳи шахсиятҳои ҳикоя қарор медиҳад. Ба қитъаи зер таваҷҷуҳ кунед:

"Тамбоку дуд медиҳам. Дуд аз даҳонам чун аз лӯлаи паровоз танӯра мезанад. Занам кач- кач ба ман менигарад, шояд ҳарфи тезтаке нӯги забонаш сум мезанад, чароғпоя мешавад, аз баҳобанди даҳонаш берун ҷастан мехоҳад, магарм ба сахтӣ онро лаҷомгир мекунад, ки сухане намегӯяд.Агар дуди тамбоку алерҷӣ дорад, лек чун балконро ба ихтиёри ман дода, ночор аст бардошт бикунад. "Хасдуд мекунӣ, кӯрдуд мекунӣ, бифармо, балкон!" Ин ҷо барои ӯ "балкон" аст, барои ман шаҳнишин..." (2, 220).

Ҳикоя бо ҳамин қитъа оғоз меёбад ва нависанда бидуни он ки тавзеҳ диҳад, зеҳнияти ошуфтаи шахсиятҳои ҳикоя (ровӣ ва занаш)-ро нишон медиҳад ва хонандаро дар ҷараёни кашмакаши дарунии афкор қарор медиҳад. Хонанда ғайри мустақим дар меёбад, ки ин ду хулқу хӯйи хилофи ҳам дошта, зиндагиашон нобасомон аст. Ба ифодаи дигар, амалу куниш ва зоҳири берунӣ моҳияти фикр ва андешаи дарунии ҳар ду шахсияти ҳикояро нишон медиҳад, ки шеваи тозаи шахсиятпардозӣ дар ҳикояи тоҷикӣ аст.

Баҳманёр дар ин ва бисёре аз ҳикояҳои дигараш ба василаи нақли танзомез аз ироаи сареҳ ва урёни хусусиёти шахсиятҳо худдорӣ мекунад. Хонанда тавсиф ё тасвири хӯю хислати Кадхудоро (ва ровиро низ) на аз забони нависанда, балки аз суолу ҷавоб ва зеҳнияти ҳар ду мешиносад, ки шеваи тоза ва муассир буда, то ҷое якнавохтии шахсиятпардозиро дар насри тоҷикӣ, аз ҷумла ҳикоя поён медиҳад. Ба ифодаи дақиқтар, Баҳманёр фаротар рафт ва ба василаи тасвири огоҳона зеҳнияти шахсиятро ҷозибаи марказии ҳикоя қарор дод.

Ба ин тартиб, дар заминаи таҳлилҳои анҷомгирифта метавон хулоса кард, ки дар ҳикояи ин давра нависандагони ҳунарманд бо корбурди шеваҳои гуногун ва таъсиргузори шахсиятпардозӣ ба таҳқиқи амиқи воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти инсон даст ёфта, бешак "фазои маънавиёт ва маърифати бадеии моро" (3, 159) такмил бахшидаанд.

Пайнавишт:

1. *Антонов, С. Я читаю рассказ / С. Антонов. – М.: Молодая гвардия, 1973. – 256 с.*
2. *Баҳманёр. Самаддеҳ. Китоби дуюм / Баҳманёр. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 240 с.*
3. *Давронов, А. Андар шинохти ҳикоя / А. Давронов. Нақди адабӣ ва равандҳои адабиёт (маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Шаҳпар, 2012. – С. 140 – 159.*

4. *Кӯҳзод, Ӯ. Бурротар зи теғ / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Маориф, 2019. – С. 103 – 111.*
5. *Мирзоюнус,М. Нигоҳи иҷмолӣ ба як достон / М. Мирзоюнус // Шоире аз Сармаддеҳ. – Душанбе: Ирфон, 2017. – С. 158 – 173.*
6. *Мирсодиқӣ, Ҷ. Аносири наср /Ҷ. Мирсодиқӣ. – Теҳрон: Интишороти Шифо, 1367. – 500 с.*
7. *Набавӣ, А. Намунаи шоистаи насри ҷадиди тоҷикӣ / А. Набавӣ. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. – Душанбе: Адиб, 2009. – С. "57 – 264.*
8. *Сайфуллоев, А. Ҷону ҷаҳони наср / А. САйфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 538 с.*
9. *Самад, А. Талош / А. Самад. – Душанбе: Адиб, 2002. – С. 150 – 156.*
10. *Солеҳов, Ш. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳои 70 – 80 қарни 20 (Масъалаи замон ва макони бадеӣ) / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Дониш, 2006. – 169 с.*
11. *Сорбон. Мағзреза / Сорбон. – Душанбе: Адиб, 2013. – 352 с.*
12. *Шубин, Э. А. Современный русский рассказ/ Э. А. Шубин. – Л.: Наука. Ленинградское отделение, 1974. – 182 с.*

Reference Literature:

1. *Antonov S. / Read a Short Story. – Moscow.: Young Guard, 1973. – 256 pp.*
2. *Bakhmaniyor, Samaddekh. The second Book. // S. Bakhmaniyor. – Dushanbe: Gift. 2014. – 240 pp.*
3. *Davronov A. On Short Story Cognition. // A.Davronov. Literary Criticism and Literary Processes (collection of articles). – Dushanbe: Bird's Wing, 2012. – pp. 140 – 159*
4. *Kuhzod U. More Acute than Sword// U Kuhzod. – Dushanbe: Enlightenment, 2019. – pp. 103 – 111*
5. *Mirzoyunus M. Briefly about one Doston// M. Mirzoyunus. The Poet from Sarmaddekh. Dushanbe : Cognition, 2017 – pp. 158 – 173*
6. *Mirsodiki Dj. Elements of Prose// Dj. Mirsodiki. – Tehron: Convalescence.1367 hijra. – 500 pp.*
7. *Nabavi A. Worthy Pattern of New Tajik Prose// A Nabavi. Quests and Initiatives in Prose. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2009. – pp. 57- 264*
8. *Sayfulloyev A. The Soul of Prose // A. Sayfulloyev. – Dushanbe: Cognition. 2007. – 538 pp.*
9. *Samad A. Strivings// A. Samad. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2002. – pp. 150 – 156*
10. *Solekhov Sh. Poetics of short Story Genre Referring to the 70-ies – the 80-ies of the XX – th Century The Problem of Imaginative Time and Space. – Dushanbe: Knowledge, 2006. – 169 pp.*
11. *Sorbon. Nut Crumbs// Sorbon. – Dushanbe: Man-of-Letters, 2013 – 352 pp.*
12. *Shubin E. A. Modern Russian Short Story// E.A. Shubin. Leningrad: Science, Leningrad department. 1974. – 182 pp.*

УДК 82
ББК 83.3Т

МАСЪАЛАҲОИ МАТНШИНОСИИ ЯК ҲИКОЯТИ “БӮСТОН”

Сатторова Нилуфар Мавлониддиновна, *муаллимаи кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

ПРОБЛЕМЫ ТЕКСТОЛОГИИ ОДНОГО РАССКАЗА ИЗ «БУСТОНА» СААДИ ШИРАЗИ

Сатторова Нилуфар Мавлониддиновна, *преподаватель общеуниверситетской кафедры таджикского языка ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

THE PROBLEMS OF ONE SHORT-STORY TEXTOLOGY FROM SAADI SHIRAZI`S “BUSTON”

Sattorova Nilufar Mavloniddinovna, *lecturer of the All-University department of the Tajik Language under SEI “Khujand State University named after academician B.Gafurov”(Tajikistan, Khujand)*
E-MAIL: *z.halimjon@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *“Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ, матншиносӣ, муқоисаю муқобилаи нусхаҳо, Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Ҳамидризои Маҷидободӣ, Муҳаммадалии Фурӯғӣ, нашрҳои “Бӯстон”*

Як ҳикояти “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ (асри XIII) дар асоси даҳ нусха: нашрҳои эронӣ, аз ҷумла нашрҳои Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Ҳамидризои Маҷидободӣ, Муҳаммадалии Фурӯғӣ ва нашрҳои тоҷикӣ ба монанди Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Абдуманнони Насриддин ва ғайраҳо бо ҳам муқоисаю муқобила карда шудааанд. Бояд зикр кард, ки дар 22 байти мавҷудбудаи ҳикояти мазкур танҳо дар понздаҳ байт ихтилофот пайдо гардида, дар абёти дуюм, чорум, даҳум, ёздаҳум, сенздаҳум, чордаҳум ва ҳаждаҳум дигаргуние ба назар нарасид. Баъд аз муқоисаи нусхаҳо маълум гардид, ки бо вуҷуди дар баъзеи байтҳо ихтилофот мавҷуд будан, мазмуну мақсади асосии ҳикоят халал наёфтааст ва нашрҳои эронии Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Муҳаммадалии Фурӯғӣ, Муҳаммад Хазоилӣ, Ҳамидризои Маҷидободӣ, инчунин нашри тоҷикии Абдуманнони Насриддин нисбати дигар нашрҳо боэътимодтаранд, зеро онҳо дар асоси нусхаҳои хаттӣ интишор гардидааанд.

Ключевые слова: *«Бустон» Саади Ширази, текстология рассказа, сопоставительный анализ, Гуломхусайн Юсуфи, Хамидризо Маджидободи, Мухаммадали Фуруги, издания «Бустона»*

Осуществлен текстологический анализ одного рассказа из книги «Бустон» («Цветник») Саади Ширази (XIII в.) на основе десяти его изданий: иранских, в частности Гуломхусайна Юсуфи, Хамидризо Маджидободи, Мухаммадали Фуруги и и др,. и таджикских, в том числе Садриддина Айни, Ибрахима Ализода, Абдусалома Дехоти, Абдуманнона Насриддина и др. Отмечается, что из 22-х бейтов, составляющих рассказ, разночтения наблюдаются в 15 бейтах, за исключением 2, 4, 10, 11, 13, 14, 18-го бейтов. Особо подчеркивается, что, хотя в разных изданиях рассказа встречаются многочисленные варианты бейтов, однако принципиальные разночтения, изменяющие смысл изучаемых бейтов, отсутствуют. Другими словами, нигде разночтения не нарушают логику и последовательность рассказа. Согласно сопоставительному анализу делается вывод, что в изданиях Гуломхусайна Юсуфи, Мухамамадали Фуруги, Мухаммада

Хазоили, Хамидризо Маджидободи (иранские издания) и в таджикском издании Абдуманнона Насриддинова представлен более убедительный и достоверный вариант рассказа, так как он опубликован на основе древнейших авторитетных списков.

Key-words: *Saadi Shirazi`s “Buston”, textology, correlative analysis, Gulomhusayn Yusufi, Hamidrizo Madjidobodi, Muhammadali Furughi “Buston” editions.*

The article is a textological analysis of one short-story from the book “Buston” (“Flower-Garden”) by Saadi Shirazi (the XIII-th c.) on the basis of ten editions: Iranian (in particular, by Gulomhusayn Yusufi, Hamidrizo Madjidobodi, Muhammadali Furughi and others and Tajik ones (Sadriddin Aini, Ibrahim Alizoda, Abdusalom Dehoti, Abdumannon Nasriddin and others). It is marked that out of 22 beyts composing the short-story, different readings are observed in 15 beyts; 2, 4, 10, 11, 13, 14, 18 ones exclusive. It is underscored especially that though numerous variants of beyts are occurred in different editions of the short-story, however, principle difference of readings changing the sense of the beyts studied is absent. In other words, nowhere difference in readings breaks logic and succession of the story. The conclusion is made that in the editions of Gulomhusayn Yusufi, Muhammadali Furughi, Muhammad Ghzzoli, Homidrizo Madjidobodi (Iranian ones) and in the Tajik edition of Abdumannon Nasriddonov a more convincing and authentic variant of the short-story is presented as it is published on the ground of the ancientest authoritative lists.

“Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ яке аз сарчашмаҳоест, ки инсонро ба дунёи ахлоқ, яъне ситоиши фурӯтанӣ, беаҳамият набудан ба ғами дигарон, қадр кардани тамоми ҷузъиёти олам, ҳамеша аз рӯи инсофу инсонгарӣ нигоҳ кардан ба муҳити зист, шукргузор будан аз он неъмате, ки Худованд бароямон ато кардааст, инчунин умри азизро беҳуда паси сар накардан ва бисёр дигар масъалаҳое, ки моро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят мекунанд, ворид месозад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки мо хостем ихтилофоти як ҳикоятеро дар даҳ нусхаи “Бӯстон” дида бошем. Ҳикояти интихобнамудаи мо низ ҷанбаи баланди тарбиявӣ дошта, бо мисраи “Чунон қаҳтсоле шуд андар Димишқ” оғоз гардидааст. Ҳангоми ошноӣ бо нусхаҳо ва муқоисаю муқобилаи ҳикоёти онҳо маълум гардид, ки умумият ва фарқияте байни онҳо мавҷуд аст. Пеш аз он ки дар бораи дигаргуниҳои ҳузурдоштаи ҳикоят сухан намоем, мақбул донистем, ки аввалан худи онро оварда, сипас, ба ихтисор дар бораи тафовути нусхаҳо баҳс намоем:

Чунон қаҳтсоле шуд андар Димишқ
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ.
Чунон осмон бар замин шуд бахил,
Ки лаб тар накарданд заръу нахил.
Бихӯшид сарчашмаҳои қадим,
Намонд об, ҷуз оби чашми ятим.
Набудӣ ба ҷуз оҳи бевазане,
Агар баршудӣ дуде аз равзане.
Ҷу дарвеш бебарг дидам дарахт,
Қавибозувон сусту дармонда сахт.
На дар кӯҳ сабзӣ, на дар боғ шах,
Малах бӯстон хӯрда мардум малах.
Дар он ҳол пеш омадам дӯсте,
Аз ӯ монда бар устухон пӯсте.
В-агарчи ба мукнат қавиҳол буд,

Худованди ҷоҳу зару мол буд.
Бад-ӯ гуфтам: «Эй ёри покизахӯй,
Чӣ дармондагӣ пешат омад? Бигӯй!"
Биғуррид бар ман, ки: «Ақлат куҷост?
Чу донию пурсӣ, суолат хатост?!
Набинӣ, ки сахтӣ ба ғоят расид,
Машаққат ба ҳадди ниҳоят расид?
На борон ҳамеояд аз осмон,
На бармеравад дуди фарёдхон».
Бад-ӯ гуфтам: «Охир, туро бок нест,
Кушад заҳр ҷойе, ки тарёк нест.
Гар аз нестӣ дигаре шуд ҳалок,
Туро ҳаст, батро зи тӯфон чӣ бок?"
Нигаҳ кард ранҷида дар ман фақеҳ,
Нигаҳ кардани олим андар сафеҳ,
Ки: «Мард арчи бар соҳил аст, эй рафиқ,
Наёсояд ӯ дӯстонаш ғариқ.
Ман аз бенавоӣ наям рӯйзард,
Ғами бенавоён рухам зард кард.
Нахоҳад, ки бинад хирадманд, реш
На бар узви мардум, на бар узви хеш.
Яке аввал аз тандурустон манам,
Ки реше бубинам, биларзад танам.
Мунаггас бувад айши он тандуруст,
Ки бошад ба паҳлӯи ранҷури суст.
Чу бинам, ки дарвеши мискин нах(в)ард,
Ба ком андарам луқма заҳр асту дард."
Якеро ба зиндон барӣ дӯстон,
Куҷо монадаш айш дар бӯстон?!

Дар пешгуфтори китоби Ғуломҳусайни Юсуфӣ доир ба ҳикояти мазкур чунин омадааст: "Дар олами "Бӯстон" ҳамаи афроди инсон бо якдигар ҳамдилӣ меварзанду ҳамдардӣ. Дар ҳақиқат он кас, ки аз ин фазилат бебаҳра аст, шоистаи ин мадинаи фозила нест. Ба ҳамин сабаб дар қаҳти соли Димишқ марде бо он ки худ дорост ва ниёзманд нест, аз ранҷи дигарон аз ӯ устухоне мондаасту пӯсте. Ғами бенавоён рухи вайро низ зард кардааст. Нигоҳи ӯ бар дӯсте, ки аз дармондагии вай дар шигифтӣ аст, нигаҳ кардани олим аст андар сафеҳ. Ба назари ӯ вақте дӯстон дар дарёи мусибат ва тангдастӣ ғариқанд бар соҳил будан чӣ осоише тавонад дошт?"

Нахоҳад, ки бинад хирадманд, реш
На бар узви мардум, на бар узви хеш (7, 24).

Бо мақсаде, ки ҳикояти зикрёфта дар чанд нусха ба кадом тағйирот вохӯрдааст ва кадом нусха мавриди қабул ҳаст, муайян гардад, ин ҷо нусхаҳои Саъдии Шерозӣ, "Бӯстон", тасҳеҳ ва тавзеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ (7, 58); Гузидаи "Бӯстон"-и Саъдӣ, "Дар орзуи хубӣ ва зебоӣ", интихоб ва тавзеҳи дуктур Ғуломҳусайни Юсуфӣ (3, 74-75); "Бӯстон" ва "Гулистон"-и Саъдӣ", бо кӯшиши Ҳамидризои Маҷидободӣ (1, 320-322); Куллиёти Саъдӣ ба тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ (5, 333-334); Шарҳи "Бӯстон", таълифи дуктур Муҳаммад Хазоилӣ (9, 107-109); "Достонҳои дилангез аз "Бӯстон"-и Шайх Саъдӣ",

интихоб ва шарҳу нигориши насрии Абдуманнони Насриддин (4, 46-47); “Бӯстон” Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, интишороти байналмилалии “Алҳудо” (10, 67-69); Саъдии Шерозӣ, “Бӯстон”, бо кӯшиши С. Айнӣ, (6, 28-29); Саъдии Шерозӣ, Мунтахаби куллиёт, Иброҳим Ализода ва Абдусалом Деҳотӣ (8,179-180); Гулшани адаб, намунаи назми форсу тоҷик, асрҳои XIII - XIV, ҷ. 1. (2, 141-142) бо ҳам қиёс карда шуданд.

Инак, оид ба чанд ихтилофи ҳикояти мазбур дар нусхаҳо назар меафканем.

1. Дар ҳамаи нусхаҳо миқдори байтҳо бар 22 баробар аст, илло як нусхаи Муҳаммад Хазоилӣ (9, 109), ки аз 21 байт иборат мебошад.

2. Дар бобати унвони ҳикоят бояд тазаккур дод, ки дар ду нусхае, ки ба Ғуломҳусайни Юсуфӣ (3; 7) тааллуқ доранд, бо номи “Дар маънии раҳмат бо нотавонон дар ҳоли тавоноӣ” ном гирифтааст, аммо дар дигар нусхаҳо танҳо “Ҳикоят” ном гирифтаасту бас. Дар вақти муқоисаи нусах равшан гардид, ки нусхаҳои Ғуломҳусайни Юсуфӣ (7; 3) бинобар аз як мусаҳҳеҳ будан, шабоҳати бисёр доранд.

3. Бояд тазаккур дод, ки дар ҳамаи нусхаҳо дар байтҳои дуюм, чорум, даҳум, ёздаҳум, сенздаҳум, чордаҳум ва ҳаждаҳум тағйирот ба назар нарасиданд, яъне ихтилофҳо танҳо дар 15 байти боқимондаи ҳикоят мавҷуд буданд.

Байти якум, дар аксари нусхаҳо ба гунаи зер аст:

*Чунон **қаҳтсоле шуд** андар Димишқ,*
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ (1, 320; 2, 141; 3, 74; 4, 46; 5, 333; 6, 28; 8, 179; 9, 107; 10, 67).

Танҳо дар яке аз нусхаҳои Ғуломҳусайни Юсуфӣ чунин омадааст:

*Чунон **қаҳт шуд соле** андар Димишқ,*
Ки ёрон фаромӯш карданд ишқ (7, 58).

Бояд тазаккур дод, ки аз ҷойивазкунии калимоти ишорашуда маънӣ тағйир намеёбад, яъне мазмун он аст, ки соле дар Димишқ қаҳтсолӣ шудааст.

Байти сеюм дар нусхаҳо чунин аст:

Бихӯшид *сарчашмаҳои қадим,*
Намонд об ҷуз оби чашми ятим (1, 320; 3, 74; 4, 46; 5, 333; 7, 58; 8, 179; 9, 108; 10, 67).

Бихушкид *сарчашмаҳои қадим,*
*Намонд об**,** ҷуз оби чашми ятим (6, 28; 2, 141).*

Инчунин дар мисраи дуюми баъзе нусхаҳо (1; 3; 6; 7) “Намонд об**,** ҷуз оби чашми ятим” аломати вергул мавҷуд буда, дар дигар нусхаҳо ба назар намерасад.

Оид ба шарҳи калимаи феълии “**хӯшидан**”дар нусхаи Хазоилӣ (9, 108) ва А. Насриддин (4, 46) “Бихӯшид – хушк шуд, бихушкид” омадааст. Маълум мешавад, ки дар нусхаҳои дигар (2; 6) ҳодисаи забонии иловашавии ҳарф ба миён омадааст ва ё таҳиягарони матн ҷиҳати фаҳмотар гаштани матлаб таҳрире дар он ворид кардаанд, вале дар ҳар ду тарз ҳам мавзунии шеър ва ҳам мазмун тағйир намеёбад.

Байти панҷум дар нусхаҳои мавҷуда ба гунаи зайл омадааст:

*Ҷу **дарвеши бебарг** дидам дарахт*
Қавибозувон сусту дармонда сахт (2, 141; 6, 28; 8, 179).

*Чу **дарвеш беранг** дидам дарахт*
Қавибозувон сусту дармонда сахт (1, 320; 5, 333; 10, 68).

*Чу **дарвеш бебарг** дидам дарахт,*
Қавибозувон сусту дармонда сахт (4, 46; 3, 74; 7, 58; 9, 108).

Зоҳиран, дарахти бебарг нисбати дарахти беранг дурусттар аст ва ин ҷо шоир дарахти бебаргро ба дарвеше, ки бенавою бечора аст, шабоҳат додааст. Бояд зикр кард, ки дар нусхаҳое, ки калимаи "**дарвеш**" бе иловаи бандаки изофӣ омадааст, мантиқан саҳеҳ мебошад. Дар байти мазкур санъати ташбеҳ ба кор рафтааст.

Дар ***байти шашуми*** нусхаҳо ихтилофоти зер мавҷуданд:

*На дар кӯҳ **сабзӣ,** на дар боғ шах,*
*Малах бӯстон **хӯрда,** мардум малах (1, 320; 4,46).*

*На дар **роғ сабза,** на дар боғ шах*
*Малах бӯстон **хӯрду** мардум малах (2, 142; 8, 179).*

*На дар кӯҳ **сабзӣ** на дар боғ шах,*
Малах бӯстон хӯрда мардум малах (3, 74; 5, 333; 7, 58).

*На дар **роғ сабза,** на дар боғ шах*
*Малах бӯстон хӯрда**,** мардум малах (6, 28).*

*На дар **кӯҳ сабзӣ,** на дар боғ**,** шах*
*Малах бӯстон **хӯрду** мардум малах (9, 108).*

*На дар кӯҳ **сабзӣ,** на дар боғ**,** шах,*
Малах бӯстон хӯрда мардум малах (10, 68).

Доир ба ихтилофи нусхаҳо дар мавриди калимаи "кӯҳ" ва "роғ" ҳаминро бояд зикр кард, ки калимаи "роғ" дар луғат маънои домани кӯҳ, чаманзор, марғзорро дошта, мазмунан, ҳар ду калима наздиканд, вале зоҳиран, асли матн "кӯҳ" аст ва Ғуломҳусайни Юсуфӣ низ калимаи "кӯҳ"-ро интихоб намудааст.

Ихтилофи дигар байни калимаҳои "**сабзӣ**" ва "**сабза**" мебошад. Калимаи "**сабзӣ**" дар луғат маънои "сабз будан, ба ранги алаф" ва "**сабза**" -гиёҳи тару тозаи ба гандум ва ҷави навхез монанд, ки аз замин чида нашуда бошад; сабзаи навхез, гиёҳи акнун нешзада ва сабзида омадааст. Мавҷудияти ҳар ду навъи калима низ дар мазмуни байт мантиқан дуруст меояд.

Дар мисраи дуюми байти фавқ калимаи феълии "**хӯрда**" ва "**хӯрду**" омадааст ва аз ҷиҳати тобиши замонии калимот фарқияти кӯчаке ҳаст. "Малах бӯстон **хӯрда,** мардум малах" гӯё ҳамзамонии амалро мефаҳмонад, яъне дар як замон малах бӯстонро хӯрдаасту мардум малахро. Дар навъи дуюм: "Малах бӯстон **хӯрду** мардум малах" омадааст ва замони ҳодиса "аввал малах бӯстонро хӯрдаасту баъд мардум малахро". Дар як нигоҳ, тарзи "**хӯрда**" саҳеҳтар аст, зеро дар як замон малахҳо бӯстонро хӯрда тамом карданду мардум аз наёфтани чизе ё зироате малахҳоро...

Байти 7-ум дар аксари нусхаҳо чунин омадааст:

*Дар он **ҳол** пеш омадам дӯсте,*
Аз ӯ монда бар устухон пӯсте (1, 320; 2, 142; 3, 74; 4, 46; 5, 333; 6, 28; 7, 58; 8, 179; 10, 68).

Аммо шореҳи асар – Хазоилӣ онро ба гунаи зер овардааст:

Дар он ***сол*** *пеш омадам дӯсте,*
Аз ӯ монда бар устухон пӯсте (9, 108).

Дар ихтилофоти калимоти ишорашуда “**ҳол**”-у “**сол**” гуфтан мумкин аст, ки ҳар ду калимот ҳамвазн буда, навъи якуми он, яъне дар он **ҳол** дурусттар аст, зеро дар ҳолате он дӯст наздаш омад, ки ҳама ҷой хушкиву қаҳтӣ ва мардум саргарон буданд.

Байти 8-ум дар аксар нусах чунин омадааст:

В-агарчи ба мукнат *қавиҳол буд,*
Ҳудованди ҷоҳу зару мол буд (1, 32; 3, 74; 4, 46; 5, 333; 7, 58; 9, 108; 10, 68).

Дар нусхаҳои дигар:

Шигифт омадам, к-ӯ *қавиҳол буд,*
Ҳудованди ҷоҳу зару мол буд (2, 142; 6, 28; 8, 179).

Чунонки ба назар расид, дар абёти мазкур иштироки калимот ба куллӣ фарққунанда аст, вале дар мавриди мавзунии абёт ягон ноқисӣ дида нашуд, аз лиҳози маънӣ низ ҳар ду тарз коста нест.

“Мукнат” дар луғат маънии боигарӣ, сарват, молу мулкро дорад ва азбаски нусхаҳои Ҳамидризои Мачидободӣ, нусхаҳои Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Абдуманнони Насриддин, Муҳаммадалии Фурӯғӣ, Муҳаммад Хазоилӣ ва интишороти байналмилалии “Алҳудо” (1; 3; 7; 4; 5; 9; 10) дар асоси сарчашмаҳои боэътимод таҳия шудаанд, зоҳиран нусхаи асл “**В-агарчи ба мукнат** қавиҳол буд” аст.

Байти 9 -ум дар нусхаҳои зери дасти мо чунин омадааст:

*Бад-ӯ гуфтам**:** Эй ёри покиза**хӯй***
Чӣ дармондагӣ пешат ***омад? Бигӯй*** *(3, 74; 7, 58; 9, 108).*

*Бад-ӯ гуфтам эй ёри покиза**хӯй***
Чӣ дармондагӣ пешат ***омад бигӯй*** *(1, 321; 5, 333; 10, 68).*

Ба дӯ *гуфтам**:** “Эй ёри покиза**хӯ***
*Чӣ дармондагӣ пешат омад**? Бигӯ!”*** *(6, 28)*

Бад-ӯ *гуфтам**:** “Эй ёри покиза**хӯ***
*Чӣ дармондагӣ пешат омад**? Бигӯ!”*** *(2, 142); (8, 179)*

Бад-ӯ гуфтам: «Эй ёри покизахӯй,
*Чӣ дармондагӣ пешат омад**, бигӯй**» (4, 46).*

Чунонки дида шуд, ихтилофоти нусах зиёд нест, танҳо дар будан, ё набудани ҳамсадои “йот” (аз рӯи талаботи ҳодисаҳои савтӣ ҳар ду тарз ҳам дуруст аст), ё худ гузоштан, ё нагузоштани аломатҳои китобат мебошад. Азбаски баъзе нусхаҳо бо хатти кириллӣ ва баъзе бо хатти арабиасоси форсианд, талаботи имлоии забони тоҷикӣ ва форсӣ ба назар гирифта шудааст.

Байти 12 -ум дар бештари нусхаҳо чунин аст:

На борон ***ҳамеояд*** *аз осмон*
На бармеравад дуди фарёдхон (1, 321; 3, 75; 4, 46; 5, 333; 7, 58; 9, 108; 10, 68).

Дар нусхаҳои дигар бошад:

На борон ***ҳамеборад*** *аз осмон*
На бар меравад дуди фарёдхон (2, 142; 6, 29; 8, 179).

Чунон ки маълум аст, ки дар ҳар давру замон истифодаи калимот ва ҳатто маънии онҳо низ тағйир меёбад ва имрӯз мо шакли "боридан"-ро истифода менамоем, валекин тарзи "**ҳамеояд**" нисбатан саҳеҳтар мебошад ва мутазод бо "бармеравад" аст.

Дар байти 15-ум чунин ихтилоф ба назар расиданд:

Нигаҳ кард ранҷида дар ман фақеҳ,
Нигаҳ кардани ***олим*** *андар сафеҳ (1, 321; 3, 75; 4, 46; 5, 334; 7, 58; 9, 109; 10, 69).*

Дар нусхаҳои тоҷикистонӣ бошад:

Нигаҳ кард ранҷида дар ман фақеҳ,
Нигаҳ кардани ***оқил*** *андар сафеҳ (2, 142; 6, 29; 8, 179).*

Калимаи "олим" дар луғат маънии донишманд, соҳиби илм ва "оқил" - боақл, хирадманд, доно тавзеҳ ёфтааст. Ин калимот мазмунан ҳамрадифанд, аммо нусхаҳое, ки дар онҳо калимаи "олим" омадааст, ба зоҳир саҳеҳ ва асл мебошанд. Аз ҷониби дигар, "фақеҳ" – шахси олим ва донандаи илми фиқҳ аст ва "сафеҳ" нодонро гӯянд.

Байти 16-ум дар баъзе нусхаҳо чунин омадааст:

Ки: «Мард арчи бар соҳил аст, эй рафиқ,
Наёсояд *ӯ дӯстонаш ғариқ (1, 321; 3, 75; 4, 46; 5, 334; 7, 58; 9, 109; 10, 69; 2, 142; 8, 179).*

Дар нусхаи дигар:

Ки: «Мард арчи бар соҳил аст, эй рафиқ,
Наосояд *ӯ дӯстонаш ғариқ (6, 29).*

Дар мавриди калимоти "**наёсояд**" ва "**наосояд**" гуфтан мумкин аст, ки ин ҷо ҳодисаи забонӣ мавҷуд аст, яъне баъд аз садоноки "а" садоноки "о" ҳамчун "ё" талаффуз шудааст ва "наёсояд" талаффуз кардан саҳеҳтару осонтар мебошад.

Байти 17-ум дар нусхаҳо ба гунаи зер аст:

Ман аз ***бемуродӣ*** *наям рӯйзард,*
Ғами ***бемуродон дилам хаста*** *кард (2, 142; 3, 75; 6, 29; 7, 58; 8, 179).*

Ман аз ***бенавоӣ*** *наям рӯйзард,*
Ғами ***бенавоён рухам зард*** *кард (1, 321; 4, 46; 5, 334; 9, 109; 10, 69).*

"**Бемурод**" – дар луғат маънии нокомӣ, маҳрумиятро дошта, "**бенаво**" – бечизу чора, нодор, фақир, қашшоқ шарҳ ёфтааст (11, 173).

Шайх Саъдӣ мегӯяд: "Ман на аз бенавоии худ, балки аз бенавоии мардум рӯйзард шудам." Ба андешаи мо гунаи сонӣ нисбатан саҳеҳ аст.

Байти 19 -ум дар аксари нусхаҳо чунин аст:

Яке аввал аз тандурустон манам,
Ки *реше бубинам биларзад танам (1, 321; 3, 75; 4, 47; 5, 334; 7, 58; 9, 109; 10, 69).*

Биҳамдуллаҳ, арчи зи реш эминам,
Чу *реше бубинам, биларзад танам (2, 142; 6, 29).*

Яке аввал аз тандурустон манам,
Чу реше бубинам биларзад танам (8, 180).

Реш дар луғат – ҷароҳате, ки дар бадан пайдо мешавад (бе захм задан) шарҳ ёфта, дар ин ҷо маҷрӯҳии руҳӣ (воҳиди фразеологӣ – маҷруҳу абгор гардидан), яъне ғаму дарди халқ дар назар дошта шудааст.

Азбаски нашрҳои Ҳамидризои Маҷидободӣ, Муҳаммадалии Фурӯғӣ, Муҳаммад Хазоилӣ ва Ғуломҳусайни Юсуфӣ бо истифода аз сарчашмаҳои боэътимод таҳия шудаанд (*руҷӯъ шавад:* 1, 7-18; 5, Пешгуфтор; 9, 7-8; 7, 13-15), мо низ такя бар ин нусхаҳо тарзи аввалро дурусттар пиндоштем.

Байти 20 -ум ба гунаи зер омадааст:

Мунаггас бувад айши он тандуруст,
Ки бошад ба паҳлӯи ***ранҷури*** *суст (3, 75; 7, 58).*

Мунаггас бувад айши он тандуруст,
Ки бошад ба паҳлӯи ***бемори*** *суст (1, 321; 2, 142; 4, 47; 5, 334; 6, 29; 8, 180; 9, 109; 10, 69).*

“**Бемор**” ва “**ранҷур**” ҳарду калимаҳои муродиф ҳастанд, яъне дар луғат маънои ранҷдида, дардманд, машаккаткашида шарҳ ёфтааст, аммо ҳангоми қироат калимаи **ранҷур** нисбатан равонтару мавзунтар талаффуз мегардад.

Байти 21 -ум бошад, чунин омадааст:

Чу бинам, ки дарвеши мискин ***нах(в)ард,***
Ба ком андарам луқма заҳр асту дард (1, 322; 2, 142; 3, 75; 4, 47; 5, 334; 7, 58; 10, 69).

Баъзе аз нусхаҳои тоҷикистонӣ чунинанд:

Чу бинам, ки дарвеши мискин ***нахӯрд,***
Ба ком андарам луқма заҳр асту дард (6, 29; 8, 180).

Байти мазкур дар нусхаи Хазоилӣ мавҷуд набуда, дар бобати калимаҳои ихтилофии ишорашуда ҳаминро бояд зикр кард, ки шакли аввал ба имлои забони форсӣ мутобиқ буда, дар бобати талаботи қофия низ саҳеҳ аст. Дар баъзе нусхаҳои тоҷикистонӣ бошад (6,180; 8, 180), қофия маъюб мебошад.

Байти 22:

Якеро ба зиндон ***барӣ*** *дӯстон*
Куҷо монадаш айш дар бӯстон? (3, 75; 7, 58)

Якеро ба зиндон ***дараш*** *дӯстон*
Куҷо монадаш айш дар бӯстон? (1, 322; 2, 142; 4, 47; 5, 334; 6, 29; (8, 180; 9, 109; 10, 69)

Саъдӣ дар байти хотимавии ҳикоят мегӯяд: “Якеро, ки дӯстонаш дар зиндонанд, дар дилаш чӣ гуна сайр дар бӯстону айшу хурсандӣ меғунҷад? “**Барӣ”** – дар луғат маънои “холӣ, дур аз чизе” омада, дар баъзе аз нусхаҳо ҷои ин, калимаи “**дараш**” (яъне: якеро, ки дӯстонаш дар зиндонанд) омадааст. Ҳар ду шакл ҳам аз ҷиҳати маънӣ саҳеҳанд, аммо гунаи аввал мавзунтару хушоҳангтар буда, чунонки зикр гардид, Ғуломҳусайни Юсуфӣ бештар ба нусхаҳои хаттӣ рӯ овардааст.

Ихтилофот дар нусхаҳо зиёданд ва сабаб дар он аст, ки ҳар яке аз сарчашмаҳои гуногун истифода намудаанд. Чунонки зикр гардид, ҳангоми ошно шудан бо пешгуфтору муқаддимоти китобҳои мазкур маълум гашт, ки нусхаҳои Ғуломҳусайни Юсуфӣ,

Муҳаммадалии Фурӯғӣ, Муҳаммад Хазоилӣ, Ҳамидризои Маҷидободӣ (нашрҳои форсӣ) ба манбаъҳои асл рӯ овардаанд ва матни ҳикояти онҳо нисбати нусхаҳои боқӣ саҳеҳтар аст.

Аз ҷумла, Ғулоҳусайни Юсуфӣ дар бахши "Муқаддима"-и китобаш мушаххасан унвони 10 нусхаи хаттиро, ки дар нашри китоби хеш онҳоро ҳамчун сарчашма қарор додааст, бо зикри макони нашру дар кадом китобхонаҳо маҳфуз доштан, инчунин таърихи таҳрири нусхаҳои мазкурро оварда, баён доштааст, ки асосан ба нусхаи хаттии "Куллиёт"-и Саъдӣ мутааллиқ ба Гиренавӣ, ки нахуст дар Лондон буда, баъд даст ба даст шуда ва акнун дар китобхонаи Будамир дар Жинав нигаҳдорӣ мешавад, такя намудааст: "... ва нусхаест комилу муътабар, ки дар ин чоп нусхаи асос қарор гирифтааст" (7, 13).

Аз ин лиҳоз, ба хулоса омадан мумкин аст, ки матни нисбатан дуруст ва наздик ба асли ҳикоят ҳамон аст, ки мо дар боло овардаем.

Ҳамин тавр, мушоҳида гардид, ки баъзе абёти ҳикоят, дар нусхаҳои мазкур ба дигаргунӣ дучор гардидаанд, вале бояд қайд кард, ки мақсади асосии ҳикоят ҳамоно бепарво набудан аз ғами якдигар, ҳамеша дар фикри манфиати хеш нагаштан ва махсусан, ҳамдаму ғамхор будан ба ҳангоми тангдастию эҳтиёҷмандӣ мебошад. Чунонки ин маънӣ дар байти машҳури Саъдӣ омадааст:

Чу узве ба дард оварад рӯзгор
Дигар узвҳоро намонад қарор

Пайнавишт:

1- *"Бӯстон" ва "Гулистони" Саъдӣ/ бо кӯшиши Ҳамидризои Маҷидободӣ. – Теҳрон: Парвон, 1393. – 624 с.*
2- *Гулшани адаб, намунаи назми форсу тоҷик, асрҳои XIII – XIV. Ҷ. 1. - Душанбе: Ирфон, 1975. – 496 с.*
3- *Дар орзуи хубӣ ва зебоӣ, Гузидаи Бӯстони Саъдӣ/ интихоб ва тавзеҳи дуктур Ғуломҳусайни Юсуфӣ, чопи саввум. – Теҳрон: Сухан, 1373. – 575 с.*
4- *Достонҳои дилангез аз "Бӯстон"-и Шайх Саъдӣ, интихоб ва шарҳу нигориши насрии Абдуманнони Насриддин. - Хуҷанд: Ношир, 2008. – 228 с.*
5- *Куллиёти Саъдӣ/ ба тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ. – Теҳрон: Ҳирмис, 1337. – 1408 с.*
6- *Саъдии Шерозӣ, Бӯстон/ С. Айнӣ, нашри сеюм. - Душанбе: Маориф, 1977. - 160 с.*
7- *Саъдии Шерозӣ, Бӯстон/ Тавзеҳ ва тасҳеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ. - Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1372, чопи чорум. - 620 с.*
8- *Саъдии Шерозӣ, Мунтахаби Куллиёт, Иброҳим Ализода, Абдусалом Деҳотӣ. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. - 434 с.*
9- *Шарҳи Бӯстон/ Таълифи дуктур Муҳаммад Хазоилӣ, чопи аввал. - Созмони чопу интишороти Ҷовидон, 1353. - 480 с.*
10- *Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ / Бӯстон . -Теҳрон: Интишороти байналмилалии "Алҳудо", 1371, чопи аввал. - 463 с.*
11- *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди якум. - Москва: Советская энсиклопедия. -1969. - 952 с.*
12- *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди дуюм. - Москва: Советская энсиклопедия. -1969. - 950 с.*

Reference Literature:

1. *"Buston" and "Guliston" by Saadi // under the editorship of Hamidrizo Madjdobodi. – Tehran: Parvon, 1393 hijra. – 624 pp.*
2. *Literary Flower-Garden (Patterns of Persian-Tajik Poetry of the XIII-th – the XIV-th Centuries). Part 1. – Dushanbe: Cognition, 1975. – 496 pp.*

3. *The Dream about the Dainty and the Beautiful. Selected Bustana by Saadi // selection and commentaries by Dr. Gulomhusayn Yusufi. The third edition. – Tehran: Word, 1373 hijra. – 575 pp.*
4. *Exciting Dastans from “Bustana” by Sheik Saadi; selection; commentary and prosaic appendices by Abdumannon Nasriddin. – Khujand: Publisher, 2008. – 228 pp.*
5. *Saadi`s Compositions // Commentaries by Muhammadali Furughi. – Tehran: Hirmis, 1337 hijra. – 1408 pp.*
6. *Saadi Shirazi. Buston // S.Aini, edition 3. – Dushanbe: Enlightenment, 1977. – 160 pp.*
7. *Saadi Shirazi. Buston // Commentaries and Recension by Gulomhusayn Yusufi. – Tehran: Khorazmi Publishing-House, 1372, edition 4. – 620 pp.*
8. *Saadi Shirazi. Selected Works, compilers: Ibrohim Alizoda, Abdusalom Dehoti. – Stalinabad: Tajik State Publishing-House, 1956. – 434 pp.*
9. *Commentaries to Bustana // Compositions of Dr. Muhammad Hazoili. The first edition. Publishing-house “Jovidon” (The Eternal and Immortal). 1353 hijra. – 480 pp.*
10. *Sheikh Muslihiddin Saadi Shirazi // Buston. – Tehran: International publishing-house “Alhudo” (Allah Almighty), 1371 hijra, the first edition. – 463 pp.*
11. *Tajik Language Dictionary. V.1. – M.: Soviet Encyclopedia, 1969. – 952 pp.*
12. *Tajik Language Dictionary. V.2. – M.: Soviet Encyclopedia, 1969. – 950 pp.*

УДК 80
ББК 81.2-7
ТДУ(УДК) 891.550

ДОҒ – МАЗМУНСОЗТАРИН УНСУРИ ШЕЪРИ ЗУҲУРИИ ТУРШЕЗӢ

Шарипов Шариф Раҳмонович, *н.и.ф., дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тоҷикистон, Душанбе)*

СЛОВО «ДОГ»[1] – ГЛАВНЫЙ СМЫСЛООБРАЗУЮЩИЙ ЭЛЕМЕНТ В ПОЭЗИИ ЗУХУРИ ТУРШЕЗИ

Шарипов Шариф Рахмонович, *канд.филол.наук, доцент кафедры таджикского языка и документации Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан (Таджикистан, Душанбе)*

THE WORD "DOG" AS A MAIN SENSE-FORMING ELEMENT IN ZUHURI TURSHEZI`S POETRY

Sharipov Sharif Rakhmonovich*, candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of the Tajik language and documentation of the State Management Academy under the Auspices of Tajikistan Republic President, (Tajikistan, Dushanbe)*
E-MAIL: *ssssharif@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *сабки ҳиндӣ, сабкшиносӣ, эҷодиёти Зуҳурии Туршезӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, калимаҳои меҳварӣ, доғ, маъно, мазмун*

Унсури мазмунсозтарини ашъори Зуҳурии Туршезӣ (ваф.1615) доғ, ки дар девони ғазалиёти шоир 574 маротиба корбаст шудааст, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таъкид мегардад, ки шоир ба ин калима тобишҳои маъноию услубии нав эҳдо мекунад, ба калима тавони тоза мебахшад ва бо ин роҳ мазмуни тоза меофарад. Муқоисаи ашъори Зуҳурӣ ва Бедил дар бобати истифодаи калимаи доғ сурат гирифтааст. Зикр шудааст, ки дар шеъри ӯ низ калимаи доғ аз ҷумлаи вожаҳои серистеъмол аст. Ҷадвали "Теъдоди истифодаи вожаҳои калидӣ дар девони Зуҳурӣ" пешниҳод гардидааст, ки 76 вожаро дар бар мегирад. Басомади истифодаи вожаҳои калидӣ аз 50 бор (ришта) то 1830 борро (дил) ташкил кардааст. Зуҳурӣ калимаи доғро бо вожаҳои ҳайронӣ, ваҳм, ҷаҳл, муҳаббат, ибрат, фурсат, хомӯшӣ, таманно, сӯхтан ҳамнишин месозад, ки онҳо то андозае ба маънои вожаи калидӣ тавсеа ва таҳвият мебахшанд.

Ключевые слова*: стиленведение, индийский стиль, творчество Зухури Туршези, поэзия Мирзо Абулкадыра Бедиля, ключевое слово «дог», новый мотив, тема*

Предпринята попытка проанализировать центральное смыслообразующее слово в поэзии Зухури Туршези (ум. в 1615 г.) – «дог», частота использования которого в его диване составляет 574 раза. Подчеркивается, что поэт придает слову новый смысловой и

---

[1] Данное слово имеет многочисленные смысловые оттенки, особенно в сочетании с другими абстрактными словами типа «удивление, воображение, разлука, любовь, миг, молчание, кокетство» и т.д. и не имеет однозначного перевода на русский язык. В зависимости от контекста переводится как «ожог» (ожог от страданий, страсти и т.д.), «рана» (рана от любви, разлуки и т.д.), «страдание» и т.д.

стилистический оттенок, вкладывает в него новый потенциал и благодаря этому создаёт новые мотивы и образы с его участием. Осуществлено сопоставление творчества Зухури с поэзией Мирзо Бедиля в использовании слова «дог». Отмечено, что и в стихах Бедиля данное слово является одним из часто употребляемых элементов. Предложена таблица «Частота использования ключевых слов в диване Зухури», содержащая 76 лексических единиц, частотность употребления которых варьируется от 50 раз («нить») до 1830 раз («сердце»). Зухури использует слово «дог» в сочетании со словами «удивление», «воображение», «невежество», «любовь», «миг», «молчание», «кокетство» и т.д., и этот прием расширяет и углубляет значение рассматриваемого ключевого слова.

Key-words: *style knowledge, Indian style, Zuhuri Turshezi`s creation, Mirzo Abulkadyr Bedil`s poetry, key words, "dog", motive, theme*

The author makes an endeavor to give a complete analysis of the central sense-forming word in the poetry of Zuhuri Turshezi (died in 1615) – that of "dog" the frequency of usage of which is equal to 574 times. It is underscored that the poet imparts a new sensible and stylistic shades of meaning to this word, he puts a new potential in the former and due to it creates new motives and images with participation of the word in question. The correlation between Zuhuri's creation and Bedil's poetry dealing with the word "dog" is implemented. It is marked that both in Bedil's poems the word is one of the most frequently used elements. The author adduces the table "Frequency of Key Words Use in Zuhuri`s Divan" containing 76 lexical units whose frequency varies in the range of 50 times ("thread") up to 1830 ones ("heart"). Zuhuri uses the word "dog" in combination with such words as: "surprise, imagination, ignorance, love, moment, silence, coquetry" and etc.; this enlarges and deepens the meaning of the considered key word.

Агар мазмунсозтарин унсури шеъри Бедил мафҳуми «оина» аст[2, 110-112], пас мазмунсозтарин моддаи шеъри Зуҳурӣ вожаи «доғ» аст, ки дар девони ғазалиёти шоир беш аз 574 маротиба корбаст шуда, бо он ки дар истифодаи ин калима такрори сувари хаёл дар шеъри Зуҳурӣ ба чашм мерасад, дар аксар маврид бо истифода аз он маънии тоза ва таркиби нав эҷод кардааст. Вожаи оина (ойина) дар девони ғазалиёти Зуҳурӣ 109 маротиба истифода шуда, вожаи «ишқ» 862 (ҳаштсаду шасту ду) маротиба корбурд гардида, сершумортарин калима дар ашъори шоир маҳсуб аст ва дар аксари маврид такрори сувари хаёл дар басомади он ба мушоҳида расида, аз назари дигар, мафҳуми корбасттарини адабиёти дирӯзу имрӯзи мост.

Ашъори шоире ба чашм намехӯрад, ки вожаи «ишқ»-ро камтар ба кор бурдааст ва ё ба як маъно истифода карда бошад. Зеро ишқ муҳимтарин мотиви адабиёти мо буда[16, 96], ҷавҳари адабиёти тасаввуфӣ низ ишқ аст. Ба риштаи таҳқиқ кашидани сайри таърихии вожаи ишқ дар адабиёти форсии тоҷикӣ пажӯҳиши пурмояеро рӯи кор хоҳад овард, ки, албатта, ба ин мавзӯи таҳқиқ ваҷҳи иртиботи вофир надорад.

Дар мавриди истифодаи вожаи «доғ» Зуҳурӣ бештар мазмуни тоза меофарад ва аз қироати шеъри Зуҳурӣ дар назари аввал дар мо чунон тасаввурот пайдо мешавад, ки гӯё хамирмояи ғазалиёти шоирро маҳз ҳамин «ишқ»-у «доғ» фаро гирифта, девони ӯро метавон «Ишқнома» ва ё «Доғистон» номид. Аммо чун ба дидаи таҳқиқ назар афканем, хамирмояи осори ҳунарии Зуҳурӣ ба ду-се мафҳум ва ё вожа (гиря 424 маротиба, ғам-717 маротиба, чашм 696 маротиба) маҳдуд нашуда, шоир дар атрофи ду-се мазмун намечархад, баръакс дар ҳар як маврид аз як вожа, масалан «доғ» таркиб ва мазмуни ҷадид месозад, ки мадлули байтро ба куллӣ дигар менамояд. Ин ҷо манзур ҳамон ақидаи суратгароёни рус аст, ки адабиётро на ҳунари тасовир ва иможҳо, балки ҳунари вожаҳо

медонистанд [8, 1-5; 9, 291; 10,54; 13, 281-284]. Зуҳурӣ низ аз зумраи шоиронест, ки на ба дунболи тасвир гашта, калимотро ҳамчун масолеҳи тасовир ба кор мебаст, балки вожаҳоро барҷаста месохт, ба калима тобишҳои маъноию услубӣ эҳдо мекард[6, 116] ба калимот тавони тоза ва маънои тоза бахшида, ба ин васила забони ҳунарӣ меофарид, ки қобили баёни ҳолат, воқеот ва хасисаи ашё буданд[5, 200]. Чунончи, дар байтҳои зер дар мавриди аввал «доғи ғам» ба маънои асар ва таъсири ғам, дар мавриди дуюм «доғ» ҳамвазни офтоб ба маънои нурбахш ва ҳатто аз он ҳам афзун «хуршедзоркунанда» омада, ифодаи он мазмун аст, ки сиёҳии доғи маъшуқа (дар ин ҷо «доғ» киноя аз сӯзу гудози роҳи висол) қудрати аз хуршед ҳам тобандатар ва равшантар кардани синаҳоро дорад:

Сад фароғу айшро бар заллабандӣ доштем,
Гашта бар хони ҷигар ***доғи ғамаш*** *меҳмони мо[7, 54].*

Ё:

Карда ***доғаш*** *синаи торикро хуршедзор,*
Дар ғамаш ҳар қатраи хун гашта айшистони мо[7, 55].

Ё ки:

Набинам рӯи торикӣ, ки кардам
Ба ***доғи дил*** *чароғони дил имшаб[7, 129].*

Ё ин ки:

Доғи май *лола дамонида зи пашминаи мо,*
Рӯзи шанбе ҳама зояд шаби одинаи мо[7, 88].

Абдулқодири Бедил низ «доғ»-ро маншаи тобу таби офтоб донистааст:

Сипеҳр рӯзу шаб афтода сарнигун з-ин дард,
Мудом аз оташи ин доғ меҳр дар табу тоб[4, 19].

Аслан, «гули таманно шукуфтан», «нози таманно чашидан», «нози таманно бардоштан» дар адабиёти форсии тоҷикӣ ба чашм мерасад, вале Зуҳурӣ шоирест, ки аввалин маротиба мафҳуми ботилнамо(парадокс)- таркиби «доғи таманно»-ро эҷод карда, «дар синаи маъшуқ хайма задани онро» андешидааст:

Гашт он рӯз, ки тобанда таноби рагу пай,
Хайма зад ***доғи таманно****и ту дар синаи мо[7, 116].*

Дар адабиёти мо дил ҳамчун «парвардаи орзую ҳавас», ишқу муҳаббат, ғаму ғурбат фаровон корбаст шудааст. Аммо Зуҳурӣ дилро «парвардаи доғ» гуфтааст, ки ба пиндори формалистони рус, амиқтараш В.Шкловский «ҳадафи ҳунар ин аст, ки ба мо эҳсоси ашёро он тавр ки дида мешавад, бидиҳанд, на он тавр ки барои мо шинохта шудаанд. Техникаи ҳунар ин аст, то чизҳоро ноошно намояд, қолабҳоро торику гунг гардонад, то бад-ин тартиб, душворӣ ва замони идрокро афзоиш диҳад» [3,10; 9, 110; 14,77-80]. Зуҳурӣ дар байти зерин «чизро ноошно» - парвардаи дӯшу бари **доғ** будани дил – карда, идроки моро «ба сӯи афзоиш кашола кардааст»:

Марҳам накунад ноз, харидор надорад,
Парвардаи дӯшу бари ***доғ*** *аст дили мо[7, 92].*

Илтифоту марҳамат хоси инсон буда, дар байти зерин сифати «доғ» шудааст ва бо истифода аз таҷнис шоир маънии тоза эҷод кардааст. Ҳамчунин, шигарди барҷастасозӣ[11, 138; 15, 40-46]. ин ҷо ба кор рафтааст, ки перумони он баҳси алоҳида ба табъ расидааст:

Ҳар сина, ки дидем, фурӯ рафта ба роҳат,
*Аз марҳамати **доғи** ту **доғ** аст дили мо[7, 92].*

Абдулқодири Бедил инсонро ба ашк ташбеҳ дода гуфтааст, ки:

Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони хок,
*Дар сари мижгон **чу ашк** истодаӣ, ҳушёр бош[4, 100]!*

Дар ашъори Бедил ва дигар шоирони сабки ҳиндӣ инсон ба «як каф ғубор», «як каф хок» ва амсоли онҳо шабоҳат ёфта, Зуҳурӣ дар ин маврид тамоман ташбеҳи тоза - «як доғ»-ро истифода кардааст:

Гашта аз фарқ то қадам як доғ,
Бенишонему ин нишонаи мо[7, 117].

Ҳатто «доғ»-ро «нишони нишонаҳо», киноя аз сабаби ҳастии оламу одам, боиси мавҷудияти ашё ва пайдоиши ҳаводис гуфтааст, ки ин мазмун дар адабиёти форсии тоҷикӣ тоза аст:

Хӯи ту забон забонаҳоро,
***Доғи** ту нишон нишонаҳоро[7, 48].*

Дар байти зерин низ «ба наъли доғ тубакпӯш кардан» тарзи ифодаи тоза буда, «доғ» дар мавриди дигар сифати нав - шарҳдиҳандаи (тафсиргари) «матни сина» гирифтааст.

Зи ҷомахонаи ишқи ту - атласи гардун
Ба наъли доғ тубакпӯш кардаӣ моро[7, 44].

Ё:

Ишқ бар маснади ифода нишаст,
Доғҳо шарҳи матни синаи мо[7, 118].

Абдулқодири Бедил дар услуби аз «ақл доғи ҳайронӣ» сохтан аз мафҳуми «доғ» мазмуни нав эҷод кардааст:

*Ба завқи он ки шавад ақл **доғи ҳайронӣ**,*
Ба чашми халқ фиканд аз ғубори дид ҳиҷоб[4, 18].

Бедил таркибҳои «доғи ҷаҳл», «доғи ваҳм»-ро сохтааст:

Ки бар ҳақиқати ин ҷилва ҳар кӣ пай набарад,
*Ба **доғи ҷаҳл** занад ғӯта то ба рӯзи ҳисоб[4, 19].*

Чӣ ҳушҳо, ки на з-ин шуълаи фиреб гудохт?
*Чӣ синаҳо, ки на з-ин **доғи ваҳм**[5] гашт кабоб[4, 19]?*

Зуҳурӣ таркиби «доғи муҳаббат»-ро чунин корбаст намудааст:

Гули сад бӯстон аз ҷайб агар берун диҳам, шояд,
*Ки аз **доғи муҳаббат** гулшане кардам тани худро[7, 74].*

Ё:

Фалак ба қасди Зуҳурӣ камони кин зеҳ кард,
Чӣ ғам зи доғи муҳаббат, дилаш сипар дорад[7, 282].

Ё ин ки:

Гардидаам ягона зи ишқи ягонае,
Дорад ҷигар зи доғи муҳаббат нишонае[7, 621].

Ин таркиб дар ашъори Бедил низ ба чашм мерасад:

*Зи дарду **доғи муҳаббат** мабош шиквафурӯш,*
Ҳузури роҳати дил нест ҷуз дар ин авҷоъ[4, 41].

Бедил таркиби «доғи ибрат»-ро истифода кардааст:

Ба доғи ибрати аҳволи ҳам сафеду сиёҳ,
Дар инқилоби ғами якдигар раму ором[4, 50].

Аз муқоисаи ашъори ин ду шоир бармеояд, ки вожаи «доғ» на танҳо дар шеъри Зуҳурӣ, балки дар ашъори Бедил низ ниҳоят зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Чунончи, дар ҷилди ҳашуми «Осор»-и Абдулқодири Бедил қариб сад маротиба калимаи «доғ» бо маъниҳои гуногун истифода шуда, таркибҳои тоза, аз қабили «доғи ҳайронӣ», «доғи ваҳм», «доғи ҷаҳл», «доғи ибрат», «доғи фурсат», «доғи савдо», «доғи имтиёз», «доғи сӯхтан», «доғи хомӯшӣ», «доғи матлаб» ва амсоли онҳо ба вуҷуд овардааст:

*Ба **доғи ибрат**и аҳволи ҳам сафеду сиёҳ,*
Дар инқилоби ғами якдигар раму ором[4, 50].

*Умр гул карду **доғи фурсат** бурд,*
Шараре пар заду ниҳон гардид[4, 63].

Дар дили лолаи чаман охир
*Кӣ ниҳодаст **доғи савдо**ро[4, 64]?*

Ғайр гул кардаему месӯзем,
*Ҳеч кас **доғи имтиёз** мабод[4, 82].*

Анҷуман сахт ғофил аст аз хеш,
*Шамъро **доғи сӯхтан** ин аст[4, 104].*

*Оламе **доғи хомушӣ** гардид,*
Гули найранги мовуман ин аст[4, 104].

*Ночори **доғи матлаб**и ноёб мешавам,*
Ёди рухи ту мекунаму об мешавам[4, 119].

Ҳатто дар ашъори Зуҳурӣ ду ғазал дар радифи доғ ба чашм мерасад, ки матлаашон чунин аст:

Ғайр аз ту ниҳод бар ҷигар доғ,
Фарёд, ки зулм кард бар доғ[7, 712].

Ва:

Дидаҳо манбаи ашк асту ҷигар маъдани доғ,
Муҳре аз доғ ниҳам ҳам ба дари махзани доғ[7, 713].

Теъдоди истифодаи вожаҳои калидӣ дар девони Зуҳурӣ

№ б/т	Калима	Миқдор (маротиба)
	Дил	1830
	Ишқ	859
	Ғам	717
	Чашм	696

	Доғ	574
	Лаб	572
	Сина	516
	Сад	449
	Гиря	424
	Дард	404
	Гул	382
	Шаб	370
	Як	338
	Забон	321
	Ком	314
	Захм	277
	Нигоҳ	271
	Ашк	246
	Оташ	240
	Рашк	238
	Ҳасрат	238
	Сабр	222
	Нафас	203
	Орзу	197
	Кӯҳ	156
	Хор	155
	Май	150
	Ақл	143
	Рӯй	143
	Гӯш	140
	Ҳусн	138
	Мижгон	135
	Соқӣ	129
	Зулф	122
	Зулф	122
	Муҳаббат	117
	Парвона	117
	Ҳазор	116
	Душман	115
	Хуршед	113
	Офтоб	110
	Оина	109
	Ранг	108
	Айш	108
	Ҷилва	108
	Булбул	106

	Бода	91
	Моҳ	89
	Завқ	88
	Ваъда	84
	Шарм	82
	Чароғ	81
	Хизр	80
	Афсона	78
	Нақш	78
	Тавба	77
	Шамъ	76
	Чеҳра	75
	Шароб	74
	Муҳр	74
	Ҳайрат	71
	Хаёл	69
	Ринд	67
	Занҷир	65
	Хат	64
	Нома	62
	Барқ	60
	Ғубор	60
	Устухон	59
	Коҳ	59
	Ду	59
	Абрӯ	59
	Рухсор	59
	Даҳон	58
	Аҷз	55
	Ришта	50

Хулоса, мазмунсозтарин вожаи девони ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ «доғ» аст, ки на ба мазмуни такрор, балки бештар ба маъноҳои тоза истифода шуда, дар баъзе маврид онро шоир (масалан, «Гашта аз фарқ то қадам як доғ») зирӯҳангорӣ карда, ибораҳои мутаноқизӣ (доғи сӯхтан, доғи хомӯшӣ) ҳам офаридааст. «Доғ» аз вожаҳоест, ки дар ашъори Зуҳурӣ ба сифати унсури меҳварӣ маънои мутанаввеъ меофарад ва бо ҳайронӣ, ваҳм, ҷаҳл, муҳаббат, ибрат, фурсат, савдо, хомӯшӣ, матлаб, сухтан, таманно, ғам, дил, май меҳвари таомули шоиронаи Зуҳуриро бо олами воқеъ муртабит медорад. Вожагони мазкур дар баробари «доғ» ҳамнишинанд ва як навъ тақвияти маъноии он буда, дар шабакаи тадоии шоир «муҳаббат дар бағали доғ» фироқу сӯз ва талотуми дарди ҷудоӣ «шиквафурӯшӣ»-ро ноҷӯр ва доғи муҳаббат – ранҷи ин роҳро моя ҳаловат мешуморад. Бинобар мабнои тазкираи «Наштари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ Зуҳурӣ ба чавгони хаёлоти рангингӯйи фасоҳат аз пешишуарои мутақаддимин мерабояд ва хаёлсанҷест азҳӣ, ки камияти фикрро

дар мизмори сухансанҷӣ ҷаҳонида» [1, 956] ва «Маосири Раҳимӣ» «зиндагии тавъам бо ишқи комил, риёзат ва таҚаддусро дунбол менамуд», «дарвешӣ ва гӯшанишинӣ ва фаҚру микинатро шиори худ сохта, ба офият мегузаронад ва ба тазкиру таҳлил ва ибодат машғул мебошад» [12, 1212]. Дар ин замина, метавон пиндошт, ки шоир «доғ»-ро дар борварии сӯфиёна намодин карда, ки рамзи гуноҳ ва ҳиҷоб байни ошиқ ва маъшуҚа аст. Ҷиҳати ғаввосӣ дар уҚёнуси бепайдоканори шеъри Зуҳурӣ ва пайдо кардани садафи маънӣ ва андешаи ӯ ошноӣ бо ҳавза ва сохтору сабк, шигарду бунёнҳои адабӣ, бунмоя ва сувари хаёл, рехторшиносии адабӣ бояд огоҳии комил дошт.

Пайнавишт:

1. *Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Наштари ишқ. Китоби 3. - Душанбе: Дониш, 1982. – Аз с.782 то с.1180.*
2. *Аҳмад Гулӣ, Абӯлфазл Маҳдии Иқдам. Оина – мазмунсозтарин унсури шеъри Бедил. – Теҳрон. Қанди порсӣ. – 112 с.*
3. *Аҳмадӣ, Алиакбар, Ҳафтодар, Ғулобаббоси Ризоӣ, Номдорӣ, Иброҳим. Ошноизудоӣ ва нақши он дар халқи шеър. Маҷаллаи Сухан. - Теҳрон. -№ 2. Зимистони 1392. – 122 с.*
4. *Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷилди 8. - Душанбе: Адиб, 2011.- 856 с.*
5. *Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла.-Душанбе: Пайванд, 2004. - 332 с.*
6. *Зеҳнӣ Турақул. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ.-Сталинобод:Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. - 260 с.*
7. *Зуҳурии Туршезӣ. Девони ғазалиёт. Бо таҳқиқ ва тасҳеҳи дуктур Асғари Бобосолор/ Зуҳурии Туршезӣ. – Теҳрон: Китобхона, музей ва маркази асноди маҷлиси Шӯрои исломӣ, 1390. – 1642 с.*
8. *Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. –Теҳрон: Сухан, 1363. - 712 с.*
9. *Кадканӣ, Шафеӣ. Растахези калимот. Дафтари гуфторҳо дар бораи назарияи адабии суратгароёни рус. - Теҳрон: Сухан, 1391. – 654 с.*
10. *Кадканӣ, Шафеӣ. Шоири оинаҳо. - Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 342 с.*
11. *Миқдодӣ, Баҳром. Фарҳанги истилоҳоти нақди адабӣ. Чопи аввал.-Теҳрон: Интишороти фикри рӯз, 1378. – 556 с.*
12. *Наҳовандӣ Абдулбоқӣ. Маосири Раҳимӣ. Бахши сеюм. Зиндагиномаҳо. - Теҳрон: Муассисаи чоп ва интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1381.- 1456 с.*
13. *Футӯҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир. – Теҳрон: Сухан, 1385. - 464 с.*
14. *Шарипов Ш.Р. Навпардозиҳои Зуҳурии Туршезӣ дар жанри ғазал. - Душанбе: ҶДММ «Сармад-Компания», 2020. – 98 с.*
15. *Шарипов, Ш.Р. Равишҳои ошноизудоӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ/маҷ.Паёми Донишкадаи забонҳо. - Душанбе: Лингвопарк, 2017, - № 2-3(26-27). – 186 с.*
16. *Яҳёи Кордгар. Дугонагии сабк дар сабки ҳиндӣ//Фаслномаи мутолеоти Шибҳи Қора. Донишгоҳи Сиистон ва Булуҷистон. - №6, 1390. - 114 с.*

Reference Literature:

1. *Azimoboda, Husaynkulihon. The Edge of Love. Book 3. - Dushanbe: Knowledge, 1982. - From page 782 up to page 1180.*
2. *Guli, Ahmad; Ikdam, Abulfazl Mahdi. Mirror as the most Sense-Forming Element in Bedil's Poetry. – Tehran: Krsian Poerty, - 112 pp.*

3. *Ahmadi, Aliakbar; Haftodar, Gulobbosi Rizoi, Nomdori, Ibrohim. "Oshnoizudoi" (Ardent Comradeship) and its Role in Poetry Creation. "Suhan" Journal. – Tehran, -№ 2.1392. - 122 pp.*
4. *Bedil, Abdulkodir. Compositions. V. 8. - Dushanbe: Man-of-Letters, 2011. - 856 pp.*
5. *Zarrinkub, Abdulhusayn. By Renovated Caravan.-Dushanbe: Alliance, 2004. - 332 pp.*
6. *Zehni, Turakul. Artistic Means of Expression in Tajik Poetry. - Stalinabad: Tajik State Publishing-House, 1960. - 260 pp.*
7. *Zuhuri, Turshezi. Divan of Gazels. Research and recension by Bobosolor Asgari / Zuhuri Turshezi. – Tehran, 1390. - 1642 pp*
8. *Kadkani, Muhammadrizo Shafei. Creation of Images in Persian Poetry. –Tehran: Word, 1363. - 712 pp.*
9. *Kadkani, Shafei. Resurrection of Words. Talks about Literary Theory Related to Russian Formalists. - Tehran: Word, 1391. - 654 pp.*
10. *Kadkani, Shafei. The Poet of Mirrors. - Tehran: Tidings, 1366. - 342 pp.*
11. *Mikdoddi, Bahrom. The Dictionary of Literary Criticism Terms. The First edition. - Tehran: "Fikri Ruz" Publishing house, 1378. - 556 pp.*
12. *Nahovandi Abdulboki. Maosir Rahimi. The third section. Biographies. - Tehran: Publishing House of Tehran University, 1381. - 1456 pp.*
13. *Futukhi, Mahmud. Perfection of Depiction. - Tehran: Word, 1385. - 464 pp.*
14. *Sharipov Sh.R. Innovation of Zuhuri Turshezi`s Novelty in Gazel. - Dushanbe: "Sarmad-Company" Assoc.Ltd. 2020. - 98 pp.*
15. *Sharipov, Sh.R. "Oshnoizudoi" Principles in Zuhuri Turshezi`s Gazels / The Journal "Bulletin of the Institute of Languages". - Dushanbe: Linguopark, 2017, - No. 2-3 (26-27). - 186 pp.*
16. *Kordgar, Yahoyi. Ambiguity of Manner in Indian Style // Researches of Siistan and Baluchistan University. - No. 6, 1390. - 114 pp.*

10 01 10 ЖУРНАЛИСТИКА
10 01 10 JOURNALISM

УДК 070
ББК 76.0

ВОЗМОЖНЫЙ ЗАПУСК АВТОНОМНОГО РУНЕТА И ЕГО РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ЕАЭС

Куликовский Алексей Владимирович, *канд. филол.наук, доцент кафедры международной журналистики Кыргызско-Российского Славянского университета (Кыргызстан, Бишкек)*

ИМКОНИ ҶОРӢ КАРДАНИ РУНЕТИ МУХТОР ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ИИАО

Куликовский Алексей Владимирович, *н.и.ф., дотсенти кафедраи журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи славянии Қирғизистону Русия (Қирғизистон, Бишкек)*

POSSIBLE LAUNCH OF AN AUTONOMOUS RUNET AND ITS ROLE IN PROVIDING INFORMATIONAL SECURITY OF THE EAEU

Kulikovsky Alexey Vladimirovich, *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of international journalism under the Kyrgyz-Russian Slavonic University (Kyrgyzstan, Bishkek)* ***E-MAIL:****alexkulikovsky@yandex.com*

Ключевые слова: *Интернет, Рунет, автономность, журналистика, Российская Федерация, ЕАЭС, информационные технологии, Китай, Казахстан*

Российская Федерация готова к запуску автономного национального сегмента сети Интернет в случае возникновения необходимости. Перечисляются проблемы, которые привели к сложившейся ситуации. Рассматриваются возможные последствия отключения России от глобальной сети Интернет и каким образом они могут отразиться на ЕАЭС. Обозначается роль информационных технологий в современной журналистике и теоретическое влияние запуска автономного Рунета на СМИ. Рассмотрен опыт Китая по блокировке зарубежных ресурсов, а также мнения экспертов из Российской Федерации и Казахстана по изучаемой теме. Представлены положительные и отрицательные стороны перехода России к автономному национальному сегменту сети Интернет.

Вожаҳои калидӣ: *Интернет, Рунет, мухторият, журналистика, Федератсияи Русия, ИИОА, технологияҳои иттилоотӣ, Хитой, Қазоқистон*

Федератсияи Русия дар мавриди пайдо шудани зарурат омода аст, ки сегменти миллии мухтори шабакаи Интернетро ҷорӣ намояд. Муаммоҳое номбар шудаанд, ки боиси ба амал омадани вазъи ҳозира гардидаанд. Натиҷаҳои имконпазири аз шабакаи умумиҷаҳонии Интернет қатъ гардидани Русия ва чӣ гуна ба ИИАО таъсир расонидани он баррасӣ гардидааст. Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар журналистикаи муосир ва таъсири назариявии ҷорӣ кардани Рунети мухтор ба ВАО тавсиф шудааст. Таҷрибаи Хитой оид ба қуфлбандии манбаъҳои хориҷӣ, ҳамчунин ақидаи мутахассисони Федератсияи Русия ва Қазоқистон доир ба мавзӯи мавриди баҳс баррасӣ гардидааст. Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии гузариши Русия ба сегменти миллии мухтори шабакаи Интернет пешниҳод шудааст.

Key-words: *Internet, Runet, autonomy, journalism, Russian Federation, EAEU, informational technologies, China, Kazakhstan*

The Russian Federation is ready to launch an autonomous national segment of the Internet network if such a need arises. The article identifies the problems that have led to this situation. Possible consequences of disconnecting Russia from the global Internet network and how they can affect the EAEU are considered. The role of information technologies in modern journalism and a theoretical impact of a launch of autonomous Runet on MM are designated. The article considers China's experience in blocking foreign resources, as well as the opinions of experts from the Russian Federation and Kazakhstan on the theme studied. Both positive and negative aspects of Russia`s transition to an autonomous national segment of the Internet network are presented.

Интернет в глобальном плане стал неотъемлемой частью жизни современного общества. От работы данной сети сегодня зависят и гражданское население, и руководство государств. Российский эксперт в области информационных коммуникаций Наталья Касперская назвала отключение аккаунтов экс-президента США Дональда Трампа в социальных сетях не иначе, как «цифровое убийство» [1]. Большинству пользователей сеть Интернет известна в качестве единственного глобального открытого средства коммуникации. Теоретически возможно создание сетей подобного плана в других странах, которые могли бы стать первыми внутригосударственными полноценными аналогами Всемирной паутины. Важной задачей является определение необходимости создания подобной сети на территории ЕАЭС.

Прежде всего следует рассмотреть причины возникновения вопроса о создании подобной сети. Безусловно, в качестве основной из них следует назвать информационное противостояние между рядом развитых стран. При сравнении публикаций, например, в российских и европейских средствах массовой информации мы можем наблюдать, как одна и та же новость в разных странах может преподноситься в ракурсе, нужном той или иной редакции. Данную тему отлично раскрыл Георгий Валентинович Вирен в его учебном пособии для журналистов «Современные медиа: приёмы информационных войн», где он неоднократно приводил в качестве примера использования приёмов информационных войн передачу телеканалом «Евроньюс» некоторых новостей о событиях в Российской Федерации [2].

The truth is you never asked upon generosity and remained alone as a wanderer.

Намунаи дувум:

Since you have not been in an outland, do you not know of me?
No one knows of a foreign land but me.
What's the matter? You never asked for generosity.
From far away stuck in an unhappy situation?

Шайх Камол дар байти панҷум иброз мекунад, ки ҳеч кас моро ҳамдам нахоҳад шуд. Аммо аз лиҳози маҷоз, маънии ихтиёр низ дарҷ шудааст. Масалан, донишманде изҳори ақида намудааст, ки шахс кай ба ихтиёр робитае дошт ва шоир низ дар даврони пур аз шиканҷа руҳан хешро тоқа эҳсос кардааст.

Ҷадвали 1.4.

Асл	Тарҷума
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли худ, *Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?* *Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,* *Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб! [11, с.43]*	*Since no one in such time will spontaneously run into,* *Stranger in such town as you see?* *Indigent Kamol will pass away in strange land,* *Oh strange land, oh strange land, oh strange land? [11, с.44]*

Дар байти охир Шайх Камол зоҳиран мегӯяд, ки дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ месупорад, аммо аз лиҳози маъно ғазал маҷозан пӯшида буда, яъне ҷон супоридан киноя аз фонӣ шудан будааст, ки тариқест найл ба олами бақо. Инчунин мурдан тибқи истилоҳ рондагиро гӯянд аз ҳазрати Ҳақ субҳона ва аз ҳақиқат дур нест, ки шояд шоир ҳамин маъниро дар назар дошта бошад [8, с.52].

Дар забоншиносӣ мафҳуми фоносемантика бештар таваҷҷуҳи олимонро ҷалб намудааст, ки онро ҳангоми таҳлилу баррасии осори манзум ва мансур мавриди истифода қарор медиҳанд. Масалан, дар бобати аҳамияти мафҳуми номбурда забоншиносон андешаҳои гуногун баён кардаанд. Масалан, Бодуэн де Куртенэ қайд мекунад, ки овоз дар системаи забонӣ чун аломати лозимии забон ба ҳисоб рафта, бидуни он системаи фонетикии забонҳо тасаввурнопазир аст. Дар замони муосир рушди фоносемантика боиси пайдоиши масъалаҳои зиёди лексикӣ-семантикӣ ва луғавӣ-равонӣ гаштааст. Аммо бори аввал асосгузори мактаби фоносемантикии шаҳри Петербург Воронин С.В. ин мафҳумро ба гунаи шохаи алоҳидаи забоншиносӣ маънидод намудааст. Аз ҷумла, ӯ таъкид намудааст, ки ҳадафи аслии фоносемантика - омӯзиши робитаҳои овоз ва маъно дар калима мебошад. (2, с.22)

Масалан, дар ғазали Камоли Хуҷандӣ вожаҳои "***касе***", "***мебинӣ***", "***кӣ***", "***ғариб***", "***ғарибӣ***", "***сахтӣ***", "***мискин***", "***Во ғарибӣ***", "***во ғариб***", "***муқим***", "***ҷонон***", "***мискин***", "***ғурбат***", "***наяфтодӣ***", "***чӣ донӣ***", "***илло***", "***карам***" ва "***мустаманди***" аз назари таълимоти фоносемантникӣ, ҳангоми қироат дорои оҳангҳои мухталиф ва баёнгари маъниҳои амиқи фалсафӣ ва эҳсосоти ботинии шоир буда, ҳар калима ифодагари чандин маъно мебошад. Ҳамзамон, дар саросари мақола мазмун ва мухтавои калимаҳо бо шарҳу тафсири васеъ матраҳ гардидааст, ки он исботи қонуну талаботи фанни фоносемантика мебошад.

Дар байти панҷум ва охири тарҷума ба хонанда ҳисси ивази ҷои зист тавлид гашта, адами рамзи холигӣ ва таъсире, ки муаллиф дар шеъраш баён дорад, ҳосил мегардад. Чинончи дар шарҳи байти панҷум баён гардид, мазмуни аслии байти номбурда дар тарҷума қисман тавзеҳ шудааст. Масалан, дар мисраи аввали байти панҷум хатои услубӣ рӯй додааст, ки ибораи "*дар ин даврон*" иштибоҳан "*in such time*" тарҷума шуда, бояд "*at such time*" тарҷума мегардид, ки онро эрротологияи тарҷума гӯянд. Ҳамчунин, дар мисраи мазкур, тарҷумаи вожаи "*spontaneously*" дар матни асл зикр нашуда, аммо аз лиҳози маъно мувофиқат кардааст, ки онро асимметрияи морфологӣ гӯянд. Ҳамзамон, мисраи дувуми байти панҷум аз лиҳози маъно ба ҳам тавъам набуда, бояд тарҷума ба таври зайл хотима меёфт:

Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ, кӣ афтад бо ғариб?
No one in no time and in any other town runs into a stranger you see?

Бояд таъкид намуд, ки тарҷумаи ибораи "*ба сахтӣ*" дар матни тарҷума ба назар нарасида, шояд тарҷумон зикри онро лозим надонистааст, ки адами ин ибораро метавон асимметрияи морфологӣ номид.

Дар мисраи охирин ибораи "*Во ғарибӣ*" чун "*Oh strange land*" тарҷума шудааст, ки аз нигоҳи грамматикӣ падидаи асимметрӣ меноманд. Ҳамзамон, маънои луғавии "***ғарибӣ***" - *ғариб будан, зиндагии дур аз ватан, дурӣ аз ватан, мусофирӣ, ғурбат; дар ғарибӣ дур аз ватан, дар ғурбат 2. бекасӣ, танҳоӣ; ғарибӣ кашидан, мусофириро аз сар гузаронидан; азоби дурӣ аз ватан ва бекасиро дидан; дар ғарибӣ афтодан* дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ дарҷ шудааст. Аммо чи тавре дар боло баён гардид, ибораи "*strange land*" ифодагари маънои "***ғурбат***" буда, дар мисраи охир қисман асолати худро нигоҳ доштааст.

Ахиран, намунаҳои дигари ду байти боло пешкаш мешаванд:

Намунаи аввал:

No one at such time will encounter a stranger,
No one in no time and in any other town runs into a stranger you see?
The indigent Kamol will die in a strange land,
Oh wandererring, oh wandererring, oh wandererring, oh wanderer!

Намунаи дувум:

As no one at such time would spontaneously encounter,
A stranger in such a city as you see?
The indigent Kamol will pass away in a strange land,
Oh wandererring, oh wandererring, oh wanderer!

Дар адабиётшиносӣ мафҳуми аллитератсия боиси омӯзиш ва таҳқиқи олимон гаштааст. Аллитератсия - такрор ё ҳамоҳангии ҳамсадоҳои монанд ё аз лиҳози талаффуз ба ҳам наздикро гӯянд. Ин мафҳумро метавон ҳангоми шарҳу тавзеҳи матни комил ё порчаҳои алоҳида истифода кард.

Намунаи олии мафҳуми аллитератсия тезгӯякҳо мебошанд, ки дар онҳо ҳарфҳои ҳамрадиф ва ҳамқофия бештар ба назар мерасанд ва ҳангоми қироат халале намерасад.

Аммо сабку шеваи гӯиши Шайл Камол комилан инъикосгар ва исботи мафҳуми аллитератсия буда, дар ғазал шоир бо табаҳҳур ва қареҳаи шоирӣ ғазали мавриди назарро эҷод намудааст, ки ҳангоми қироаташ кас аз равонӣ ва суфтагии ғазал пай мебарад.

Дар охир, аз рӯи баъзе баҳсҳои адабӣ ҳадс мезанем, ки шояд тарзи баргардони дурусти мисраи ниҳоӣ бо хониши "***ё***"-и мақсура ба таври зайл сурат мегирифт: мувофиқи маънои луғавии вожаи "***ғариб***" - фоил, исм ё мубадо аст, зеро дар мисраи аввал шоир хешро **мискин** хонда, баъдан таъкиди ҳол кардааст:

Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибо*, во ғарибо, во ғарибо, во ғариб.*
The indigent Kamol will die in a strange land,
Oh wanderer*, oh wanderer, oh wanderer, oh wanderer.*

Тибқи қонуниятҳои фанни фоносемантика, яъне аз нигоҳи оҳанги талаффуз ибораи "***Во ғарибо***" ба мисраи асл шояд наздик бошад ва тарҷумаи англисии "***Oh wanderer***" низ хушоҳангтар аст, гарчанде ибораи "***Во ғарибо***" бо калимаҳои мисраи қаблии "***ғарибӣ***" ва "***сахтӣ***" ҳамқофия нест. Аммо бояд қайд намуд, ки дар баъзе сомонаву китобҳои адабӣ мисраи мазкур ба таври зерин дарҷ шудааст:

Во ғарибӣ, во ғарибӣ, ***во ғарибо****, во ғариб.*

Ҳамин тариқ, ҳангоми ҳаллу баррасии хусусиятҳои тарҷумаи матни манзуми бадеӣ равшан мегардад, ки тарҷумаи ашъор бояд дорои таъсири эстетикӣ, ҳамоҳангии мазмун ва мундарича, дарки амиқи жанр ва санъатҳои бадеӣ ҷиҳати таносуби матни асл ва тарҷума бошад.

Хулоса, аз таҳлилу баррасии байтҳо равшан мегардад, ки тарҷумон кӯшиш ба харҷ додааст, то ки усули тарҷумаи бадеиро бо баъзе мушкилиҳо анҷом дода, паёми аслии шоирро ба хонандаи англис расонад, аммо на бо мазмуни амиқ. Тарҷумаи байтҳо аз рӯи ҳамоҳангӣ ва таносуб тибқи қонуну қоидаҳои фанни арӯз ва грамматика мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳангоми тарҷума ва маънидоди байтҳо корбурди вазни озод метавонад ҷиҳати такмили маъно хидмат кунад.

Ҳамзамон, масъалаи тарҷумаи бадеӣ аз нигоҳи зуҳуроти ассиметрӣ дар заминаи мафҳуми фазои тарҷума мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Мувофиқати мазмун ва муҳтавои тарҷумаи ашъор дар фазои тарҷума қазияи асимметрияи семантикиро рӯи кор меорад, ки симметрияи маънои калимоти алоҳидаро аз назар холӣ намегузорад.

Пайнавишт:

1. *Аристотель. Об искусстве поэзии / Пер. В. Г. Аппельрота. - М., 1893. - 97 с.*
2. *Воронин С.В. Основы фоносемантики.-М.: Ленанд, 2006. – 248с.*
3. *Жуковский, В.А. О переводах вообще, и в особенности о переводах стихов / В.А. Жуковский / Эстетика и критика. - М.: Искусство, 1985.- 431 с.*
4. *Казакова, Т.А. Художественный перевод. Теория и практика: учебник / Т.А. Казакова. - СПб.: ООО «Инъязиздат», 2006. - 544 с.*
5. *Кузнецов, А.Ю. Лирическое стихотворение и его перевод (от теории к практике сопоставительного лингвопоэтического исследования) [Текст]/ А.Ю. Кузнецов/ в кн.: Теория и практика художественного перевода: учеб. пособие для студ. лингвист. фак. высш. учеб. заведений/ Ю.П. Солодуб, Ф.Б. Альбрехт, А.Ю. Кузнецов. — М.: Издательский центр «Академия», 2005. - С. 278-295.*
6. *Нарзиқул Мисбоҳиддин. Муқаддимаи шеършиносӣ / Нарзиқул Мисбоҳиддин - Душанбе: Сино, 2004. - 82 саҳ.*
7. *Солодуб, Ю.П. Теория и практика художественного перевода: учеб. пособие для студ. лингвист. фак. высш. учеб. заведений [Текст]/ Ю.П. Солодуб, Ф.Б. Альбрехт, А.Ю. Кузнецов. - М.: Издательский центр «Академия», 2005. - 304 с.*
8. *Тӯҳфаи ҷон (Шарҳи 40 ғазали Камоли Хуҷандӣ). - Хуҷанд: Ношир, 2020. - 288 саҳ.*
9. *Тюленев, СВ. Теория перевода: Учебное пособие [Текст]/ СВ. Тюленев - М.: Гардарики, 2004. - 336 с.*
10. *Федоров, А.В. Введение в теорию перевода (Лингвистические проблемы) / А.В. Федоров М.: Литература на иностранных языках, 1958. - 375 с.*
11. *Ҳабдаҳ чаман. - Хуҷанд: Хуросон, 2020. - 284 саҳ.*
12. *Newmark, Peter. Approaches to Translation. - Oxford: Pergamon Press, 1981. - 200 p.*
13. *Suryawinata, Z. Analisis dan Evaluasi terhadap Terjemahan Novel Sastra The Adventure of Huckleberry Finn dari Bahasa Inggris ke dalam Bahasa Indonesia. Unpublished Doctorate Dissertation, Post-Graduate School, IKIP Malang, 1982. - 272 p.*
14. *Wills, Wolfram. The Science of Translation. - Gunter Narr Verlag Tubingen, 1982.*

Reference Literature:

1. *Aristotle. On the Art of Poetry / Translation by V. G. Appelroth. - M., 1893. - 97 pp.*
2. *Voronin S.V. Grounds of phonosemantics. - Moscow: Lenand, 2006.-248 pp.*
3. *Zhukovsky, V.A. On Translations in General and in Particular on Translations of Poems / V.A. Zhukovsky// Aesthetics and Criticism. - Moscow: Art, 1985. - 431 pp.*
4. *Kazakova, T.A. Belles-Lettres Translation. Theory and Practice: Textbook / T.A. Kazakovayu-St. Petersburg: Publishing-House of Foreign Literature, 2006. - 544 pp.*
5. *Kuznetsov, A.Yu. Lyrical Poem and its Translation (from Theory to Practice of Correlative Linguopoetic Research) [Text] / A. Yu. Kuznetsov/ / in the book: Theory and Practice of Belles-Lettres Translation: Textbook for students of philological faculties under higher schools. P. Solodub, F. B. Albrecht, A. Yu. Kuznetsov. - M.: Publishing center "Academy", 2005. - pp. 278-295.*
6. *Misbohiddin, Narzikul. Introduction into Poetic Studies / Narziqul Misbohiddin. -Dushanbe: Sino, 2004. - 82 pp.*
7. *Solodub, Yu. P. Theory and Practice of Belles-Lettres Translation: Textbook for students of philological faculties under higher schools. Yu. P. Solodub, F. B. Albrecht, A. Yu. Kuznetsov. - M.: Publishing Center "Academy", 2005. - 304 pp.*

8. *The Gift of Soul (Interpretation to 40 ghazals of Kamol Khujandi). - Khujand: Publisher, 2020. - 288 pp.*
9. *Tyulenev, S.V. Theory of Translation: manual [Text]/ S.V. Tyulenev. - M.: Gardariki, 2004. - 336 pp.*
10. *Fyodorov, A.V. Introduction into the Theory of Translation (Linguistic problems / A.V. Fyodorov - M.: Literature in Foreign Languages, 1958. - 375 pp.*
11. *Seventeen Flower-Gardens. - Khujand: Khuroson, 2020. - 284 pp.*
12. *Newmark, Peter. Approaches to Translation. - Oxford: Pergamon Press, 1981. - 200 pp.*
13. *Suryavinata, Z. Analisys dan Evaluasi terhadap Terjemahan Roman Shastra The Adventure of Huckleberry Finn dari Bahasa Inggris ke dalam Bahasa Indonesia. Unpublished doctoral dissertation, Postgraduate Studies, IKIP Malang, 1982. - 272 pp.*
14. *Wills, Wolfram. The Science of Translation. - Gunther Narr Verlag Tübingen, 1982.*

УДК 80
ББК 81.2-2

РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ОМОМОРФЕМАҲОИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Усмонова Малоҳат Эҳсоновна, *н.и.ф.,дотсенти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

О НЕКОТОРЫХ ОМОМОРФЕМАХ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Усмонова Малохат Эхсоновна, *канд.филол.наук, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка ГОУ "Худжандский государственный университет имени акад. Бободжона Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

ON SOME HOMOMORPHEMES OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Usmonova Malohat Ekhsonovna*, candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of translation and grammar of the English language under SEI "Khujand State University named after academican Bobojon Gafurov" (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *malohat@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *омонимия, омоморфемаҳои "-er", "-ed", "-ing", "-s (-es)", омоморфемаҳои –ӣ, -тар ва –ам, аффиксҳои шаклвазкунанда, морфемаҳои флективӣ, морфология, калимасозии омомофемаҳо, формант*

Омӯзиши муқоисавии ҳодисаи забонии омонимия дар низоми морфологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ сурат гирифтааст. Таҳлили муқоисавии чор омоморфемаи "-er", "-ed", "-ing", "-s (-es)" –и забони англисӣ ва се омоморфемаи "–ӣ", "-тар" ва "–ам"-и забони тоҷикӣ ба субут расонида шудааст. Зикр шудааст, ки бо назардошти бисёрвазифа ва дорои хусусиятҳои омонимии флективӣ буданашон морфемаҳои флективии зикргардида ба гурӯҳи омоморфемаҳо дохил мешаванд. Дар забони англисӣ мавҷудияти омоморфемаи "-ed" мушкилоти муайян намудани вазифаи грамматикии ба ҳайси сифат ё шакли перфекти замони гузашта баромад намудани вожаҳоро ба миён меорад, ки ин муаммо бо назардошти контексти пешина бартараф карда мешавад. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои назариву амалии забоншиносони хориҷиву ватанӣ оид ба омоморфемаҳои флективӣ дар забони англисӣ вазифаҳои нави онҳо пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, морфемаи флективии "-er" на танҳо ҳамчун суффикси исмсоз баромад мекунад, балки барои сохтани дараҷаи қиёсии сифат ва зарф низ хизмат мекунад, ки айнан ҳамин вазифаро дар забони тоҷикӣ морфемаи "–тар" ба ӯҳда дорад.

Ключевые слова*: омонимия, омоморфемы "-er", "-ed", "-ing", "-s (-es)", омоморфемы –ӣ, -тар и –ам, формоизменительные аффиксы, флективные морфемы, морфология, словообразование омоморфем, формант*

Производится сопоставительное изучение языкового явления омонимии в морфологической системе английского и таджикского языков. Объектами данного исследования являются четыре английские омоморфемы: "-er", "-ed", "-ing", "-s (-es)" и три таджикские омоморфемы: "-ӣ", "-тар" и "-ам". Указывается, что данные флективные морфемы включаются в ряд омоморфем из-за их многофункциональности и флективной омонимичной специфики. В английском языке омоморфема "-ed" может стать причиной грамматических трудностей при определении причастия прошедшего

времени и перфектной формы глагола, поскольку для определения слова, оканчивающегося на "-ed", необходимо проанализировать целое высказывание. Опираясь на теоретические труды отечественных и зарубежных лингвистов о флективных омоморфемах английского языка, представлены их новые функции. В том числе определено, что английская флективная морфема "-er" выступает не только как суффикс имён существительных, но и образует сравнительную степень качественных прилагательных и наречий. Данную функцию в системе сравнительной степени таджикских прилагательных выполняет морфема "-тар".

Key-words*: homonymy, homomorphemes "-er", "-ed", "-ing", "-s (-es)", homomorphemes – ӣ, -тар and –ам, form-changing affixes, inflexional morphemes, morphology, word building of homomorphemes, formant*

It is known that in linguistics the language phenomenon of homonymy is mostly studied on the level of lexis. The article is devoted to the studies of the language phenomenon of homonymy in the morphological system of English and Tajik languages. Typological investigation of four English homomorphemes "-er", "-ed", "-ing", "-s (-es)" and three Tajik homomorphemes "-ӣ", "-тар", "-ам" are the object of the given research. The flective morphemes due to their polyfuctining and presence of homonym specificities are included into the number of homomorphemes. The existence of homomorphemes "-ed" can cause grammatical challenges in defining past participle and perfect form of verb. However, the solution of the problem comes out from the previous context, i.e., while defining the word finished by "-ed" the whole context should be analyzed. Proceeding from theoretical resources of native and foreign philologists about inflexional homomorphes we reveal their extra functions. As well as, English inflexional morpheme "-er" functions not only as a noun suffix, however, the given formant builds a comparative degree of qualitative adjectives and adverbs. In the system of the Tajik language morpheme "-тар" executes the same function.

Ҳодисаи омонимия аз дер боз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб мекунад ва аз нуқтаи назари мухталиф мавриди таҳлил қарор мегирад. Доираи масоили марбут ба омонимия хеле васеъ мебошад. Аз рӯи анъана омонимияро бештар дар сатҳи калима (лексемаҳо ва калимашаклҳо) ё ибораҳо меомӯзанд. Масалан, Ахмедова М. дар яке аз тадқиқотҳояш оид ба муаммоҳои омонимӣ дар забони форсӣ зикр менамояд, олимон бештар дар забони форсӣ омомнимияро ҳамчун ҷанбаи умумии тадқиқот дар сатҳи лексикии забон баррасӣ кард (1, с.31).

Яготинцева А.В. дар мақолаи "Идроки амалии масъалаи омонимия дар забони англисӣ" (Практическое осмысление вопроса омонимии в английском языке) хусусиятҳои омонимҳоро муайян ва 10 номгӯи омоним-калимаҳои серистеъмоли забони муосири англисиро зикр кардааст (12, с.47). Сарчашмаҳои илмӣ-назарии мавриди омӯзиш қарор гирифта аз он далолат медиҳанд, ки дар забонҳои муосири англисӣ ва тоҷикӣ ба ҳодисаи забонии омонимия дар системаи морфологӣ эътибори махсус дода нашудааст.

Дар ин мақола кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки таҳлили муқоисавии омонимия ва омоморфемаҳоро дар низоми морфологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба субут расонем. Дар забоншиносӣ мафҳуми омонимия на танҳо дар сатҳи лексикология, балки дар сатҳи грамматика низ васеъ истифода мешавад. Забоншинос Л.В. Саркисян қайд кардааст, ки омонимияи грамматикӣ хусусияти муҳимми типологии аломати забонро доро мебошад (8, с. 14). Давлятова Ч.А. бошад, ба ҳодисаи забонии омонимия на танҳо дар сатҳи лексикӣ ё грамматикӣ, балки ба омонимияи фонетикӣ низ назар кардаст (3, с. 4)

Омонимия дар сатҳи морфемаҳо як зернизоми омонимии забонӣ ба ҳисоб меравад. Морфемаҳои омонимии флективӣ гуфта морфемаҳоеро меноманд, ки аз лиҳози ҷузъҳои (компонентҳои) овозӣ бо ҳам мувофиқат намуда, маънои гуногунро ифода менамояд. Дар забони муосири англисӣ морфемаҳои омонимӣ ба таври васеъ истифода шуда, барои ташаккули шаклҳои грамматикӣ хизмат мекунанд. Морфемаҳо аз лиҳози морфологӣ мустақил набуда, ба ҷузъҳо ҷудо намешаванд (2, с. 7-8)

Низоми морфологии забони англисӣ яке аз қабатҳои серҷабҳаи сохтори забонӣ маҳсуб меёбад. Низоми аффиксионалии ин забон бошад, маҷмӯи воситаҳои морфологиро ташкил медиҳад.

Профессор К.Усмонов 14 морфемаи флективии забони тоҷикӣ ва 13 морфемаи флективии забони англисиро зикр кардааст, ки ҳар яки онҳо зиёда аз як маънои грамматикиро ифода менамояд. Дар забони муосири тоҷикӣ морфемаи “-*ам*” дар калимаи “*мехонам*” барои ифодаи категорияи шахсу шумораи феъл, яъне ба шахси якуми шумораи танҳои феъли “*хондан*” ишора мекунад. Лекин дар калимаи “*мактубам*” морфемаи “-*ам*” ба маънои грамматикии соҳибият далолат мекунад. Бинобар он метавон гуфт, ки морфемаи флективии “-*ам*” дар мисолҳои овардашуда морфемаи омонимӣ мебошад. Дар калимаҳои “*корам*” ва “*шинам*” ба созмон додани исми сохта хизмат мекунад. Дар ҷумлаи “*Гашт маълумам, ки меҳмон омадааст*” бошад, ба феъли гузарандаи “*маълум гаштан*” пайваст шуда, дар шакли тасрифӣ ба шахси якуми шумораи танҳо ишора менамояд (9, с. 21).

Чӣ тавре ки қайд гардид, омонимия ҳамчун як ҳодисаи забонӣ на танҳо дар сатҳи лексикология, балки дар сатҳи морфология ва фонология низ серистеъмол мебошад. Омонимия дар системаи грамматикии забон мураккаб ва хос ба шумор меравад, яъне воҳиди арзишноки минималии забон – морфема ҳам метавонад омонимҳои худро дошта бошад. Дар забони муосири англисӣ морфемаҳои омонимӣ ба таври васеъ истифода шуда, барои ташаккули шаклҳои грамматикӣ хизмат мекунанд.

Омӯзиши морфемаҳои флективии забони англисӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва вазифаашон 4 морфемаи омонимии флективии зерини сермаҳсули ин забонро метавон ба гурӯҳи омоморфемаҳо дохил намуд: “-ed”, “-er”, “-ing”, “-s (es)”.

Пасванди ифодакунандаи иҷрокунандаи амал “-*er*” пасванди аз ҳама пурмаҳсули калимасоз маҳсуб меёбад. Аслан пасванди *“-er”* ба гурӯҳи алломорфии “-*or*” дохил мешавад. Мутобиқи ақидаи англисшинос Л.М.Карашук, гурӯҳи алломорфии пасванди “-*or*” гунаҳои фонематикии худро надорад (6, с.13). Дар ҷараёни инкишоф пасванди “-*er*” аз исм ва феъл исмҳое месохт, ки иҷрокунандаи ягон фаъолиятро ифода мекарданд. Инчунин, морфемаи “-*er*” дар ҷараёни инкишофи худ маъноҳои иҷрокунандаи амал (*hatter-кулоҳдӯз*), мансубият ба ягон минтақа (*Londoner –сокини шаҳри Лондон*) ва соҳиби ягон олат будан ё бо он олат ягон фаъолият иҷро намуданро (*knocker - ҳалқаи дар*) ифода мекард. Дар забони муосири тоҷикӣ ба ҳайси муодилҳои омоморфемаи мазкур пасвандҳои “-ӣ, -ак ва -гар ” баромад мекунанд.

Пасванди “-*er*” ба асоси исм ҳамроҳ шуда, мафҳуми мансубият ба минтақаи муайянро ифода мекунад. Ин маъноро шартан бо мафҳуми “нисба”-и забони тоҷикӣ баробар шуморидан мумкин аст.Мисол: *villager-деҳотӣ, рустоӣ, hosteller-донишҷӯи сокини хобгоҳ, islander-сокини ҷазира*. Инчунин, омоморфемаи “-*er*” бо асоси сифати ифодакунандаи маънои ранг ё хусусияти хос якҷоя шуда, вожаҳое месозад, ки ба шахси соҳиби хусусиятҳои зикршуда далолат менамояд: *greener - дар курси аввал таҳсилкунанда, fresher - нав ба донишгоҳ қабулшуда*.

Як қатор забоншиносон, аз ҷумла. Ӯ.Аҳмадова, М.Шукуров, Н.Маъсумӣ, Ш. Рустамов, О.Қосимов ва дигарон ар забоншиносии тоҷик оид ба вазифаҳову хусусиятҳои морфемаҳои забони тоҷикӣ тадқиқот бурдаанд. Дар забони муосири тоҷикӣ омоморфемаи аз ҳама сермаъною серистеъмол пасванди "-*ӣ*" буда, он аффикси муштараквазифа ҳисобида мешавад. Омӯзиши муқоисавии забонҳо нишон медиҳад, ки ба омоморфемаи "-*er*"-и забони англисӣ дар мавриди ифодаи мафҳуми мансубият ба минтақаи муайян маҳз омоморфемаи тоҷикии "-*ӣ*" мутобиқат дорад, яъне пасванди "-*ӣ*" ба асоси исм ҳамроҳ шуда, маънои мансубият ба ягон маконро ифода мекунад, ба ибораи дигар, нисба месозад. Мисол: *шаҳрӣ, деҳотӣ, суғдӣ* ва ғайра.

Дар масъалаи истифодаи омоморфемаи "-*ӣ*" дар забони тоҷикӣ Ш.Рустамов қайд мекунад, ки "Суффикси "-*ӣ*" омоморфема буда, дар исму сифатсозӣ маъно ва вазифаҳои аз ҳам фарқкунандаи он равшан зоҳир мешавад." (7, с.56)

Омӯзиши морфемаи омонимии "-*ӣ*" дар забони муосири тоҷикӣ нишон медиҳад, ки он на танҳо вазифаи исм, сифат, сифати феълӣ ва зарф хизмат мекунад. Мисол: *арабӣ, дастӣ, саҳарӣ*. Дар калимаи "*гуфтӣ*" як вазифаи дигари он низ равшан зоҳир мешавад. Яъне омоморфемаи "-*ӣ*" дар мисоли овардашуда ба шахси дуюми шумораи танҳои феъли "*гуфтан*" дар замони гузашта далолат мекунад. Ҳамзамон тавассути омоморфемаи мазкур аз сифат исми абстракт сохта мешавад: *зебоӣ, осонӣ, чолокӣ, тезӣ*. Аз ҳамин лиҳоз, морфемаи флективии "-*ӣ*" дар забони тоҷикӣ аз ҳама сермаҳсултарин омоморфема маҳсуб меёбад. (5, с.185)

Дар забони муосири англисӣ морфемаи "-*er*" ғайр аз маҳсулнокӣ ва маъмулии ҳамаҷонибааш, хусусияти ифода намудани маънои иҷрокунандаи амал ва ҳамчунин иҷрои амал тавассути ягон олатро нигоҳ доштааст.

Омоморфемаи флективии "-*er*" дар забони муосири англисӣ ҳамчунин дараҷаи қиёсии сифатҳои аслиро месозад. Ин хусусияти пасванди "-*er*" низ яке аз асосҳои омоморфемаи флективӣ ҳисоб шудани он мебошад.

Дар забони англисӣ дараҷаи қиёсии сифатро бо се восита ифода мекунанд. Воситаи якум – воситаи синтетикии дараҷаи қиёсии сифат бо роҳи ба асоси сифати аслӣ ҳамроҳ намудани пасванди "-*er*" созмон дода шуда, аломатҳои қавии дар натиҷаи муқоиса зоҳир шудаи ашё ва хосиятҳоро ифода менамояд.

Мисол: fast-faster;

big-bigger;

young-younger.

Ҳангоми сохтани сифати дараҷаи қиёсӣ пасванди "-*er*" танҳо ба сифатҳое, ки аз ду ҳиҷо каманд, ҳамроҳ мешавад. Мисол: tall – taller, soft – softer, small – smaller, easy – easier, happy – happier, heavy – heavier. Ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҳарчанд калима аз ду ҳиҷо зиёд набошад ҳам, шаклҳои дараҷаи қиёсии сифат тавассути шаклсозии суплективӣ амалӣ мегарданд ва дар бунёди чунин калимаҳо омоморфемаи флективии "-*er*" иштирок намекунад.

Мисол: well-better-best (хуб-хубтар-хубтарин ё беҳтарин), bad-worse-the worst (бад-бадтар-бадтарин), little-less- the least (хурд-хурдтар-хурдтарин)

Мисолҳо собит месозанд, ки вазифаи оморфемаи "-*er*"-и забони англисиро ҳангоми бунёди дараҷаи қиёсии сифат пасванди " -тар"-и забони тоҷикӣ ба иҷро расонида истодааст. Пасванди мазкур низ ба гурӯҳи омоморфемаҳо дохил мешавад, зеро он дар системаи морфологии забони тоҷикӣ танҳо ду вазифаро иҷро мекунад. Якум, сохтани дараҷаи қиёсии сифати аслӣ, ба воситаи ба дараҷаи одӣ илова гаштани суффикси "-тар"

сохта мешавад: калонтар, баландтар, хубтар, ширинтар ва ғайра (5, с.187). Дуюм, ифодаи дараҷаи қиёсии зарф, ки бо дараҷаи қиёсии сифат бо як тарз сохта мешавад: барвақттар.

Форманти “-ing” аффикси флективӣ буда, дар системаи морфологии забони англисӣ мавқеи хеле муҳимро ишғол менамояд, зеро маҳсулнокӣ ва такрорёбии он дар истифодабарӣ ба инкишофи на танҳо забони англисӣ, балки ба дигар забонҳои гуногунсохтор низ таъсир мерасонад. Вожаҳои инжиниринг, консалтинг, тренинг ва ғайраҳо, ки ҳамчун калимаҳои иқтибосӣ дар чандин забонҳои гуногунсохт истифода мешаванд, маҳз тавассути омоморфемаи флективии “-ing” сохта шудаанд.

Баромади пасванди “-ing” аз забонҳои қадимаи олмонӣ реша мегирад. Аз ибтидо пасванди мазкур ду шакл дошта, ду вазифаро иҷро менамуд: –ing ва –ung (4, с.60). Дар забони муосири англисӣ танҳо шакли аввали он истифода мешавад. Морфемаи –ing хусусияти валентнокӣ дошта, ҳамчун аффикси муштараквазифа хизмат мекунад ва дар муайян намудани маъноҳои гуногуни грамматикӣ нақши муҳимро мебозад.

Дар умум, се маънои грамматикии омоморфемаҳои “-ing” –ро дар забони англисии муосир мушоҳида кардан мумкин аст, зеро ин формант дар системаи морфологии забони англисӣ бисёрвазифаю бисёрҷабҳа мебошад.

Масалан:

1. It`s raining.
2. Flattering won`t help.

Дар мисолҳои додашуда мавқеи омоморфемаро метавон аз ду ҷиҳат шарҳ дод: якум, чун нишондиҳандаи замони ҳозираи давомдор, ва дуюм, ҳамчун аффикси флективии калимасоз.

Дар ҷараёни сохтани герундий тавассути омоморфемаи мазкур ҳамнишинии он бо феъл ба назар мерасад ва дар ин ҳолат дар забони тоҷикӣ ин вазифаро пасванди исмсози -иш ба ӯҳда мегирад.

Мисол:

Reading - хониш

Germinating - сабзиш

Морфемаи мазкур ба сифати формант баромад намуда, серистеъмол ва маҳсулнок мебошад. Ба ғайр герундий ва сохтани шакли аналитикии феълҳои давомдор морфемаи “-ing” сифати феълии замони ҳозираро низ ифода менамояд: writing – навиштаистода. Бо назардошти якчанд маънои грамматикиро ифода намуданаш пасванди “-ing”-ро низ бе шубҳа метавон ба гурӯҳи омоморфемаҳои забони англисӣ ворид намуд.

Дар забони муосири англисӣ пасванди “ - ed”яке аз морфемаҳои флективии омонимӣ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи П.М.Каращук, морфемаи флективии омонимии “ed” барои сохтани шакли замони гузашта ва сифати феълии дуюми феълҳои дуруст истифода мешавад (6, с. 73)

Омоморфи “- ed” ҳамчун аффикси калимаивазкунанда барои сохтани шаклҳои замони гузашта, сиғаи ғайривоқеӣ ва сифати феълии дуюми феълҳои дуруст хизмат мекунад.

Мавҷудияти омоморфемаи мазкур дар муайян намудани баъзе ҳодисаҳои грамматикӣ метавонад мушкилотро ба миён орад. Масалан, байни шаклҳои феъли to have ва мубтадои бевосита, ки бо исм ва ё ибораҳои исмиву сифатӣ ифода ёфтаанд, муаммои грамматикӣ пайдо шуда метавонад. Яъне саволе ба миён меояд, ки оё чунин шакли грамматикӣ ба хабари дар шакли перфектӣ истода тааллуқ дорад ё муайянкунандаи исми минбаъда мебошад. Мисол “... had grilled salmon” ҳамчун “моҳиро таф дод” (Present Perfect) ё моҳии тафдодашударо дошт (Past Simple) шарҳ дода мешавад (11, с. 96). Лекин ҳалли чунин муаммои грамматикӣ аз контексти умумӣ ва истифодаи хабари сода, ки бо пайвандаки

пайвасткунанда омада, ба истифодаи Present Simple ва сифати феълии ба исм ишоракунанда нигаронида шудааст, бармеояд: The we all went to a restraunt and had grilled salmon.

Дар натиҷаи омонимияи пасвандҳои калимаивазкунанда шаклҳои алоҳидаи калимаҳо, ки ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мансубанд, метавонанд шакли зоҳирии якхела дошта бошанд. Дар навбати худ, тавре ки қайд карда шуд, шакли замони гузаштаи феъли дуруст (the method he suggested) зоҳиран аз сифати феълии замони гузашта (the method he suggested) тамоман фарқ намекунад. Барои муайян намудани калимашаклҳое, ки бо морфемаҳои флективии омонимӣ сохта шудаанд, бояд муқаррар намуд, ки ҳар яки ин калимашаклҳо ба кадом низоми шаклҳо, яъне парадигмаҳо дохил мешаванд. Бо ибораи дигар, барои муайян намудани ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани калимашакли suggested, ки дар боло оварда шуд, бояд дигар шаклҳои калимаи мазкур дарёфт карда шаванд: suggesting, suggests ва ғайра.

Яке аз сермаҳсултарин морфемаҳои омонимии флективии забони англисӣ – морфемаи *“-s” ё “-es”* маҳсуб меёбад.

Омоморфемаи *“-s (-es)”* *ҳамчун* форманти шумораи ҷамъи исмҳо хизмат мекунад. Дар вазифаи форманти шумораи ҷамъи исмҳо ба се морфемаи шумораи ҷамъи исмҳои забони тоҷикӣ мувофиқат менамояд: Морфемаи *“- ҳо”, ки метавонад ба ҳама гуна исм ҳамроҳ гардад*. Масалан: *The windows stood wide open. –Тирезаҳо калон кушодагӣ буданд*.(10, с.162)

Ба морфемаи *“-он”*, ки бо исмҳои ҷондор ва ифодакунандаи баъзе узвҳои бадани инсон истифода мешавад ва чор алломорф дорад: *[он], [гон], [вон], [ён]*. Ҳангоми истеъмоли исм дар вазифаи номбаршуда дар забони тоҷикӣ он метавонад дар шакли шумораи танҳо маънои шумораи ҷамъро ифода кунад.

Дар забони англисӣ дар ҳолати додашуда исм бояд дар шакли шумораи ҷамъ истеъмол гардад:

He always remembered the names and ages of the children.

– Ӯ ном ва синну соли кӯдакони онҳоро ҳамеша дар ёд нигоҳ медошт.

Ин воҳиди морфологии бисёрвазифа дар гуфтор барои ифодаи муносибатҳои зерин хизмат менамояд: морфемаи додашуда маънои посессивиро ифода менамояд: *Arthur’s eyes travelled slowly down the page* .

– Чашмони Артур оҳиста-оҳиста ба зери коғаз дӯхта шуд.

The officer was standing by the table, examining Montanelli’s portrait.

- Афсар дар назди миз истода, сурати Монтанеллиро муоина мекард (Э.Войнич).

Тавре ки мушоҳида мешавад, морфемаи *“-‘s”* ба забони тоҷикӣ тавассути изофати “*ӣ”* ифода гардида, ба исм ҳамроҳ шудааст, ки он ба мансубияти ашё далолат мекунад, вале дар забони англисӣ бошад, баръакс: Морфемаи *“-‘s”* барои таъмини алоқа байни ду исме, ки дар муносибати субъектӣ қарор доранд, хизмат менамояд: *Arthur’s visit` s caused him more distress than pleasure. (Э.Войнич).*

Омоморфемаи *“-s (es)”* воҳиди морфологиест, ки барои ифодаи як қатор маънои грамматикии феъл хизмат менамояд. Ифода намудани шакли ҷамъи ҷонишинҳои соҳибӣ хусусияти дигари омоморфемаи *“-s*” мебошад. Мисол: *our-ours, your-yours, their-theirs.*

Дар ин ҷуфтҳо шакли якум алоқаманд ва шакли дуюм мутлақ мебошад. Шакли якум ба монанди сифат барои муайян намудани ягон исм хизмат мекунад. Он мансубияти ашёро ба шахсони муайян нишон медиҳад (10, с. 164).

Ҳамин тавр, таҳлили осори илмӣ-тадқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ собит месозад, ки муаммои омонимия на танҳо дар сатҳи лексикӣ, балки дар сатҳи морфологӣ

низ бояд мавриди омӯзиш қарор гирад, зеро дар низоми морфологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ омоморфемаҳо хеле серистеъмол ва сермаҳсул буда, вазифаҳои мухталифи грамматикиро иҷро менамоянд. Омонимияи аффиксҳои шаклвазкунанда яке аз хусусиятҳои барҷастаи забонҳои муқоисашаванда маҳсуб ёфта, тарҷумаи ҷумлаҳое, ки дар онҳо морфемаҳои флективии омонимӣ истифода шудаанд, таваҷҷӯҳи махсусро талаб мекунанд. На ҳамаи муодилҳои тоҷикии омоморфемаҳои забони англисиро, ки мавриди таҳлил қарор дода шудаанд, метавон ба гурӯҳи омоморфемаҳои забони тоҷикӣ ворид намуд ва баръакс. Бовуҷуди ин, аз рӯи миқдор омоморфемаҳои забони тоҷикӣ назар ба забони англисӣ зиёд буда, дар байни онҳо пасвандҳои -ӣ ва -ам сермаҳсултарин морфемаҳои флективӣ ба шумор мераванд.

Пайнавишт:

1. *Ахмедова М.Н. Лексико-семантические исследования омонимов в персидском языке // Современные проблемы социально-гуманитарных наук.- Казань, 2016.- №3(5). –С.30-35.*
2. *Арбекова Т.И. Лексикология английского языка (практический курс).–М., 1977. – 240 с.*
3. *Давлятова Ч.А. Омонимия как системная категория (на материале таджикского языка): дисс...канд.филол.наук/ Ч.А. Давлятова. – Душанбе, 2017. – 171с.*
4. *Жердева. М. О. Суффикс –ing/–ung в истории английского языка // Лесной вестник. – 2003.- №4. – С. 60-62.*
5. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе, 1971. – 452 с.*
6. *Каращук П.М. Аффиксальное словообразование в английском языке. – М.,1965. – 171с.*
7. *Рустамов Ш. Исм. Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ. – Душанбе, 1981. – 210 с.*
8. *Саркисян Л. В. Морфемное строение и звуковая форма английского и армянского слова в категориальном аспекте: автореф. дисс...канд. филол. наук / Л.В. Саркисян. – М., 2002. – 24 с.*
9. *Усмонов К. Грамматикаи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд, 2017.– 372 с.*
10. *Усмонов К., Ибрагимова Р. Английская омоморфема “-s” (“-es”). // Учёные записки. Серия: Гуманитарные науки. – Худжанд, 2017. - №4(53). - С. 160-164.*
11. *Усмонова М.Э., Абдуллоев М. Роҷеъ ба морфемаи омонимии флективии “-ed” дар системаи морфологии забони англисӣ // Армуғони навроҳони илм. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 63-68.*
12. *Яготинцева А.В. Практическое осмысление вопроса омонимии в английском языке // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. Языкознание и литература. 2015. – С. 46-48.*

Reference Literature:

1. *Akhmedova M.N. Lexico-Semantical Investigation of Homonyms in the Persian Language // Contemporary Problems of Social-Humanitarian Sciences.– Kazan, 2016, #3(5), -pp. 30-35.*
2. *Arbekova T.I. Lexicology of the English Language (practical course) – M., 1977. – 240 pp.*
3. *Davlyatoba Ch.A. Homonymy as a Systemic Category (Based on the Material of the Tajik Language) / Candidate dissertation in philology. – Dushanbe, 2017. – 171 pp.*
4. *Jerdeva M.O. Suffix –ing/–ung in the History of the English Language // Sylvan Bulletin, #4, 2003. – pp. 60-62.*
5. *Contemporary Tajik Literary Language. Part 1. – Dushanbe, 1971. – 452 pp.*
6. *Karashchuk P.M. Affixcial Word-Building in the English Language. – M., 1965. – 171 pp.*

7. *Rustamov Sh. Noun. Grammatical Categories, Word-Building and the Role of Noun in the System of Parts of Speech. – Dushanbe, 1981. – 210 pp.*
8. *Sarkisyan L.V. Morphemic Structure and Sound Form of English and Armenian Word in Catigorial Aspect // Synopsis of candidate dissertation in philology. – Moscow, 2002. – 24 pp.*
9. *Usmonov K. Contrastive Grammar of English and Tajik Languages. Manual. – Khujand, 2017. – 372 pp.*
10. *Usmonov K. , Ibraghimova R. English Homomorpheme "-s" ("-es"). // Scientific Notes of Khujand State University #4(53) – Khujand, 2017, - pp. 160-164.*
11. *Usmonova M.E., Abdulloev M.M. On the Inflexible Homomorphous Morpheme "-ed" in the Morphological System of the English Language // Young Scientists` Collection of Articles. – Khujand: Light of Enlightenment, 2017, - pp. 63-68.*
12. *Yagotintseva A.V. Practical Comprehension of the Problem of Homonymy in the English Language // Actual Problems of Humanitarian and Natural Sciences. Linguistics and Literature. 2015, – pp. 46-48.*

УДК 80
ББК 81.2-2

СУФФИКСҲОИ АГЕНТИВӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Юсупова Манзурачон Ибрагимҷоновна*, дотсенти кафедраи тарҷума ва грамматикаи забони англисӣ, факултети забонҳои хориҷӣ, МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

АГЕНТИВНЫЕ СУФФИКСЫ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Юсупова Манзураджон Ибрагимджоновна*, доцент кафедры перевода и грамматики английского языка факультета иностранных языков ГОУ "ХГУ имени академика Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

AGENTIVE SUFFIXES IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Yusupova Manzurajon Ibragimjonovna*, Associate Professor of the translation and English grammar department under the Faculty of Foreign Languages of Khujand State University named after academician B.Gafurov (Tajikistan, Khujand)*
E-MAIL: *yusupova_manzura@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *калимасозӣ, суффиксҳои исмсоз, агентивӣ, феъл, исм, калимаҳои иқтибосӣ*

Калимасозӣ яке аз масъалаҳои муҳими илми забоншиносӣ буда, дар айни замон манбаи муҳимтарини ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забон ба шумор меравад. Тадқиқи масъалаи мазкур ҳанӯз аз гузаштаҳои дур оғоз гардида, то замони мо идома дорад. Суффиксҳои агентивӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тадқиқ карда шудааст. Миқдори ин гуна суффиксҳо дар забонҳои муқоисавӣ зиёданд. Дар мақола танҳо ду намуди суффикси забони англисӣ –er ва -ist, ки хусусияти агентӣ доранд, таҳлил карда мешавад. Тарҷумаи тоҷикии ин суффиксҳо, ки шаш гунаанд бо мисолҳо дар мақола нишон дода шудааст. Дар забони тоҷикӣ аз қатори суффиксиҳои мазкур танҳо суффикси –чӣ мавриди таҳлил қарор гирифта мешавад. Муодилҳои англисии ин суффиксҳо бо мисолҳо нишон дода мешавад.

Ключевые слова: *словообразование, суффиксы существительных, агентивность, глагол, существительное, заимствованные слова*

Словообразование считается одной из важнейших проблем лингвистики, и в то же время это источник обогащения словарного состава языка. Изучение этого вопроса исходит из далекого прошлого и продолжается до наших дней. Были исследованы суффиксы английского и таджикского языков, обозначающие агентивность. Количество таких суффиксов в сопоставляемых языках значительное. Анализируются только два типа английских суффиксов: –er и -ist, которые носят агентивный характер. Эти английские суффиксы переводятся на таджикский язык шестью видами суффиксов. Из числа таких суффиксов в таджикском языке анализируется только суффикс –чӣ. Английские эквиваленты этих суффиксов приведены с примерами.

Key-words: *word-building, noun suffixes, agentiveness, verb, noun, borrowings*

Word-building is considered to be one of the most important problems of linguistics, and at the same time, it is a source of enrichment of the language basic stock of words. The study of this issue comes from the distant past and has been continuing up to this day. Agentive suffixes of

Tajik and English languages have been analyzed comparatively in this article. There are a lot of such suffixes in both languages. The article deals with only two types of English suffixes, which are agentive. Accordingly, the Tajik equivalents of these suffixes are adduced with examples. These English suffixes are translated into Tajik by six types. In Tajik only suffix – чӣ belonging to this sort of suffixes in analyzed.

Омӯзиши муқоисавии низоми калимасозии забонҳои гуногун, аз ҷумла, забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ иқдоми хеле муҳим ба ҳисоб рафта, имконият фароҳам меоварад, ки хусусиятҳои умумият ва фарқунандаи ин забонҳо ошкор гардад.

Тадқиқоти муқоисавии калимасозӣ тавассути суффиксҳо низ яке аз масоили мубрам ба шумор меравад. Маълум аст, ки дар ҷабҳаи калимасозӣ дар забонҳои мухталиф дар баробари умумиятҳои назарӣ тафовутҳои аҷибе ба назар мерасанд, ки онҳо метавонанд таркиби луғавии забонро ғанӣ гардонанд. Аз ин хотир, ба таври муқоисавӣ омӯхтани суффиксҳои исмсозии ифодакунандаи агентивии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз аҳамият холӣ нест.

Масъалаи суффиксҳои калимасоз дар забони англисӣ дар асарҳои П.М.Карашук (3), В.В.Лопатин, И.С.Улуханов (4), В.И.Максимов (5) ва дигарон омӯхта шудааст. Дар ин асарҳо ҳам ба масъалаҳои назарии калимасозӣ ва ҳам бевосита бо суффиксҳо сохта шудани калимаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст.

Дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои умумии калимасозӣ ва бо воситаи суффиксҳои исмсоз созмон додани калима дар асари Ш.Рустамов (6) баррасӣ шудааст.

Исм дар забонҳои муқоисашаванда яке аз ҳиссаҳои нутқи қобили таваҷҷуҳ ба шумор меравад ва калимасозии исм тавассути суффиксҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ хеле назаррас мебошанд. Дар забонҳои муқоисашаванда исмҳо нисбат ба дигар ҳиссаҳои нутқ бештар суффиксҳои калимасоз доранд.

Суффиксҳои исмсози забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз лиҳози пайдоиш гуногунанд. Суффиксҳое ҳастанд, ки танҳо морфемаро мемонанд ва суффиксҳое ба назар мерасанд, ки аз калимаҳои мустақил ба миён омада, аслӣ ва иқтибосӣ мешаванд [1, с. 68].

Дар забони англисӣ суффиксҳои зеринро ҳамчун ифодакунандаи шахс мешиносанд: **-ant, -er, -an, -or, -ian, -arion, -ard, -ee, -een, -ess, -ate, -ist, -ster, -ton, -kin, -ic, -ite.**

Дар забони тоҷикӣ сермаҳсултарин суффиксҳое, ки барои ифодаи шахс меоянд, ба таври зайл аст: **-чӣ, -гар, -гор, -бон, -ор, -во(вой), -андар, -ур, -вар, -як, -ча, -она, -ӣ, иш, -гоҳ, -ок, -акӣ, -гоҳ, -а, -но, -зор, -сор, -бор** ва ғайраҳо [6, с. 13]**.**

Суффиксҳои исмсози ҳар ду забон вобаста ба дараҷа, мавқеи истеъмолиашон сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул мешаванд. В.И.Максимов қайд менамояд, ки вазифаи асосӣ ва муҳимми ҳар як суффикс аз он иборат аст, ки вай ба калима маъноҳои гуногун мебахшад [5, с. 97]. Суффиксҳо аз ҳамин нуқтаи назар тасниф карда мешаванд, аммо бояд қайд кард, ки бисёр суффиксҳои исмсози забони адабии тоҷикӣ муштараквазифа мебошанд. Ҳангоми таъин намудани вазифаи суффикс сермаъноӣ, гуногунвазифагӣ ва хусусияти абстрактии вай ба ҳисоб гирифта мешавад.

Таҳлили маводи забонӣ нишон дод, ки аз байни ҳамаи суффиксҳои агентӣ, яъне суффиксҳои ифодакунандаи шахс суффикси **–er** сермаҳсултарин ҳисобида мешавад. Дар забони англисии қадим ин гуна суффикс барои ифода намудани шахс, ки дорои ягон машғулият аст, истифода бурда мешуд. **Мисол:** cartere (муосир carter) - «аробакаш» (боркаш) (7, 140), haberdaschere (муосир haberdasher) – «кулоҳдӯз, чарчинфурӯш» (7, 384) ва ғайра.

Дар забони англисии давраи миёна низ исмҳои бо суффиксҳои **–er** сохта шуда ба назар мерасанд: builder - «бинокор», «сохтмончӣ» (7, 123), hatter - «кулоҳдӯз» (7, 393), hunter - «шикорчӣ» (7, 416) ва ғайра.

Далелҳои дар ихтиёр буда собит менамояд, ки дар замони ҳозира суффикси **–er** сермаҳсул ва маъмул буда, маънои агентивӣ ва василавии худро нигоҳ доштааст.

Исмҳое, ки дорои маънои иҷрокунандаи амал ҳастанд, метавонанд бо асоси феълӣ тавассути суффикси **–er** ташаккул ёбанд. Суффикси мазкур маънои агентивиро ифода менамояд.

Феълҳоро, ки бо суффикси **–er** исмҳои ифодакунандаи шахс месозанд, метавон ба чунин гурӯҳҳо тасниф кард:

1) Феълҳое, ки шахсро аз рӯи касбу ҳунар ё амалиёти касбӣ ифода менамоянд. **Мисол:** to dye – ранг кардан (муқ. кунед. dyer – рангрез, олкор) (7, 275), to assay – ҳис кардан, санҷидан (муқ.кунед. assayer – лаборант-химиёгар) (7, 68), to dig – кофтан, кандан (муқ.кунед. digger – кобанда**)** (7, 254**),** to burnish – сайқал додан (муқ.кунед. burnisher – сайқалдиҳанда) (7, 126), to teach – омӯзонидан (муқ.кунед. teacher – омӯзгор) (7, 826), to preach – таблиғ кардан (preacher – таблиғгар) (7, 628) ва ғ.

2) Феълҳое, ки ҷараёни нуткро ифода мекунанд. Исмҳое, ки аз ин асоси феъл сохта мешаванд, шахсро на аз рӯи ихтисос, балки аз рӯи як хислати ӯ мефаҳмонад. **Мисол:** to blade – лаққида фош кардан (муқ.кунед. bladder - лаққӣ) (7, 101), to brawl – вой гуфтан (муқ.кунед brawler - ғавғогар) (7, 115), to stammer – сақав шуда мондан (муқ.кунед. stammerer – алкан, сақав, забонгирифта) (7, 783), to whisper – пичиррос задан (муқ.кунед. whisperer – пичирросзананда) (7, 918), to roar – дод задан (муқ.кунед. roarer - серғавғо) (7, 695) ва ғ.

3) Феълҳое, ки майлу хоҳиши рӯҳии инсонро ифода мекунанд. Дар ин ҷо дар байни калимаи сохташуда ва асоси феъл чунин муносибат ба назар мерасад: калимаи сохташуда шахсро мефаҳмонад, асоси феъл бошад, ба ин одам хос будани майлу хоҳиши рӯҳиро нишон медиҳад. **Мисол:** to admire – дил бурдан, мафтун шудан (муқ.кунед. admirer – парастанда, парастор) (7, 26), to boast – худситоӣ кардан (муқ.кунед. boaster – худсито, лофзан) (7, 107), to tempt – фиреб додан (муқ.кунед. tempter - фиребдиҳанда) (7, 829), to avenge – интиқом гирифтан (муқ.кунед. avenger – интиқомгиранда) (7, 75) ва ғ.

4) Феълҳои ҳаракат. Дар ин ҷо калимаи ибтидоӣ (феъл) амалро ифода мекунад, вале калимаи сохташуда бошад, шахсро ифода менамояд, ки амалро иҷро мекунад. **Мисол:** to fly – парвоз кардан (муқ.кунед. flier - лётчик) (7, 337), to hop – паридан, ҷастан (муқ.кунед. hopper – ҷастухезкунанда) (7, 410), to climb – часпида баромадан (муқ.кунед. climber – кӯҳнавард) (7, 162), to race – тез рафтан, давидан (муқ.кунед. racer - пойгачӣ) (7, 655), to swim – шино кардан (муқ.кунед. swimmer - шиновар) (7, 817) ва ғ.

5) Феълҳое, ки ҳиссиёт ва идрокро ифода мекунанд. **Мисол:** to hear – шунидан (муқ.кунед. hearer - шунаванда) (7, 387), to see – дидан (муқ.кунед. seer – ғайбгӯй, пайғамбар) (7, 723), to watch – назорат бурдан (муқ.кунед. watcher – посбон, нозир, назораткунанда) (7, 908) ва ғ.

П.М. Карашук қайд менамояд, ки суффикси **–er** метавонад исмҳоро аз асоси феълӣ бо пасоянд низ созмон диҳад [3, с. 109].

Одатан он бо асоси мустақилмаъно мувофиқ меояд, вале пасоянд мавқеи худро иваз менамояд. Мисол: onlooker «тамошобин, дидбон» (7, 507) (муқ.кунед to look on «нигоҳ кардан, нигаристан») (7, 494).

Баъзан пасоянд ҷои муқаррарии худро мегирад, вале **–er** бевосита ба асоси мустақилмаъно ҳамроҳ мешавад. **Мисол:** comer by – «раҳгузар» (7, 172) (муқ.кунед to come by – аз наздик гузаштан), diner out – «шахсе, ки берун аз хона хӯрок мехӯрад» (7, 246) (муқ.кунед. to dine out – «берун аз хона хӯрок хӯрдан»), finder out – «каси дониста гиранда, пурсида фаҳманда, кашфкунанда; ҳалкунанда» (7, 324) (муқ.кунед to find out – донистан, фаҳмидан, кашф кардан).

Бояд гуфт, ки аз рӯи густариши вазифа суффикси ҷамъбандии **–s** пас аз суффикси **–er** меистад. Мисол: bringers in – «шахсоне, ки даромад меоранд» (7, 119) (муқ.кунед. to bring in – «даромад овардан»); comers by – «раҳгузарон» ва дигарон (7, 172).

Гоҳ-гоҳ суффикси **–er** бевосита баъди пасоянд гузошта мешавад. Мисол: come–outer «дебютант – шахсе, ки аввалин дафъа дар соҳае баромад мекунад, баромадкунанда (бо изҳорот)» (7, 172).

Дар ҳолатҳои зерин суффикси **–er** барои созмон додани исмҳо истифода бурда намешавад:

1) Вақте ки дар забон аллакай дигар калимаи сохташуда маънои шабеҳ дошта бошад, чун мисоли student (ба ҷои studyer).

2) Калимаи дигари бо **–er** мавҷуда, ки аз асоси омонимӣ ба вуҷуд омадааст. Чун мисоли, betting-man, ки ба ҷои better (‘one who bets’) истифода бурда мешавад, зеро ки дар забон аллакай калимаи better мавҷуд аст (дарачаи қиёсии сифати good ва зарфи well).

Гурӯҳҳои гуногуни исмҳое мавҷуданд, ки аз асоси феъл бо суффикси **–er** сохта шудаанд ва суффикси мазкур инчунин маънии агентивиро бо тобишҳои гуногуни маъноӣ (полисемия) ифода менамояд:

1. Шахсе, ки пайваста бо коре машғул аст (фаъолияти касбии ин шахс), мисол: sewer «дӯзанда, кафшдӯз» (7, 731); singer «ҳофиз» (7, 746); learner «хонанда, омӯзанда» (7, 477); lecture «лектор, лексияхон» (7, 479); player «бозигар, актёр, ромишгар» (7, 614**).**

2. Шахсе, ки дар вақти муайян бо ҳамин амал машғул аст: singer «сароянда, шахсе, ки суруд мехонад (ҳофиз)»; **learner «омӯзанда** (7, 477)**,** шахсе, ки дарс мехонад»; **speaker «гӯянда** (7, 771), шахсе, ки гап мезанад (дар вақти муайян)»; player «бозикунанда; шахсе, ки бозӣ мекунад» ва ғайраҳо.

3. Шахсе, ки дорандаи аломат, хислат ва қобилияти ҳамон амале аст, ки калимаи сохташуда ба он ишора менамояд. Муқоиса намоед, мисол, маънии калимаи swimmer дар ҷумлаҳои поён:

This river is dangerous. lt's dangerous to swim in it/ **even if you're** a strong swimmer (8, 224) – Ин дарё барои шиноварӣ хатарнок аст. Новобаст аз он ки ту шиновари моҳир ҳастӣ шино кардан дар ин ҷо хатарнок аст

She's a very good swimmer. She swims as a fish (8, 235). – Ӯ беҳад шиновари хуб аст. Ӯ мисли моҳӣ шино мекунад.

Аксаран исмҳое, ки бо суффикси **–er** сохта шудаанд, дорои се тобиши маъноӣ ҳастанд, чун мисоли, **player 1) актёр; 2) шахсе, ки бозӣ мекунад, бозикунанда; 3) бозигар (шахсе, ки лаёқати бозӣ карданро дорад).** Дар ин ҳолат маъои зарурӣ дар контекст муайян карда мешавад.

Дар забони муосири англисӣ як қатор жаргонизмҳо (*«slang words»*) - ро, ки дар ҳайати худ **–er** доранд, вохӯрдан мумкин аст. Ин гуна калимаҳо низ аз асоси феълӣ ба вуҷуд меоянд. Дар ин ҷо суффикси **–er** маънои агентивиро ифода мекунад.

Мисол: *blighter* – «шахси нофорам, дилбазан, харобкунанда» (муқ.кунед *to blight* «орзуҳоро шикастан, ҳаловатҳоро заҳролуд кардан») (7, 103), *bounder* – «шахси беадаб, серғавғо» (муқ.кунед. *to bound* – «ҷастухез кардан») (7, 113), *crammer* – «репетитор, муаллими хонагӣ, ба имтиҳон омода кунанда» (муқ.кунед. *to cram* – «ақидаеро ба сар талқин кардан, фаҳмонда додан, ба имтиҳон омода кардан») (7, 205).

Суффикси **–er** ниҳоят сермаҳсул буда, қобилияти калимаҳои навро бо маънои агентӣ сохтан дорад.

Бояд қайд кард, ки калимасозӣ бо суффикси **–er** ҳанӯз дар қарни XX ба вуҷуд омадааст: *giver up* – «касе, ки инкор мекунад, гузашт мекунад ва ғайра» (аз феъли *to give*

up) (7, 366); *figurer* – «касе, ки тасвир мекунад (графикӣ ва амсоли ин), бо рақамҳо ифода мекунад ва ғайра (аз феъли *to figure*) (7, 323); teen-ager – «наврас» (аз сифати *teen-age* «дар синни аз 13 то 19 қарор дошта») (7, 827); *do-gooder* – «касе, ки хубӣ мекунад, фоида меоварад» (аз ибораи *to do good* – «фоидаовар будан, фоида кардан, хубӣ кардан») (7, 371), breakfaster – «касе, ки наҳорӣ мекунад, наҳорикунанда» (аз феъли to breakfast – «ношто кардан») (7, 117), arrester – «таҷҳизоти боздоштии (андармонии) тайёра» (аз феъли to arrest) (7, 65).

Акнун маънои исмҳои бо суффикси **–er**-ро, ки аз асоси исмӣ ба вуҷуд омадаанд, баррасӣ хоҳем кард.

Онҳо маънoҳои зеринро доранд:

1. Номи шахсоне, ки фаъолияташон бо илм вобаста аст. Исмҳои мазкур аз решаи лотинӣ ва юнонӣ ба вуҷуд омадаанд ва байналмилалӣ мебошанд: astrologer – астролог, ситорашинос (7, 70); philosopher – философ, файласуф (7, 604) ва ғайраҳо.

2. Номи шахсоне, ки онҳо бо макон, бо наҷодашон алоқаманд ҳастанд ё ин ки кори онҳо бо фаъолияташон алоқаманд аст: villager – сокини деҳа (7, 898); New Yorker – сокини Ню-Йорк (7, 547); islander – ҷазиранишин, сокини ҷазира (7, 451).

Ҳамин гуна маъноро пасванди **–er** бо асоси сифатӣ низ, ки ба аломати мавзеъ ишора мекунад, ифода менамояд.

Мисол: *Britisher* – британӣ (7, 120); *foreigner* – хориҷӣ, аҷнабӣ (7, 342).

Баъзан суффикси **–er** барои ифодаи маънои инсони ҳамин синну сол, ки ба он асоси калимасозӣ ишора мекунад, меояд. Ин гуна исмҳо аз асоси шумора ба вуҷуд меоянд (дар ҳудуди хусусияти синну соли одамон). Мисол: fifteeners and sixteeners (калимаи гуфтугӯӣ) «ҷавони понздаҳ-шонздаҳсола» (7, 748), forty-niner «инсони чилу нӯҳсола».

Суффикси мазкур дар забони тоҷикӣ муодилҳои зеринро дорад:

1) R+чӣ: hunter – шикорчӣ (7, 416), builder – сохтмончӣ (бинокор) (7, 123);

2) R+ӣ: Londoner – лондонӣ (7, 493), villager – деҳотӣ (7, 898), notherner – шимолӣ (7, 553), southerner – ҷанубӣ (7, 768), foreigner – хориҷӣ (7, 342);

3) R+гӣ: islander – ҷазирагӣ (7, 451);

4) R+анда: sewer – дӯзанда (7, 731), singer – сароянда (7, 746), learner – хонанда (7, 477);

5) R+манд: player – ҳунарманд (7, 614);

6) R+ванд: шаҳрванд ва ғ.

Дар забони англисӣ суффиксӣ **–ist** ба асоси исм исми дигар месозад, ки маънои агентивиро дорад. В.В.Лопатин суффикси **–ist**-ро таҳлил намуда, менависад: “суффикси – **ist** ба калима ҳамроҳ гашта, маънои онро тағйир медиҳад ва одатан аз исми беҷон ба исми ҷондор мубаддал мегардад [4, с. 157].

Суффикси **–ist** одатан дар калимаҳое, ки аз забонҳои романӣ иқтибос шудаанд, ба назар мерасад. Бояд қайд кард, ки суффикси мазкурро чун ҷузъи калимасоз дар калимаҳои аслии забони англисӣ низ вохӯрдан мумкин аст.

Дар забони романӣ **–ist** исмро аз асоси шахсӣ ба вуҷуд меовард. Ин хусусиятро вай дар забони англисӣ низ нигоҳ доштааст. Дар замони ҳозира вай метавонад ба асоси исмӣ ва сифатӣ ҳамроҳ шавад. Дар он сурат калимаҳои навро ба вуҷуд оварда, маънои фаъолияти амалкунандаи шахсро, яъне агентивиятро ифода мекунад. Вобаста ба маънои калимаҳои сохташуда суффикси **–ist** тобишҳои гуногуни маъноӣ дорад.

Вай метавонад бо хелҳои гуногуни семантикии исм пайваст шавад:

1. Исмҳое, ки олоти меҳнатиро ифода мекунанд (номи мошинҳо, асбобҳои мусиқӣ ва амсоли инҳо), ки дар чунин ҳолат суффикси **–ist** шахсеро ифода мекунад, ки фаъолияташ бо ягон предмет вобаста аст:

Мисол: motor – «мотор» (муқ.кунед motorist – «моторист») (7, 534), machine – «мошина» (муқ.кунед machinist – «мошинист») (7, 495), harp – «арфа» (муқ.кунед harpist – «торӣ») violin – «ғижжак» (муқ.кунед violinist – «ғижжакӣ») (7, 898).

2) Исмҳое, ки номи шохаҳои фаъолияти меҳнатии одамон (илм, адабиёт, санъат ва амсоли инҳо)-ро ифода мекунанд.Ҳангоми пайваст шудан бо чунин асосҳо суффикси **–ist** дорои маънои агентивӣ аст ва шахсеро, ки бо ҳамон доираи фаъолият машғул аст, ифода менамояд.

Мисол: technology – «технология» (муқ.кунед. technologist – «технолог») (7, 827); geology – «геология» (муқ.кунед geologist – «геолог») (7, 362); biology – «биология» (муқ.кунед. biologist – «биолог») (7, 99); education – «тарбия, дониш, савод» (муқ.кунед educationist –«омӯзгор-назарияпардоз») (7, 279).

3) Исмҳое, ки номи хусусии одамони дар таърих машҳур буда, муаллифони таълимоту назарияҳои гуногун, бо илм машғул будагон, нуқтаи назари муайяншуда ва амсоли инҳоро ифода мекунанд.

Мисол: Lenin – «Ленин» (муқ.кунед. Leninist – «ленингаро») (7, 481); Marx – «Маркс» (муқ.кунед. Marxist – «марксгаро») (7, 677); Darwin – «Дарвин» (муқ.кунед. Darwinist – «дарвинист») (7, 379); Pushkin – «Пушкин» (муқ.кунед. Pushkinist – «пушкиншинос») (7, 627).

3) Исмҳое, ки ҷараёни сиёсӣ ва илмиро ифода мекунад. Бо асоси қолаби мазкури семантикӣ пайваст гардида, суффикси **–ist** тарафдору пайрави ин ҷараён ва равияро ифода мекунад: communism – «коммунизм» (муқ.кунед communist –«коммунист») (7, 175); socialism – «сотсиализм» (муқ.кунед. socialist – «сотсиалист») (7, 762); revisionism – «ревизионизм» (муқ.кунед. revisionist –«ревизионист») (7, 689); pacifism – «патсифизм» (муқ.кунед. pacifist – «патсифист») (7, 581).

Чӣ тавре ки зикр гардид, суффикси **–ist** метавонад бо сифат низ ҳамнишин шавад. Ин гуна сифатҳо одатан хусусияти илмӣ ё ҷараёни сиёсиро, ки дар асос ифода шудааст, баён мекунанд: natural – «ҳақиқӣ, табиӣ» (муқ.кунед. naturalist –«табиатшинос») (7, 542); controversial – «ихтилофнок, мубоҳисавӣ» (муқ.кунед controversialist – «ҷанҷолӣ, мунозиракунанда) (7, 192); transcendental – «трансенденталӣ» (муқ.кунед. transcendentalist – «пайрави фалсафаи трансенденталӣ») (7, 856); conversational – «хушсӯҳбат» (муқ.кунед. conversationalist –«сӯҳбатчии моҳир, мусоҳиби аҷоиб») (7, 193); individual – «шахсӣ, инфиродӣ» (муқ.кунед individualist – «индивидуалист») (7, 433) ва дигарҳо.

Суффикси **–ist** суффикси серистеъмоли забони муосири англисӣ аст, ки дар ин бора пайдоиши калимаҳои нав ба монанди manicurist – «нохуноро» (7, 537), behaviorist – «бихевиорист» (7, 91), columnist – «воқеанигор; фелетонист» (7, 171) ва ғайра шаҳодат медиҳанд.

Исмҳое, ки бо суффикси **–ist** созмон меёбанд, дар забони тоҷикӣ дар аксар ҳолатҳо айнан ҳамин хел муодил доранд:

R+ист:, коммунист - communist, сотсиалист - socialist, материалист – materialist;

R+гаро: марксгаро – marxist, ленингаро - Leninist

Баъзан муодили суффикси мазкур дар забони тоҷикӣ –**анда** шуда метавонад: machinist – ронанда.

Дар забони тоҷикӣ суффикси **–чӣ,** ки яке аз суффиксҳои сермаҳсули забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ба шумор меравад, бештар ба шахс далолат мекунад. Тавассути он на

танҳо аз калимаҳои аслан тоҷикӣ, инчунин аз калимаҳои иқтибосӣ, аз ҷумла, аз калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ, исми шахс сохта мешавад: **тракторчӣ, танкчӣ, автоматчӣ, кооперативчӣ, миномётчӣ, телефончӣ, табелчӣ, телеграфчӣ** ва ғайра [2, 138].

Дар китоби забони адабии ҳозираи тоҷик қайд карда мешавад, ки суффикси **–чӣ** аз исм исмҳои шахс месозад, ки маъноҳои гуногун доранд:

а) касбу ҳунари шахсро ифода менамояд: **карнайчӣ, рубобчӣ, тракторчӣ, шикорчӣ;**

б) шахсро аз рӯи ихтисос ифода мекунад: **адабиётчӣ, иқтисодчӣ, назариётчӣ;**

в) ба таълимоту равия, ё ба ташкилот ва гурӯҳе мансуб будани шахсро нишон медиҳад: **мичуринчӣ, стахановчӣ, динамочӣ, инқилобчӣ, шариатчӣ, ташкилотчӣ** ва ғ.

Суффикси –**чӣ** метавонад аз исмҳои ихтисора ҳам исми шахс созад: **МТСчӣ.**

г) ба хислату кирдори шахс далолат мекунад: **дурӯғчӣ, тӯҳматчӣ, воҳимачӣ** ва ғайра.

д) шахсро аз рӯи машғулияташ ифода мекунанд: **маърӯзачӣ, ёрдамчӣ, саёҳатчӣ, ҳуҷумчӣ, бозорчӣ** ва ғ.

д) шахсро вобаста ба мавқеи иҷтимоияш номбар мекунад: **хизматчӣ, колхозчӣ, маорифчӣ.** (2, 138-139)

Умуман, ин суффикс бештар дар калимаҳое дучор мешавад, ки аз дигар забонҳо иқтибос гардидаанд.

Вобаста ба маъноҳои гуногун муодилҳои суффикси мазкур дар забони англисӣ гуногун мешаванд:

1) R+-чӣ =R: дурӯғчӣ - cheat, хизматчӣ - clerk, кӯчманчӣ – nomad;

2) R+-чӣ =R+-ist: иқтисодчӣ – economist ва ғ.

3) R+-чӣ = R+-er: дуррӯғчӣ - deceiver, тӯҳматчӣ - slanderer, ташкилотчӣ - organizer, шикорчӣ - hunter ва ғ.

4) R+-чӣ =R+-ian: китобхоначӣ - librarian, мусиқачӣ - musician, ва ғ.

5) R+-чӣ = R+-or : тӯҳматчӣ – calumniator

10) R+-чӣ = SS: тракторчӣ - tractor driver, телефончӣ - telephone operator, колхозчӣ - kolkhoz member, collective farmer ва ғ.

Инчунин дар забони тоҷикӣ боз як қатор суффиксҳо мавҷуданд, ки маънои агентивӣ доранд, яъне ба шахс далолат менамоянд. Ба ин гурӯҳ суффиксҳои -гар (оҳангар, савдогар, ғоратгар ва ғ.), -бон (боғбон, галабон, пуштибон ва ғ.), -ор (харидор, парастор), -манд (донишманд, зафарманд, хирадманд ва ғ), -анда/янда (дӯзанда, бофанда, нависанда ва ғ.) дохил мешаванд.

Ҳамин тавр, дар забони англисӣ ва тоҷикӣ як қатор суффиксҳое ба назар мерасанд, ки онҳо маънои агентивиро дошта, шахсро аз рӯи иҷрои амал ифода мекунанд.

Пайнавишт:

1. *Антрушина Г.Б. Афанасьева О.В., Морозова Н.Н. Лексикология английского языка. - М.: Дрофа, 1999. - 288 с.*
2. *Забони адабии ҳозираи тоҷик, қ. I. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 452 с.*
3. *Каращук П.М. Словообразование английского языка. - М.:Высшая школа, 1977.- 333 с.*
4. *Лопатин В.В., Улуханов И.С. Словообразовательный тип и способы словообразования. - М., 1969.- 256 с.*
5. *Максимов В.И. Суффиксальное словообразование имен существительных в русском языке. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1975.- 180 с.*
6. *Рустамов Ш. Калимасозиш исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. - Душанбе, 1972.– 77 с.*
7. *Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. –Душанбе: "ЭР-граф", 2011. – 1016 с.*
8. *Murphy, M. Longman. Dictionary of American English/ M. Murphy. -USA, 2004.-399 p.*

Reference Literature:

1. *Antrushina G.B., Afanasyeva O.V., Morozova N.N. Lexicology of the English Language. – M., Drofa, 1999. – 288 pp.*
2. *Modern Tajik Literary Language. – V.1. – Dushanbe: Cognition, 1973. – 452 pp.*
3. *Karashchuk P.M. Word-Building of the English Language. – M.: Higher School, 1977. – 333 pp.*
4. *Lopatin V.V., Uluhanov I.S. Word-Building Type and Ways of Word-Building. – M., 1969. – 256 pp.*
5. *Maximov V.I. Suffixal Word-Building of Nouns in the Russian Language. – L.: Leningrad University Publishing-House, 1975. – 180 pp.*
6. *Rustamov Sh. Word-Building of Noun in Modern Tajik Literary Language. – Dushanbe, 1972. – 77 pp.*
7. *English-Tajik Dictionary. – Dushanbe: Er-Graph, 2011. – 1016 pp.*
8. *Murphy, M. Longman. Dictionary of American English/ M. Murphy. -USA, 2004.-399p.*

УДК 80
ББК 81.2-3

САРНАВИШТИ ЯК ПАСВАНДИ ФАРОМӮШШУДА

Ҳасанзода (Ҳасанов) Абдуҷамол Ашрапович, *доктори илмҳои филологӣ, профессори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

СУДЬБА ОДНОГО ЗАБЫТОГО СУФФИКСА

Хасанзода (Хасанов) Абдуджамол Ашрапович, *д-р филол. наук, профессор ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

THE FATE OF ONE FORGOTTEN SUFFIX

Hasanzoda (Hasanov) Abdujamol Ashrapovich, *Dr. of Philology, Professor of the State Educational Institution "Khujand State University named after academician B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)*
E-MAIL: *abdujamol58@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *забони тоҷикӣ, унсурҳои луғавӣ, пасванди –дес, забони умумиэронӣ, порсии миёна, луғатномаҳои қуруни вусто, фарҳангҳои муосир, таҳаввули маънову шакл*

Истифодаи пасванди –дес дар гузаштаи дуру наздик ва ҳолати кунунии он дар забони тоҷикӣ баррасӣ гардидааст. Дар заминаи маводи фарҳангномаҳои даврони асримиёнагӣ ва муосири тафсирӣ ва этимологӣ назарашро дар бораи дар ду вазифа: ҳамчун вожаи мустақилмаъно ва пасванди калимасоз мавриди истифода қарор гирифтани дес, ки сарчашмааш ба эронии бостон мерасад, баён намуда нишон додааст, ки унсури мазкур дар ибтидо ҳамчун калимаи мустақилмаъно ба кор рафта, баъдан хусусияти дувазифагӣ пайдо намуд ва тадричан танҳо ба сифати унсури калимасоз ривоҷ гирифта, мустақилияти худро аз даст дод. Дар осори ниёгон пасванди зикргардида дар ду-се шакл ба кор рафтааст, ки он ба омилҳои айниву зеҳнии муайян алоқа дорад.Аз таҳлилу қиёс муаллиф ба натиҷае расидааст, ки пасванди мазкур ҳоло дар шакли меъёрии забон хусусияти қаблии худро аз даст дода, дар гӯишҳои алоҳида осори он ба мушоҳида мерасад.

Ключевые слова: *таджикский язык, лексический элемент, суффикс –дес, древнеиранский язык, среднеперсидский язык, средневековые словари, современные словари, смысловая и формальная эволюция*

Исследуется употребление суффикса –дес в древнюю эпоху, в недавнем прошлом и в нынешнем состоянии таджикского языка. На основе средневековых и современных толковых и этимологических словарей рассматривается употребление лексического элемента des, корень которого восходит к древнеиранскому языку, в двух функциях – как самостоятельного слова и как словообразовательного суффикса. Отмечено, что «дес» сначала употреблялось как самостоятельное слово, но с течением времени приобрело две функции, а в дальнейшем, утратив самостоятельность, начинает использоваться только как словообразовательный суффикс. В наследии предков указанный суффикс употребляется в двух - трех формах, обусловленных определенными объективными и интеллектуальными факторами. На основе сопоставительного анализа сделан вывод, что суффикс -дес в настоящее время утратил прежние функции в нормативной форме языка, но его следы можно обнаружить в отдельных диалектах.

Key-words: *Tajik language, lexical elements, suffix-des, ancient Iranian language, Middle Persian language, mediaeval dictionaries, modern dictionaries, sensible and formal evolution*

The article presents a research related to the use of suffix -des in ancient epoch, the recent past and today`s picture of the Tajik language. Proceeding from medieval and modern explanatory and etymological dictionaries, the author considers the usage of –des whose root is traced back to the ancient Iranian language in two functions - as a self-sufficient word and a word-building suffix. It is underscored that first –des was used as a self-sufficient word, but in the course of time it acquired two functions; but further on, having lost its self-sufficiency, it started to be used only as a word-building suffix. In ancestors` heritage this suffix is used in two-three forms preconditioned by certain objective and intellectual factors. On the ground of a comparative analysis the conclusion is made that at present suffix -des has lost its former functions in the normative language form, but its traces can be run into separate dialects.

Дар тӯли ҳазорсолаҳо на танҳо дастаи калони воҳидҳои мустақилмаънои луғавӣ, балки бахши муайяни унсурҳои созандаи калима ё шакл низ аз байн мераванд ва бар ивази онҳо дастаи дигари ҳамин гуна унсурҳои калимасозу шаклсоз ба гардиш ворид мешаванд. Таърих гувоҳ аст, ки чунин ҳолат одатан ҳангоми вуқӯи таҳаввули сохтории забон бештар рӯй медиҳад. Як назари сатҳӣ ба таърихи забонҳои эронӣ аз даврони бостон то имрӯз метавонад чунин иддаоро тасдиқ намояд. Маҳз ба чунин маром ҷараёнгирии таҳаввули забон ва зуҳури дигаргуниҳоро дар доираи вандҳои калимасозу шаклсоз дар назар дошта, муҳаққиқи эронӣ П. Н. Хонларӣ навиштааст, ки «соқит шудани баъзе аз аҷзои пасвандҳои бостон, ё илҳоқи онҳо ба реша ё модаи калима, ки аз давраи интиқоли эронии бостон ба эронии миёна рӯй дода буд, забонро аз пасвандҳои исмӣ маҳрум кард. Дар муқобил аз он ҷо, ки ҳаргиз забони зинда ва роиҷ имконоти баёни маониро аз даст намедиҳад, пасвандҳои дигаре ҷонишини онҳо шуд, ки ё аз таркиби чанд пасванди куҳан, ё аз табдили калимоти мустақил ба аҷзои сарфӣ ва иштиқоқӣ ҳосил шуда буд. Аз ин пасвандҳои тоза баъзе дар давраи форсии нав (дарӣ) матрук шуд ва баъзе боқӣ монд ва дар ин давра низ баъзе пасвандҳо ё аз таркиби калимоти мустақил, ё аз гӯишҳои дигари эронӣ бар онҳо афзуда шуд» [10, с. 139; 11, с. 11].

Лозим ба ёдоварист, ки дар радифи чанд унсури калимасози дигар пасванди *–дес* яке аз аносири калимасози ба нудрат истифодагардида дар осори ниёгон ва аз ваҷҳи реша кам шинохташуда маҳсуб мегардад, ки дар давраи ҳозира дар шакли меъёрии забон комилан ба ҳукми фаромӯшӣ рафтааст.

Аз қайду ишороти аҳли пажӯҳиш бармеояд, ки *–дес*ро аҳли адаби даврони асримиёнагӣ гоҳ дар як шакли мушаххас ва гоҳ ба чанд гуна мавриди истифода қарор додаанд. Муаллифони бахши забонҳои нави эронии асари ҷамъбастии «Асосҳои забоншиносии эронӣ» дар хусуси ин пасванд мулоҳизаронӣ карда, корбурди онро дар осори ниёгон фақат дар шакли *dēs*- қайд намудаанд [3, с. 211], С. Нафисӣ низ танҳо дорои шакли *dēs* доштани онро ишора намуда, маъноящро «шабеҳ, монанд, назир» шарҳ додааст, муаллифи «Фарҳанги Низом» қайд намудааст, ки «ин лафз мухаффафи *дес* бо касри дол аст. Пас бояд бо касри аввал бошад, аммо Унсурӣ бо фатҳ оварда, шояд аз боби расми шуарои қадим бошад, ки ихтилофи ҳаракатро дар рӯй ҷоиз медонистанд…» [2, с. 50]. Ба ин тариқ, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дорои шаклҳои *дас* /*дес* будани пасванди тазаккурёфта зикр шудааст [9, с. 365], М. Ҳасандӯст истифодаи онро ба гунаҳои -*dēs* ва -*dēz* ба қайд овардааст [12, с. 1393], аз ишороти М. Ғ. Ромпурӣ ва А. Ҳумоюнфаррух

бармеояд, ки пасванди зикргардида дорои се шакл: *дас*, *дис* ва *дез*, ё *дас-*, *дес-* ва *дез* низ будааст [8, с.335, 352; 13, с. 366, 367].

Муаллифони луғатномаҳои куҳан ва мураттибони фарҳангномаҳои ҷадид дар шарҳи унсури калимасози зикргардида гоҳ усули мухтасар ва гоҳ муфассали эзоҳро пеш гирифтаанд. Чунончи, мураттибони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънои пасванди *-дес*ро «шабеҳ, монанд, мисл, ҳамто» шарҳ додаанд [9, с. 365], А. Деҳхудо дар ҷараёни эзоҳи *-дес* таъкид намудааст, ки таҳти ин унсури калимасоз «сурати мунаққаш, тасвир, пайкара, тимсол, муҷассама» фаҳмида мешавад, соҳиби «Ғиёс-ул-луғот», ки мулоҳизаҳояшро бо такя ба ишораи «Бурҳони қотеъ» ва «Сироҷ-ул -луғот» изҳор намудааст, овардааст, ки «*дас* ба маънии «монанд», ё он ки мухаффафи *дес* бошад. Дар ин сурат билкаср (*дис*) саҳеҳ бошад» [8, с. 335]. Дар ҷои дигар низ ба «Бурҳони қотеъ» ва «Латоиф-ул-луғот» истинод намуда, маънои *дес*ро «ранг, лавн» эзоҳ медиҳад ва дар ниҳоят маводи ҳар се фарҳангномаи тазаккурёфтаро асос карда афзудааст, ки «ин лафз барои ташбеҳ ояд, ба маънии «ҳамто ва мисл ва монанд…» [8, с. 352].

Аз ин гуна шарху тафсири соҳибони луғатномаҳо бармеояд, ки пасванди мазкур дар ташаккули вожаҳои баёнкунандаи аломату хусусият нақши муайян дошт.

Аз қайдҳои алоҳидаи баъзе осори таҳқиқии ба таърихи забонҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикӣ бахшидашуда маълум мегардад, ки *–дес*, ё *-дез* дар асл калимаи мустақилмаъно буда, аз сифати *dēs* ба маънои «шабеҳ» пайдо гардидааст ва баъдан ҳамчун пасванди каммаҳсул ба гардиш ворид шуда, дар баёни маънои «монанд будан, шабоҳат доштан ба чизе» мустаъмал гардид.

Доир ба нақши калимасозии пасванди номбурда соҳибони фарҳангномаҳо ва муаллифони осори таҳқиқӣ ахбори мухталифро зикр намуда, бархе ширкати онро дар бунёди ду ё се вожаи сохта, ҳиссаи дигар зуҳури ададии бештари чунин унсурҳои луғавиро зикр намудаанд. Дар забони порсии миёна, бино ба маводи китоби дуюми «Асосҳои забоншиносии эронӣ: забонҳои миёнаи эронӣ», ки муаллифонаш В. С. Расторгуева, Е. К. Молчанова ҳастанд, ҳамчун пасванд ба кор рафтани *–дес* зикр нашудааст [6, с. 66-74], аммо дар ҷилди сеюми ин китоб, ки ба қалами В. И. Ефимов, В. С. Расторгуева, Е. Н. Шарова мансуб аст, бо ин пасванд ташаккули вожаҳои *x^{v}ardēs* «шабеҳи хуршед» (аз *x^{v}ar*), *hūrdēs* «шабеҳи ҳур» аз *hūr* «фаришта» ба қайд омадааст [3, с. 211].

А. Ҳумоюнфаррух вожаҳои бо пасванди мазкур ташаккулёфтаро «навъи ҳаштум аз сифоти мураккаб» номида, таъкид кардааст, ки ин пасванд, ки «аслан калима буда, бисёр кам истеъмол шудааст» [13, с. 366]. Ҳамин муҳаққиқ дар ҷои дигар менависад, ки: 1) *дес* дар забони паҳлавӣ ба маънии «намуна ва мисл ва шабеҳ ва назир» буда ва ба маънии «мамлакат ва ноҳия ва ватан» низ истеъмол мешуда ва асли он аз паҳлавӣ аст, на порсӣ. 2) *дас* ва *дес* ва *хоядес* монанди исм истеъмол шуда ва *ҳурдес* ва *фархордес* сифати муштарак бо исм мебошад, яъне монанди исм низ истеъмол шудааст» [13, с. 367].

М. Шариат *дес*ро дар радифи пасвандҳои муҳими забони форсӣ зикр карда овардааст, ки он пасванди мушобаҳат буда, маъноиш «ҳайъат ва шакл» аст ва чун шоҳид вожаҳои *тандес* ва *тоқдес*ро овардааст [14, с. 422, 426].

Ба ин тариқ, М. Муқаррарӣ бар ин назар аст, ки тавассути ин пасванд ташаккули баъзе сифатҳое, мисли *лоладес*, *ҳурдес* аз исму пасванди *дес-* бунёд мешаванд [5, с. 31], П. Н. Хонларӣ баъди таҳлили вижагии калимасозии ин пасванд бо такя ба маводи «ал-Мӯъҷам»-и Ш. Қ. Розӣ тавассути он аз исм ташаккули аносири луғавиеро, монанди *мардумдес*, *хоядес* ва *туранҷдес* ёдовар мешавад [11, с. 37], М. Муин ҳиссаи ин пасвандро дар зуҳури чаҳор вожа: *ҳурдис*, *тандис*, *тоқдис*, *фархордис* зикр мекунад [4, 1524].

А. Ҳумоюнфаррух дар ҷараёни таҳлили нақши вожасозии пасванди тазаккурёфта кӯшиш ба харҷ додааст, ки дарачаи корбурд ва хусусиятҳои маъноии онҳоро низ ба таври муфассал шарҳ диҳад. Чунончи, номбурда ба ҳайси далел калимаҳои сохтаеро, амсоли *ҳурдес, фархордес* ва *тоқадес* оварда, гунаи аслии вожаи охирро *тоғдес* меҳисобад ва баъдан ба шарҳи *хоядес* пардохта, қайд мекунад, ки вожаи мавриди назар «дар фарҳангҳо забт шуда, вале мавриди истеъмоли он дида нашуд. Маънии он «тухми мурғмонанд» мебошад, ки номи аслии он *саморуг* аст, ки авом онҳое, ки дар боғча ва ҷоҳои намнок сабз мешавад, *кулоҳи шайтон* ва *кулоҳи дев*…меноманд ва навъи хӯрдании онро имрӯз *қорч* меноманд (гӯё *қорч* туркӣ аст). Ва низ дар калимаи *шабдез* табдили шакли дигари *дес* аст ва *Шабдез* номи аспи Хусрави Парвиз буда ва маънии он «шабмонанд, шабранг, сиёҳфом» аст [13, с. 366-367].

Аз таҳлилу қиёси назари соҳибони фарҳангномаҳои алоҳида маълум мешавад, ки аз ҳама беш бо ин пасванд А. Деҳхудо калимаи сохтаи фаровонро зикр намудааст. Номбурда дар «Луғатнома»-аш нақши ин пасвандро дар бунёди ёздаҳ вожа нишон дода афзудааст, ки «…гоҳ ба сурати пасванд ва мазиди муаххар, чун *кулангдес, ҳурдес, фархордес, тандес, тоқдес, моҳдес, меҳрдес, хоядес* (навъе қорчи ба тухми мурғ монанд), *турунҷдес, мардумдес*…ва дар калимаи *дизандес* низ ҳарчанд маънии ҷузъи аввал (*дизан*) имрӯз маълум нест, вале мураккаб бо ҳамин мазиди муаххар менамояд» [1, с. 9474].

Аз ахбори соҳибони луғатномаҳо ва пажӯҳиши муҳаққиқон бармеояд, ки дар таърихи забони тоҷикӣ ба ҷузъ ин пасванд боз унсурҳои ба он ҳамгуни калимасоз, ё вожаҳои мустақилмаъной шабеҳ вуҷуд доштаанд. Чунончи, фарҳангнавис ва муҳаққиқ М. Ҳасандӯст ин пасвандро дар шакли *дез*- оварда, вуҷуди се калимаи ба он ҳамшаклро ишора менамояд: *дез*[1] – «ҳисор, қалъа»; *дез*[2] – «навъе аз дег ва потил бошад»…; *дез*[3] –«ранг ва лавнро гӯянд умуман ва ранги сиёҳро гӯянд хусусан»; *деза* «(ранги) сиёҳ»…[12, с. 1392].

М. Муин низ вуҷуди се калимаи ҳамгуни *дас* ва *дес*ро таъкид менамояд: *дас*[1] – мухаффафи *даст*; *дас* \ *дес*[2] – 1) назир, шабеҳ, монанд; б) дол бар шабоҳат ва монандагӣ; *дас* (*с*)[3] –нуҳуфтан, монанд кардан аст. Ҳамин муҳаққиқ дар мавриди дигар шакли: *дис*[1] -ро ба маъноҳои: 1) ранг, лавн; 2) шабеҳ, монанд, назир: *бедис* «беназир»; 3) пасванди шабоҳат ва лаёқат ва *дис*[2]-ро ишора намуда, онро мухаффафи *диск*-и аврупоӣ меҳисобад [4, с. 1524].

А. Деҳхудо чаҳор вожаи ҳамшакли *дас* ва *дис*ро зикр кардааст, ки сарчашмаашон ба забонҳои мухталиф: форсӣ, арабӣ, юнонӣ ва фаронсавӣ мерасад. Дар форсӣ *дас* гунае аз *дис* буда, маъноиш «шабеҳ, назир, монанд» аст. Ӯ мухаффафи *дес* будани *дас*ро зикр мекунад ва бо такя ба гуфтаи Ромпурӣ ва муаллифи «Сироҷ-ул-луғот» саҳеҳ будани шакли охирро қайд менамояд ва бо такя ба «Фарҳанги Онандроҷ» чун далел байтеро аз шоир Фаррухӣ ба қайд оварда, дар асоси гуфтаи муаллифи «Бурҳони қотеъ» ба маънои «он» ба кор рафтани ин вожаро низ зикр менамояд. Номбурда пасванди шабоҳат маҳсуб гардидани ин унсури калимасозро низ ишора намуда, руҷӯъ карданро ба *дес* таъкид мекунад [1, с. 9473 - 9474].

Дар мавриди дигар А. Деҳхудо дар хусуси се *дес* мулоҳиза ронда, якеро бо такя ба «Бурҳони қотеъ»-ву «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» шакле аз *дез, деса, дас* ба маънои «гун, лавн, фаш, ҳамто, шабеҳ, монанд, назир» ҳисобидааст ва афзудааст, ки «ин лафз барои ташбеҳ меояд ба маънии «ҳамто ва мисл ва монанд». Ин калима гоҳ ба сурати мустақил меояд» [1, с. 9474].

Роҷеъ ба асли пайдоиш ва мансубияти забонии -*дес* низ байни аҳли илму адаби гузаштаву имрӯза назари ягона вуҷуд надорад: муаллифи «Фарҳанги Низом» мухаффафи *дес* будани шакли *дас*-ро ёдрас мешавад [2, с. 50], М. Ҳасандӯст вуҷуди ин вожаро дар забони форсии миёна ба гунаи *dēs* ба маънои «шакл, таркиб, ҳайъат» қайд намуда, сарчашмаи онро, дар навбати худ, аз *daisa*-и эронии бостон (он худ аз решаи *dais*) ба

маънои «ишора кардан, нишон додан» донистааст ва қиёс карда шуданашро бо унсурҳои луғавии *desá*-и забони санскрит ба маънои «макон, ноҳия» (аслан: «масир, чиҳат»); *diṣṭi* «дастур, ҳукм», *deśinī*- «ангушти нишона, ангушти саббоба», *diś*- (*diśáti*) «нишон додан, ошкор кардан, намоиш додан», *daēsa*-и авестоӣ «нишона, аломат, толеъ», *uzdēs*- *čār*-и форсии миёна ба маънои «маъбад, буткада» (< *uz-daēsa* «бут, санам», *'dyšg* (*āδēšaγ*)-и форсии миёнаи турфонӣ ва портӣ ба маънои «нишона, аломат», *pcys*(*y*)-и хоразмӣ ба маънои «шабеҳ кардан, монанд кардан, шарҳ додан, таъбир кардан» (< **pati daisava*-) зикр намудааст [12, с. 1393].

Ҳамчунин ӯ, чунон ки дар фавқ ишора гардид, вуҷуди се калимаи ҳамшакли *дез*–ро ишора карда, сарчашмаи *дез*[1] – ро ба маънои «ҳисор, қалъа» аз эронии бостон **daiza*- (аз решаи *daiz*- «рӯйи ҳам чидан, барафрохтан, девор кашидан») ва онро, дар навбати худ, идома аз решаи **dheigh*- (> эр. б. *daiz*-)-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ ба маънои «сириштан, хамир кардани гил» (махсусан барои сохтани бора, девори кӯза ва ҷуз он) буданаш ишора кардааст ва бо такя ба қавли В. С. Расторгуева ва Дж. И. Эделман таъкид намудааст, ки «ба ин шакл ин вожа аз забонҳои шимолӣ-ғарбӣ ба порсии миёна роҳ ёфтааст [7, с. 314]. Дар мавриди дигар аз ҷониби муҳаққиқон В. С. Расторгуева ва Дж. И. Эделман қиёс карда шудани *дез*[2] ба маънои «навъе аз дег ва потил» бо *dištā*, *dišta*-и авестоӣ ба маънои «дег» (аз *diz-tā*) ишора шуда, дар ҳолати сеюм муқоиса карда шудани *дез*[3] ба маънои «ранг ва лавн умуман ва ранги сиёҳ хусусан»; *dez*-и гуронӣ ба маънои «сиёҳи моил ба обӣ», *диза*-и бахтиёрӣ ба маънои «сиёҳ, мушкин» пешниҳод гардидааст [12, с. 1392].

Эроншиносони фавқуззикр ду қавли муҳаққиқи олмонӣ В. Ҳенингро дар хусуси *дес* зикр намуда гуфтаанд, ки дар оғоз ӯ сарчашмаи *dēs*-и форсии миёнаро шакли номӣ аз *dēs* ба маънои «шакл, намуд, образ, фигура» меҳисобид, дар охир ибтидои онро ба яке аз шаклҳои феълӣ ба шумор овард. Баъдан таъкид менамоянд, ки ба ҳар ҳол, барои забонҳои ҷанубӣ-ғарбӣ асосҳои бо *-ś- интиҳоёбанда аслӣ нест, зеро дар чунин мавридҳо бояд ин *-*ś*- > *-*δ*- > -*h*- ` *-*ź*- > *-*d*- шаванд, на *-*ś*- > -*s*- [7, с. 312]

А. Деҳхудо дар ҳошияи луғатномааш назари муҳаққиқонро ёдовар шуда овардааст, ки «П. Ҳорн онро аз решаи авестоии *dares* (нигоҳ, назар), ҳиндии бостонӣ *dṛs* («рӯъят, дидашуда»), *dṛsa* («назар, дидашуда») медонад. Вале Ҳюбшманн онро аз решаи *dic*-и санскрит («нишон додан»), авастоии *dis* («нишон додан, ироа кардан»), осетинии *äwdîsin* («ироа») донистааст. Нюберг ҳар ду ваҷҳро нақл мекунад ва мефармояд, ки дар матнҳои монавии турфонӣ *dês* («шакл, сохтмон»), суғдӣ *dês* («сохтан») омадааст [1, с. 9474].

Аз чунин андешаронихои муҳаққиқону соҳибони фарҳангномаҳо метавон ба бардоште расид, ки ба ҳар гунае, ки бошад, пасванди мавриди таҳлил дар оғоз дар таркиби луғавии забони ниёгонамон ба ҳайси унсури луғавии мустақилмаъно гардиш дошта, баъдан бо сабаби бар ӯҳдаи он вогузор шудани вазифаи грамматикӣ аз табиати лексикияш маҳрум шудааст ва пас аз чанд муддати дар чунин вазифа қарор доштанаш тадричан аз забони тоҷикӣ хориҷ гардидааст.

Таҳлил ва қиёси замони корбурди ин вожа, ки баъдан ба ҳайси унсури калимасоз ба гардиш ворид шуд, бармеояд, ки он ҳанӯз дар осори Рӯдакӣ барин шоири тавонои садаи Х дар ҳар ду вазифа: вожаи мустақилмаъно ва пасванди калимасоз дар истифода будааст. Чунончи, дар мисраи аввали байти зер калимаи *дес* дар ифодаи маънои «шабеҳ, монанд, мисл, ҳамто» ва дар мисраи дуюм ҳамчун унсури калимасоз ба кор рафта, дар баёни маънои «ҳамоно, зоҳиран, гӯё» аст:

Агарчи дар вафо бешибҳию *дес*,
Намедонӣ ту қадри ман *дизандес*. [Рӯдакӣ- 9, с. 340]

Дар ашъори Унсурӣ *дас* ба ҳайси унсури луғавии мустақилмаъно ба маънои «пинҳон» мавриди истифода қарор гирифтааст:

Надиду набинад туро ҳеч кас,
Гаҳи разм масалу гаҳи базм *дас*. [Унсурӣ-2, с. 50]

Муқоисаи дараҷаи корбурди вожаҳои бо пасванди мазкур ташаккулёфта дар ашъори аҳли адаби гузашта шоҳиди он аст, ки вуҷуди бештари ин гуна унсурҳои луғавӣ дар ашъори Фаррухӣ ва Низомӣ ба мушоҳида мерасад, яъне агар дар байтҳои шоири аввал калимаҳои *Фархордес* (шабеҳи шаҳри Фархор) ва *Баҳромдес* (шабеҳи Баҳром) истифода шуда бошад, пас адиби дуюм ба ҷуз вожаи нахуст инчунин калимаи *тандес*ро дар ифодаи маънои «таннамо» ба кор бурдааст:

Яке хона кардаст *фархордес*,
Ки бифрӯзад аз дидани он равон [Фаррухӣ].
Чу теғ гирад *Баҳромдес* шӯрангез,
Чу ҷом гирад хуршедвор зарафшон. [Фаррухӣ]
Дар он орзугоҳ *фархордес*
Накард орзу бо муқобил макес. [Низомӣ]
Ду *тандес* аз зар барангехта,
Зи ҳар сурате қолибе рехта. [Низомӣ]

Ба ин тариқ, унсури калимасози мазкур дар бунёди вожаҳои муштақи *ҳурдес* «ҳуртимсол» (Чӣ қадр оварад бандаи *ҳурдес*, Чу зери қабо дорад андоми пес-Саъдӣ), *ҷаҳондес* «ҷаҳонмонанд» (Надорад даргаҳи шоҳи *ҷаҳондес*, Ба гетӣ-дар ба ҷуз тимсоли сад гес-Амморӣ), *Тоқдес* «тахти Тоқдес» (Даст биҳишт садри ӯ, дасти қадар ба хидматаш, Гунбади *тоқдес*ро баста натоқ чокарӣ) низ нақши шоиста дошт [10, с. 150-152; 11, с. 37].

Зикри шавоҳид танҳо аз осори манзум маънои фақат хоси забони назм будани калимаҳои бо ин пасванд бунёдгардидаро надошта, балки мо корбасти унсури номбурдаро дар ду вазифа: чун вожаи мустақилмаъно ва ба ҳайси унсури калимасоз дар осори мансур низ метавонем мушоҳида намоем. Масалан, дар ҷумлаи нахусти зайл *дес* дар алоҳидагӣ ба маънои «сурати мунаққаш, тасвир, пайкара, тимсол, муҷассама» истифода шуда, дар ду ҷумлаи баъдӣ он ҳамчун пасванд дар таркиби вожаҳои *Тоқдес*, *Кулaндес* ба назар мерасад:…ӯро ҳар чӣ мехост «мин маҳорибу тамосил» аз меҳробҳо ва *десҳо* («Кашф-ул-асрор»). Тахти *Тоқдес* будаш ва ӯ тамом бисохт («Муҷмал-ут-таворих»). Ва дорулмулки ӯ (Заҳҳок-Ҳ. А.) Бобул буда, аввал он ҷо саройи бузург карда буд ва «*Кулангдес*» ном ниҳод («Муҷмал-ут-таворих»).

Вижагии дувазифагии унсури мавриди баҳс шаҳодати ин нукта буда метавонад, ки шояд аз замони Рӯдакӣ сар карда, то даврони Саъдӣ раванди аз унсури мустақилмаънои луғавӣ ба ёвар бадалшавии он идома ёфта, баъдан танҳо дар як вазифа ва ниҳоят куллан аз байн рафтани *дес* ё *дас* ба вуқӯъ пайваста бошад.

Ҳар навъе бошад, дар осори ниёгон ин унсури забон ҳамчун пасванди калимасоз дар бунёди ҳиссаи муайяни аносири луғавӣ нақши ба худ хоссе дошт, вале дар давраи ҳозираи инкишофи ду шохаи як забони порсии дарӣ, яъне шакли меъёрии забонҳои тоҷикӣ ва форсии муосир он ба куллӣ аз байн рафт. Ин аст, ки вуҷуди онро муаллифони асари ҷамъбастии «Асосҳои забоншиносии эронӣ. Забонҳои нави эронӣ» дар ҳар ду забони тазаккурёфта ишора накардаанд [3, с. 211], вале осори он дар гӯишҳои алоҳида побарҷо мондааст.

Маълум аст, ки гӯишҳо ба навъе осорхонаи таърихи забон буда, аносири луғавии дар онҳо мавҷуда вариантҳои дар маҳал побарҷомондаи чунин вожаву ифодаҳои куҳан ба шумор меоянд. Аз ин рӯ, ин пасванд дар калимоте, мисли *dēzandān* ба маънои «диздон,

дегдон» дар гӯишҳои мухталифи Эрони имрӯза, мисли обёнаӣ, абузайдободӣ, чолӣ, оштиёнӣ, вилотруӣ, табарӣ (мозандаронӣ), иброҳимободӣ, сагзободӣ гоҳ дар шакли ба асл наздик, гоҳ аз гунаи аслӣ дур дар истифода қарор дорад.

Шакли аслии *dēzandān*, ба гумони ғолиб, **dēzdān* буда, дар натиҷаи афзуда шудани садоноки «а» ва ҳамсадои «н» ба таркиби он (монанди *пиндоштан* < *pad ēd dāštan* ва *вандидот* < *vi-daiva-dāta-*) шакли нахуст ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тавр, аз чунин баррасиҳо маълум мегардад, ки дар таркиби луғавии забони ниёгони мо ба ҷуз захираи беҳамтои воҳидҳои мустақилмаънои луғавӣ инчунин теъдоди муайяни аносири калимасозе гардиш доштаанд, ки замоне дар бунёди вожаҳои нодир ҳиссагузорӣ кардаанд, вале бо гузашти айём онҳо зери таъсири авомили айниву зеҳнӣ аз хотирҳо зудуда шуданд ва забон аз як унсури зарурии калимасоз маҳрум гардид.

Пайнавишт:

1. *Деҳхудо, А. Луғатнома. Ҷилди 7. -Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. -10826 с.*
2. *Доиюлислом. Фарҳанги Низом. Ҷилди 2. Теҳрон, 1363. -627 с.*
3. *Ефимов В. И. Персидский, таджикский, дари. Монография // Основы иранского языкознания. Новоиранские языки / В. И. Ефимов, В. С. Расторгуева, Е. Н. Шарова. - М.: Наука, 1982. – 230 с.*
4. *Муин М. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди 2. / М. Муин. -Теҳрон: Амири Кабир, 1375. -2774 с.*
5. *Муқаррарӣ, М. Таркиб дар забони форсӣ. –Теҳрон: Интишороти «Тӯс», 1372. -172 с.*
6. *Расторгуева В. С., Молчанова Е. К. Среднеперсидский язык // Основы иранского языкознания. –М.: Наука, 1981. –С. 6-147.*
7. *Расторгуева В. С., Дж. И. Эдельман. Этимологический словарь иранских языков. Том 2. / В. С. Расторгуева, Дж. И. Эдельман. – М.: Восточная литература, 2000. -503 с.*
8. *Ромпурӣ М. Ғ. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 1. / Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ. - Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.*
9. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. / Зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, А. Маъсумӣ. –М.: Советская энциклопедия, 1969. - 949 с.*
10. *Хонларӣ П. Н. Дастури таърихии забони форсӣ. Чопи аввал. Теҳрон, 1372. -279 с.*
11. *Хонларӣ П. Н. Таърихи забони форсӣ. Зери назари академик Салимӣ Н. Ю. Ҷилди 3. Душанбе, 2017. - 368 с.*
12. *Ҳасандӯст М. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ. Ҷилди 2. / М. Ҳасандӯст. Теҳрон, 1384. -1410 с.*
13. *Ҳумоюнфаррух, А. Дастури ҷомеи забони форсӣ. Ҳафт ҷилд дар як муҷаллад. Ба кӯшиши Рукнуддини Ҳумоюнфаррух. Муаасисаи матбуоти илмӣ. Чопи савум. Теҳрон, 1364. -1207 с.*
14. *Шариат, М. Дастури забони форсӣ. –Теҳрон. Интишороти «Асотир». Чопи панҷум, 1371. - 459 с.*

Reference Literature:

1. *Dekhudo, A. Dictionary. V. 7. - Tehran: Tehran University Publishing House, 1373. - 10826 pp.*
2. *Doiyulislom. The Dictionary of Nizam. V. 2. - Tehran, 1363. - 627 pp.*

3. *Yefimov V.I. Persian, Tajik, Dari. Monograph // The Grounds of Iranian Linguistics. New Iranian Languages / V. I. Efimov, V. S. Rastorgueva, E. N. Sharova. - M.: Science, 1982. – 230 pp.*
4. *Muin M. Persian Language Dictionary. V. 2. / M. Muin. - Tehran: Amiri Kabir, 1375. - 2774 pp.*
5. *Mukarrari M. Persian Language Composition. –Tehran: "Tus" Publishing-house, 1372. - 172 pp.*
6. *Rastorguyeva V.S., Molchanova Ye.K Middle Persian Language // The Grounds of Iranian Linguistics. –M.: Science, 1981. –pp. 6-147.*
7. *Rastorguyeva V.S., Edelman Dj.I. Etymology Dictionary of Iranian Languages. Volume 2. / V.S. Rastorguyeva, Dj.I. Edelman. - M.: Oriental Literature, 2000. - 503 pp.*
8. *Rompuri M. Gh. Ghiyas-al-Lugat. -V. 1. / Muhammad Ghiyosuddini Rompuri. - Dushanbe: Man-of-Letters, 1987. - 480 pp.*
9. *Tajik Language Dictionary. V. 1. / Under the editorship of M. Sh. Shukurov, V.A. Kapranov, R. Koshim, A. Masumi. –M.: Soviet Encyclopedia, 1969. –949 pp.*
10. *Honlari P.N. Historical Grammar of the Persian Language. The first edition. - Tehran, 1372. - 279 pp.*
11. *Honlari P.N. Historical Grammar of the Persian Language. Under the editorship of academician Salimi N.Yu. V. 3. - Dushanbe, 2017. - 368 pp.*
12. *Hasandust M. Etymological Dictionary of the Persian Language. V. 2. / M. Hasandust. - Tehran, 1384. - 1410 pp.*
13. *Humoyunfarrukh. General Grammar of the Persian Language. Under the editorship of Ruknuddin Humoyunfarrukh. – The third edition. - Tehran, 1364. - 1207 pp.*
14. *Shariat, M. Persian Language Grammar. – Tehran: "Asotir" Publishing-house. The fifth edition, 1371. - 459 pp.*

10 02 22 ЯЗЫКИ НАРОДОВ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ЕВРОПЫ, АЗИИ, АФРИКИ, АБОРИГЕНОВ АМЕРИКИ И АВСТРАЛИИ

10 02 22 LANGUAGES OF FOREIGN COUNTRIES PEOPLES OF EUROPE, ASIA, AFRICA, NATIVES OF AMERICA AND AUSTRALIA

УДК 80
ББК 81.2-3

МАҚОМИ КАЛИМАҲОИ МУРАККАБ ДАР НАЗМИ БЕДИЛ

Олимҷонов Мӯсо Обидович*, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

РОЛЬ СЛОЖНЫХ СЛОВ В ПОЭЗИИ МИРЗО БЕДИЛЯ

Олимджонов Мусо Обидович*, доцент кафедры таджикского языка ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

THE ROLE OF COMPOUND WORDS IN BEDIL`S POETRY

Olimjonov Muso Obidovich, *Associate Professor of the department of Tajik language under SEI "Khujand State University named after academician B. Gafurov" (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *Olimi73@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *Бедил, ихтироъкор, калимасозӣ, калимаи мураккаб, калимаи мураккаби дуҷузъа, калимаи мураккаби бисёрҷузъа, қолаб*

Нақши калимаҳои мураккаб дар назми Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ, ки аз чеҳраҳои намоёни сабки ҳиндӣ ба шумор меравад, таҳлил шудааст. Бо зикри маводи тазкираҳо собит гардидааст, ки забони назми Мирзо Бедил аз замони зиндагӣ то ба имрӯз мавриди назари аҳли таҳқиқ қарор гирифта, аксар ӯро шоири ихтироъкор ном бурдаанд. Муҳаққиқ калимаҳои мураккаби назми Бедилро, ки миқдори онҳоро беш аз 8000 таъйин намудааст, ба ду даста ҷудо менамояд: 1) калимаҳои мураккаби дуҷузъа; 2) калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа. Дар назми шоир калимаҳои дуҷузъа нисбат ба бисёрҷузъа бештар дучор шуда, дар асоси қолабҳои гуногуни вожасоз ташаккул ёфтаанд. Калимаҳои мураккаби бисёрҷузъаи Бедил: 1) таркиби морфемавии ягона надоранд: а) бархе аз се ҷузъ (морфема); б) бархе аз чаҳор ҷузъ ва аз он зиёд ташаккул ёфтаанд; 2) тарзи ташаккули онҳо гуногун аст: а) асоси калимасози гурӯҳе ибора ва б) асоси вожасози гурӯҳи дигари онҳо ҷумла аст. Хулоса шудааст, ки Бедил дар ашъори худ тамоми имконият ва иқтидори забони тоҷикиро дар вожасозӣ ба кор гирифта, боиси зуҳури садҳо унсурҳои лугавии нав гардидааст.

Ключевые слова: *новаторство Мирзо Бедиля, модель словообразования, сложные слова, сложные двухкомпонентные слова, сложные многокомпонентные слова*

Анализируется роль сложных слов в поэзии величайшего представителя индийского стиля Мирзо Абдулкодира Бедиля. Подчеркивается, что язык поэзии Мирзо Бедиля со времени его жизни и до сегодняшнего дня неоднократно становился объектом изучения и все исследователи единодушно называют его новатором. Сложные слова, входящие в состав поэзии Бедиля, по подсчетам, включают более 8 000 единиц, они разделены на две группы: 1)сложные двухкомпонентные слова; 2) сложные многокомпонентные слова. В поэтическом наследии Бедиля преобладают двухкомпонентные сложные слова. Сложные многокомпонентные слова обладают в творчестве поэта следующими особенностями: 1) не имеют единого морфемного состава: а)некоторые слова состоят из трех

компонентов (морфем); б)некоторые слова имеют четыре и более компонентов; 2) образованы разными способами: а) основой образования некоторых сложных многокомпонентных слов являются словосочетания; б) основу сложных многокомпонентных слов составляют предложения. Делается вывод, что Бедиль, используя обширный словообразовательный потенциал и возможности таджикского языка, создал сотни новых лексических элементов.

Key-words: *Mirzo Bedil`s innovation, word-building model, compound words, component two-componental words, compound multi-componental words*

The article presents an anlysis of compound words in the poetry of Iranina style representative Mirzo Abdulkodir Bedil. It is underscored that the language of Mirzo Bedil`s poetry miltiple times became an object of studies since his lifetime and up to nowadays and all the researchers call him unanimously as an innovator. Compound words occurrred in the stock of Bedil`s poetry include, according to calculations, over 8000 units divided into two groups: 1) compound two-componental words; 2) compound multicomponental words. Two componental compound words prevail in Bedil`s poetical legacy. Compound multicomponental words possess the following peculiarties in the poet`s creation: 1) they do not have a unified morphemic composition: a) some words consist of three components (morphemes); b) some words have four or more components; 2) they are formed in different modes: a) a stem of formation of some compound multicomponental words is a word-combination; b) a stem of compound multicomponental words is a sentence. The conclusion is made that using the abounding word-building potential and potentialities of the Tajik language Bedil created hundreds of new lexical elements.

Бедил аз суханварону суханофарони баргузидаи тоҷик аст, ки бо навгӯиву навпардозии худ аз қарни XVII то ба имрӯз аҳли завқро дар ҳайрат гузоштааст. Рӯзгору осори ин «шоири бузурги пурбаракати дарозумр» [1, с.59] аз замони зиндагӣ то кунун диққати аҳли сухан ва, бахусус, тазкиранигорону муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда меояд. Ин аст, ки аллакай дар як қатор сарчашмаҳои замони Бедил доир ба ашъори ӯ изҳори назар шудааст. Дар ин радиф метавон аз «Сафинат-уш-шуаро»-и Хушгӯ, «Маҷмаъ-ун-нафоис»-и Сироҷиддин Алихони Орзу, «Миръот-ул-хаёл»-и Шерхони Лудӣ, «Калимот-уш-шуаро»-и Сархуш, «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, «Сарви озод»-и Ғуломалӣ Озоди Балгиромӣ, «Хизонаи Омира»-и Озод, «Нолаи андалеб»-и Андалеб, «Наштари ишқ»-и Ҳусайнқулихони Азимободӣ ва даҳҳо маъхази дигар ёд кард, ки дар сафҳаҳои худ аз Бедил бо эҳтирому эътиқод ёд кардаанд.

Аз зикри маводи ин сарчашмаҳо худдорӣ намуда, диққати аҳли завқро ба як нукта ҷалб кардан мехоҳем, ки, махсусан, вақти мутолиаи таълифоти онҳо диққати моро ҳам сахт ба худ машғул дошт. Дар аксар нигоштаҳо Бедил аз шоирони ихтироъкор муаррифӣ шудааст. Чунончи, Сироҷиддин Алихони Орзу дар «Маҷмаъ-ун-нафоис» менависад: «Ва чун аз роҳи қудрат тасарруфоти намоён дар форсӣ намуда…» [ниг.: 12, с.103]. Дар заминаи афкори Волаи Доғистонӣ Бедил «… таркибҳои аҷиб дар забони форсӣ ихтироъ намуда»аст [ниг.: 12, с.108]. Ба таъбири Ғуломалӣ Озоди Балгиромӣ «Мирзо маъниофарини беназир аст, аммо иборат ба таври худ дорад ва ба таври ҷумҳур низ фаровон ҷавҳари сухан дар риштаи нутқ кашид» [ниг.: 12, с.110]. Пасон муаллиф боз мушаххастар менависад: «Мирзо дар забони форсӣ чизҳои ғариб ихтироъ намуда, ки аҳли муҳовара қабул надоранд» [ниг.: 12, с.113].

Хушгӯ дар китоби «Сафинат-уш-шуаро» эҳтирому эътиқоди худро ба Бедил, ба таъбири Халилуллоҳи Халилӣ, «сахт шевову муфассал» иброз менамояд:

Бибояд шустан лаб аз мушку гулоб,
То бигӯем номи он қудсиҷаноб

ва Абулмаониро «қиблаи лафзу каъбаи маънӣ, кадхудои сухан ва худованди сухандонӣ» [ниг.: 12, с.124] медонад. Ҳамин ишораҳои тазкиранигорону муосирони Бедил аст, ки дар таҳқиқоти муосирон низ бо ибораҳое, аз қабили *шоири пуркор, ихтироъкор* ва ғ. дучор меоем. Аз ҷумла, устод Айнӣ дар чанд маврид аз Бедил бо эҳтиром ёд намуда, ӯро ҷое «суханвари донишгустар» [ниг.: 1, с.57], ҷое дигар «Бедили ихтироъкор» [ниг.: 1, с.87] ва ҷое «сухансанҷи мутафаннин» [ниг.: 1, с.104] мехонад.

Доир ба рӯзгору осори Бедил ва вижагиҳои сабки ҳиндӣ дар суханшиносии тоҷик корҳои зиёди хайру мондагор рӯи кор омадаанд. Ба назар чунин мерасад, ки ин асарҳоро ба ду даста ҷудо намудан мумкин аст:

1. Таҳқиқоте, ки бевосита ба омӯзиши ҷараёни рӯзгор ва осори Бедил ихтисос доранд. Ба ин даста метавон асарҳои Айнӣ, Бертелс, Э.Раҳмон, А.Мирзоев, Ю.Салимов, С.Амирқулов, Б.Раҳимӣ, Ш.Кадканӣ, Х.Халилӣ, Н.Ҳодӣ, А.Насриддин, Н.Содиқова, Б.Ҳамдам, Н.Нуров (Нурзод) ва дигаронро ворид намуд;
2. Пажӯҳишҳое, ки дар онҳо вижагиҳои сабки ҳиндӣ ва ё намояндагони ин сабк баррасӣ шуда, ба забону услуб ва баёни Бедил низ ишораҳо рафтааст. Аз ин даста метавон нигоштаҳои Ш.Нуъмонӣ, С.Шамисо, А.Г.Маонӣ, А.Мирзоев, В.А.Капранов, Н.И.Пригарина ва дигаронро ёд кард.

Пажӯҳишгароне, ки ба шарҳу тафсири назми Бедил даст задаанд, қоил бар онанд, ки «ба ғайр аз навовариҳои маънавӣ дар шеъри Бедил навоварӣ ва тозагӯиҳои зоҳирӣ низ дар калима ва иборасозӣ хеле зиёд мушоҳида мешавад» [6, с.16].

Сайри афкори олимони ватаниву хориҷӣ бори дигар собит менамояд, ки забону баёни шуарои сабки ҳиндӣ ва, махсусан, Бедил душворфаҳм буда, як омили ин душворӣ корбурди фаровони вожаҳои мураккаб ба шумор меояд. Дар заминаи вожаҳои мураккабе, ки аз ҳашт ҷилди “Осор”-и тоҷикистонии Бедил гирд овардему миқдори онҳо беш аз 8000-ро ташкил мекунад, калимаҳои мураккаби шоирро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1.Калимаҳои мураккаби дуҷузъа;

2.Калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа.

Вожасозӣ аз сарчашмаҳои асосии ғановати ҳар як забон ба шумор меравад, ки тавассути он сарвати забон дар заминаи вожаҳои мавҷуда афзуда, ба дороиҳои мавҷуда дороии нав зам мекунад. Калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ (форсӣ) мавриди омӯзиши муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷӣ қарор ёфта, пажӯҳишҳо то ҳанӯз дар ин маврид идома доранд. Алоқамандони соҳа метавонанд, ки доир ба андешаву орои аҳли таҳқиқ аз адабиёти зиёди илмӣ, ки дар ин замина ба миён омадаанд, ошноии ҳарчи бештар пайдо намоянд. Дар миёни ин пажӯҳишҳо асари муҳаққиқи гурҷӣ Т.А.Чавчавадзе [ниг.: 14] имтиёз дорад. Пажӯҳишгар дар вақти таснифи вожаҳои мураккаби забони форсӣ таълимоти муҳаққиқони Ҳинди бостонро ба асос гирифт, ки, аз рӯи таълимоти ӯ, ҳиндуҳо таснифи калимаҳои мураккабро тибқи принсипи маъноӣ гузаронидаанд. Дар ин низоми тасниф имкониятҳои баҳамоии ду асос ба таври мувофиқ инъикос ёфтааст ва, муҳимтар аз ҳама, ин тасниф хусусияти универсалӣ дошта, метавонад дар забонҳои гуногуни оилаи ҳиндуаврупоӣ татбиқ гардад [ниг.: 14, с.69, 73-74]. Аз ин хотир, ба пиндори мо, дастабандӣ ва таҳқиқи вожаҳои мураккаби назми Мирзо Бедил аз рӯйи ин таснифот ба мақсад мувофиқ аст.

Дар мавриди калимаҳои мураккаби бисёрҷузъа бояд зикр шавад, ки вожасозии забони тоҷикӣ таърихи зиёд дошта, аз давраҳои қадиму миёна то ба имрӯз дар инкишофу ғановати

таркиби луғавии забон аз сарчашмаҳои асосӣ ба шумор омада, давра ба давра густариш ёфтааст [ниг.: 8, с.66-77; 4, с.203-230; 10, с.60].

Дар давраи нави инкишофи забони адабии тоҷикӣ, оғоз аз зимомдории Сомониён ва минбаъд вожасозӣ тавассути осори аҳли қалам рушд карда, ҳама имконияти забон истифода шуда, таркиби луғавии забон беш аз пеш ба дороиҳои худ сарвати нав зам намуд. Омӯзиши осори аҳли сухан, бахусус, назму насри оламшумули ниёгон, собит месозад, ки забони тоҷикӣ дар вожасозӣ имконият ва захираи фаровон дошта, ҳама он имконот то ба имрӯз на фақат ба кор гирифта нашудааанд, балки аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Агар ба таъбири Бедил бигӯем, «ҳамарост бехабарию бас, чи шуури халқу чи ҳуши мо».

Дар рушду нумӯ ва инкишофи забони адабӣ саҳму нақши ҳар соҳибсухан махсус буда, дар ин росто Бедил бо табъи салим хидмати мондагореро ба анҷом расонидааст. Чун сухан аз забону тарзи баёни Мирзо Бедил ба миён меояд, аҳли таҳқиқ бо як овоз қоил бар онанд, ки «сабки Бедил дар шеър душвор аст. Истиораҳо ва сохтори ҷумлаҳо печида аст ва ғолибан ба лиҳози маънӣ мубҳам, агарчи забон ба худии худ сода аст…» [2, с.89]. Муҳаққиқ Б.Раҳимӣ, чунонки болотар иброз гардид, яке аз омилҳои душвор будани шеъри Бедилро баста ба ибтикороту тасарруфоти шоир дар забон донистааст [ниг.: 11, с.347-363]. Ш.Кадканӣ низ дар ин бовар буд, ки «яке аз хусусиёти шеъри Бедил, ки забони ӯро бештар мубҳаму печида сохта, навъи таркибот ва бофтаҳои хосе аст» [5, с.20]. Мурод аз «таркибот ва бофтаҳои хос», ки Кадканӣ таъкид мекунад, истифода ва корбурду ихтирои вожаҳои бисёрҷузъаест, ки ба таъбири Б.Раҳимӣ, Бедил зиёдии истеъмоли ин гурӯҳи калимаҳоро ба ҳадде расонидааст, ки онҳо ба яке аз вижагиҳои услубии осори Абулмаонӣ табдил ёфтаанд [ниг.: 11, с.354]. Ин гуфтаҳои муҳаққиқро абёти мазкури Бедил низ тасдиқ менамоянд:

Ба ҳар ҷо ҳадисаш баҳори дил аст,
Хиромӣ нафас ***бӯйигулмаҳмил*** *аст*. [ҷ.3, 786]

***

Зи минқори булбул дар ин гулситон,
Навоест ***доманбароташфишон***. [ҷ.3, 671] ва ғ.

Дар сурате ки истифодаи вожаҳои бисёрҷузъа ба яке аз вижагиҳои услубии ашъори Бедил табдил ёфтааст, омӯхтану баррасӣ намудани ин паҳлуи осори шоир аз вазифаҳои аввалиндараҷаи аҳли таҳқиқ ва, махсусан, забоншиносон маҳсуб меёбад.

Абёти шоҳид аз Бедил нишон медиҳанд, ки: 1) таркиби морфемавии калимаҳои мураккаби бисёрҷузъаи Абулмаонӣ ягона нест: а) бархе аз се ҷузъ (морфема), чун *бӯйигулмаҳмил*; б) бархе аз чаҳор ҷузъ ва аз он зиёд, чун *доманбароташфишон* ташаккул ёфтаанд; 2) тарзи ташаккули онҳо гуногун аст: а) асоси калимасози гурӯҳе ибора ва б) асоси вожасози гурӯҳи дигари онҳо ҷумла аст.

Ба пиндори мо, ду омили экстралингвистӣ барои ихтироъкориҳои Бедил дар забон мусоидат намудааанд, ки дар мақолаи ин ҷониб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [ниг.: 7, с.26-37].

Ҳарчанд доир ба вожасозӣ, бахусус, дар забони тоҷикӣ таҳқиқоти фаровоне ба анҷом расида бошад ҳам, лекин «калимасозии таърихӣ дар забоншиносии эронӣ кам таҳқиқ шудааст» [9, с.68]. Аз дигар тараф, ба эътирофи муҳаққиқи рус Е.А.Василевская, калимаҳои мураккаб якбора ба вуҷуд намеоянд [ниг.: 3, с.82] ва ҳалли муаммои ташаккули калимаҳои мураккаб (дар асоси ибора ташаккул ёфтаанд ва ё аз рӯи қолабҳои пурвусъати наҳвӣ) танҳо дар заминаи омӯзиши таърихии калимасозӣ ба даст хоҳад омад [3, с.77].

Ҳамин тариқ, омӯзиши вижагиҳои калимасозии ашъори Абулмаонӣ, ки, ба эътирофи Ҳасан Ҳусайнӣ, «забонаш забони такмилёфтаи сабки ҳиндӣ аст» [13, с.9], дар таҳқиқи вожасозии таъриҳӣ аҳамияти калон дорад. Омӯзиш имконият медиҳад, ки аз қолабҳои ташаккул ва базаи калимасозии забони адабиёти классикӣ огаҳии бештар пайдо намоем, зеро имкониятҳои забони тоҷикӣ дар ташаккули калимаҳои мураккаб фаровон буда, бо истифода аз онҳо Мирзо Бедил садҳо унсурҳои луғавии нав созмон додааст.

Пайнавишт:

1. *Айнӣ, С. Мирзо Абдулқодири Бедил. / С.Айнӣ. -Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. -340с.*
2. *Бечка, И. Бедил ва бедилгароён. / И.Бечка. // Кадканӣ, М.Ш. Шоири оинаҳо (баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил). -Теҳрон: Огоҳ, 1379. -С.81-91.*
3. *Василевская, Е.А. Словосложение в русском языке / Е.А. Василевская. - М.: Учпедгиз, 1962. -132 с.*
4. *Ефимов, В.А. Персидский, таджикский, дари. / В.А. Ефимов, В.С. Расторгуева, Е.Н. Шарова // Основы иранского языкознания. Т.3. Новоиранские языки. - М: Наука, 1982. - С.5-231.*
5. *Кадканӣ, М.Ш. Шоири оинаҳо (баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил). / М.Ш.Кадканӣ. -Теҳрон, 1379. -338 с.*
6. *Одина, М. Шарҳи бисту як ғазали Бедил. / М.Одина. -Душанбе, 2007. -160 с.*
7. *Олимҷонов М. Композитҳои сеҷузъа дар ашъори Мирзо Бедил / Суханшиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. -Душанбе, 2019. №2. -С.26-37.*
8. *Пейсиков, Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л.С.Пейсиков. - М.: Изд-во Московского ун-та, 1973. – 198 с.*
9. *Пейсиков, Л.С. Лексикология современного персидского языка / Л.С. Пейсиков. - М.: Изд-во Московского ун-та, 1975. – 203 с.*
10. *Расторгуева, В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева, Е.К. Молчанова // Основы иранского языкознания. Т.2. Среднеиранские языки. -М: Наука, 1981. -С.6-147.*
11. *Раҳимӣ, Б. Ошноӣ бо Бедил (маҷмӯаи мақолаҳо). / Б.Раҳимӣ. -Душанбе: Ирфон, 2009. -568 с.*
12. *Халилӣ, Х. Файзи қудс. / Х.Халилӣ. -Теҳрон: Ал-ҳудо, 1383. -160 с.*
13. *Ҳусайнӣ, Ҳ. Бедил, Сипеҳрӣ ва сабки ҳиндӣ. / Ҳ.Ҳусайнӣ. - Теҳрон: Суруш, 1387. -150 с.*
14. *Чавчавадзе, Т.А. Именное словообразование в новоперсидском языке / Т.А.Чавчавадзе. -Тбилиси: Мецниереба, 1981.- 375 с.*

Reference Literature:

1. *Aini, S. Mirzo Abdulkodiri Bedil. / S. Aini. - Stalinabod: Tajik State Publishing-House, 1954. – 340 pp.*
2. *Bechka, I. Bedil and his Adherents. / I. Bechka. // Kadkani, M.Sh. The Poet of Mirrors (research of Indian Style and Bedil`s Poetry). -Tehran: Source of Inception, 1379. - pp. 81-91.*
3. *Vassilevskaya, E.A. Word Addition in the Russian Language. / E.A. Vassilevskaya. -M.: Educational-Pedagogical Publishing-House, 1962. – 132 pp.*
4. *Yefimov, V.A. Persian, Tajik, Dari. / V.A. Yefimov, V.S. Rastorguyeva, E.N. Sharova // The Fundamentals of Iranian Linguistics. V.3. New Iranian Languages. – M.: Science, 1982. – pp. 5-231.*
5. *Kadkani, M.Sh. The Poet of Mirrors (Research of Indian Style and Bedil`s Poetry). / M.Sh. Kadkani. -Tehran, 1379. – 338 pp.*
6. *Odina, M. Commentaries to twenty one Gazels by Bedil. / M. Odina. - Dushanbe, 2007. – 160 pp.*

7. *Olimjohnov M. Three-Componental Composites in Mirzo Bedil`s Creation. / Linguistics. Scientific Journal. - Dushanbe, 2019. No. 2. – pp. 26 - 37.*
8. *Peysikov, L.S. Essays on Persian Language Word-Building. / L.S.Peysikov. - M.: Moscow University Publishing-House, 1973. – 198 pp.*
9. *Peysikov, L.S. Lexicology of Modern Persian Language. / L.S.Peysikov. - M.: Moscow University Publishing-House, 1975. – 203 pp.*
10. *Rastorguyeva, V.S. Middle Persian Language. / V.S. Rastorguyeva, Ye.K. Molchanova // The Foundations of Iranian Linguistics. V.2. Middle Iranian Languages. – M.: Science, 1981. – pp. 6 - 147.*
11. *Rahimi, B. Familiarization with Bedil (collection of articles) // B.Rahimi. - Dushanbe: Cognition, 2009. – 568 pp.*
12. *Khalili, Kh. Benefit of Saintness / Kh. Khalili. -Tehran: Al-Hudo, 1383. – 160 pp.*
13. *Husayni, H., Bedil, Sipehri and Indian Style. / H.Husayini. - Tehran: Herald, 1387. – 150 pp.*
14. *Chavchavadze, T.A. Nominal Word-Building in the New Persian Language. / T.A. Chavchavadze. - Tbilisi: Metsniyereba, 1981. – 375 pp.*

УДК 81+633.1
ББК 81.2–3 +42.112

НОМВОЖАҲОИ МУШАХХАС (ФАРДӢ)-И ЗИРОАТҲОИ ҒАЛЛАДОНАИ ХӮШАДОР

Ҳакимова Башорат Наимовна, *дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫЕ (ИНДИВИДУАЛЬНЫЕ) НАИМЕНОВАНИЯ ЗЛАКОВ

Хакимова Башорат Наимовна, *доцент кафедры таджикского языка ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

DIFFERENTIAL (INDIVIDUAL) NOMINATIONS OF CEREALS

Hakimova Bashorat Naimovna, *Associate Professor of the department of Tajik language under TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
E-MAIL: *hakimovabashorat@mail.ru*

Вожаҳои калидӣ: *зироатҳои ғаллагии хӯшадор, номвожаҳои мушаххас (фардӣ), гурӯҳҳои вожагониву маъноӣ, давраи ориёии забон, забони форсии қадима, калимаҳои аслии тоҷикӣ*

Номвожаҳои мушаххас (фардӣ)-и зироатҳои ғалладонаи хӯшадор вобаста ба хусусиятҳои луғавию маъноӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Дар такя ба луғатномаҳо даврабандии марҳилаҳои инкишофи луғот ва истилоҳоти зироатҳои ғалладонаи хӯшадор сурат гирифтааст. Таъкид шудааст, ки давраи таҳаввул ва инкишофи вожаву истилоҳоти мансуб ба ғаллакорӣ маҳз ба давраи ориёии таърихи забон рост меояд. Истилоҳоти муосири тоҷикӣ-форсӣ маҳз аз давраи ориёӣ маншаъ гирифтаанд. Маводи луғавӣ аз рӯи мушаххасоти луғавию маъноӣ гурӯҳбандӣ шудааст. Хулоса шудааст, ки аксари мутлақи номвожаҳои ҷомеъ ва фардии зироатҳои ғалладона вожагони аслии забони тоҷикӣ буда, аз шаклҳои мабдаи эронии қадим пайдо шудаанд. Дар байни соири маводи мансуб ба номвожаҳои мушаххас (фардӣ)-и зироатҳои ғалладонаи хӯшадор низ вожагони аслии тоҷикӣ аксариятро ташкил медиҳанд. Қайд шудааст, ки таҳлили гурӯҳҳои луғавию маъноии ин бахши таркиби луғавии забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки манзараи куллии муносибатҳои системавии байни воҳидҳои забон то ҳадде равшан гардад ва равандҳои инкишофи низоми луғавии забон ба таври мушаххас нишон дода шавад.

Ключевые слова: *терминология зерновых культур, конкретные названия злаков, лексико-смысловые группы, арийский период языка, древнеиранский язык, исконно таджикские слова*

Исследованы наименования зерновых культур в плане их лексических и семантических особенностей. На основе толковых словарей осуществлена периодизация становления лексики и терминологии зерновых культур. Подчеркивается, что период эволюции и сложения понятий и терминов, связанных с зерноводством, совпадает с арийским периодом истории языка. Современная таджикско-персидская терминология восходит корнями к арийскому периоду. Классификация лексического материала осуществлена по лексико-семантическим признакам. Делается вывод, что подавляющее большинство общих и индивидуальных названий злаков является исконными таджикскими словами, происходящими из словесных форм древнеиранского языка. Среди других лексических единиц, относящихся к названиям злаковых культур, исконно таджикские слова составляют их большинство. Анализ лексико-семантических групп данной части

лексического состава таджикского языка позволяет пролить свет на общую системную взаимосвязь между языковыми единицами и показать процесс его развития.

Key-words: *grain crops terminology, concrete names of cereals, lexico-semantic groups, Aryan period of language, ancient Iranian language, primordial Tajik words*

The article dwells on nominations of cereals in plane of their lexical and semantic peculiarities. Designing on the premise of explanatory dictionaries, the author carried out periodization of lexicon development and grain crops terminology. It is underscored that the period of evolution of vocabulary, formation of notions and terms related to grain growing coincides with the Aryan one of language history. Modern Tajik-Persian terminology is traced back by its roots just to the Aryan period. Classification of lexical material is done according to lexico-semantic signs. The conclusion is made that the overwhelming majority of common and individual nominations of cereals pertains to primordial Tajik words originating from the word form of the ancient Iranian language. Among other lexical units pertaining to nominations of cereals primordial Tajik words compose the main part. The analysis of lexico-semantic groups of this part included into the basic stock of words of the Tajik language enables to shed light on the general systemic interconnection between language units and to show the processes of its development.

Луғот ва истилоҳоти мансуб ба ғаллакорӣ вобаста ба хусусиятҳои луғавию маъноии худ гурӯҳҳои махсусеро ташкил медиҳанд, ки вобаста ба ин истилоҳоти зироатҳои ғаллагии хӯшадор, зироатҳои ғаллагии ғилофакдор, истилоҳоти марбут ба парвариш ва обёрии зироатҳои ғалладона, истилоҳоти марбут ба ғизодиҳӣ ва муолиҷаи рустаниҳои ғалладона ҷудо карда мешаванд.

Истилоҳоти марбут ба ин ё он гурӯҳи мустақил низ вобаста ба хусусиятҳои луғавию маъноии худ метавонанд ба зергурӯҳҳои номвожаҳои ҷомеъ ва номвожаҳои мушаххас (фардӣ) тақсим шаванд. Номвожаҳои ҷомеъ аксаран аз рӯи хусусиятҳои луғавию маъноии худ ба ҳамдигар шабоҳат доранд, аз ин ҷиҳат ба тақсими онҳо ба микрогурӯҳҳо эҳтиёҷе нест, аммо намвожаҳои мушаххас (фардӣ) аз рӯи мушаххасоти луғавӣ-маъноии худ ҳамгун набуда, вобаста ба ин ё он тобиши маъноии худ метавонанд зергурӯҳҳои дигарро ташкил кунанд.

Яке аз зироатҳои ғалладонаи хӯшадор **ҷав** буда, аз қадимтарин рустании дастпарварди мардуми эронинажод мебошад ва ҳанӯз аз давраи умумиҳиндуаврупоӣ мерос мондааст. Дар қадимтарин намунаҳои осори хаттӣ, аз ҷумла «Авесто» ин рустанӣ бо вожаи **yava** ифода гардидааст. Дар забони эронии қадим **yava** чун номи умумии зироатҳои ғалладона корбаст шудааст. Ба ақидаи И.М.Стеблин-Каменский, вожаи авестоии **yava** ба калимаи умумиҳиндуаврупоие, ки барои ифодаи анвои мухталифи ғалладона ба кор мерафт, қаробат дорад [10, 23]. Калимаи ҳиндии қадими **yava**, ки ҳамреша бо шакли авестоист, низ ба маънии «ҷав» ба кор рафтааст.

Дар аксари забонҳои эронӣ вожагоне, ки аз решаи умумиэронии **yava** маншаъ гирифтаанд, низ ба маънии мазкур ба кор мераванд [17, 26], ки забонҳои гурӯҳи форсӣ низ дар радифи онҳо қарор дорад.

Дар осори зардуштии паҳлавӣ шаклҳои **jaw** ва **yaw** (ки шакли қадимтарини ин вожа аст) ба назар мерасанд [8, 98]. Талаффузи форсии ин калима **j̇ou** ва тоҷикии **jav/jaw** буда, дар осори забони форсии классикӣ ба шакли جو сабт шудааст.

Тафсири вожаи **ҷав** (جو) дар фарҳангҳои тафсирӣ аз ҳам тафовути ҷиддӣ надоранд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин калима ҳамчун «ғаллае, ки бештар ба чорпоён медиҳанд ва аз он нон ҳам мепазанд» маънидод шудааст [12, 763]. Дар «Фарҳанги форсӣ» вожаи мазкурро ба таври зайл шарҳ додаанд: «гиёҳе аз хонаводаи гандумгиёҳ, ҷузви дастаи

ғаллот, ки дорои сунбулаи содаест, ки аз ҳар банди он се сунбулаи бедум дар ду радиф қарор гирифта ва ҳар сунбула дорои як гул аст» [19, ҷ.1, 1248].

Дар «Луғатномаи»-и Деҳҳудо шарҳи зерини ин вожа омадааст: «ғаллаест аз хонаводаи гандумиён, ... ки аз ҳар банди он се сунбулаи бедуми дар ду радиф қароргирифта ва ҳар сунбула дорои як гул аст. Ин маҳсул барои масрафи чаҳорпоён ба кор меравад ва дар бархе нуқот мардум низ онро масраф менамоянд [14, с 894].

Номҳо ва истилоҳоти марбут ба ҷав ба гурӯҳҳои вожагониву маъной тақсим мешаванд.

Ҳар як дони гандум ё ҷави дар даруни пӯст буда, як нӯги найзамонанд дорад, ки онро дар забони адабӣ «сӯк» меноманд» [13, с.287].; «сиҳҳои нозуки гандуму ҷав, хасҳои сари хӯшаи гандуму ҷав», ки калимаи аслии тоҷикӣ буда, аз шакли эронии қадим sūka, (ҳинд.қадим śūka, авестой sūkā) сарчашма мегирад [18, с.167].

Инчунин дар бархе аз шеваҳои шимолӣ калимаи «арпа» ба маънии «ҷав» низ истифода мешавад, ки шакли сохта аз он «арпапоя» ба маънии «замине, ки ҷави он даравида шудааст» низ мустаъмал аст. Ин ду калима дар фарҳангҳои ӯзбекӣ ҳамчун калимаи аслии он забон тавзеҳ шудааст [11, с.54-55]. Ин калима ҳамчунин дар забонҳои қирғизӣ (arpa), тувагӣ-муғулӣ (arbay) ва дигар забонҳои туркӣ-муғулӣ (arbay) ба назар мерасад [9, 176-177]. Ба ақидаи И.М.Стеблин-Каменский, вожагони ишкошимии **úrvbs**, сангличии **vərvəš** «ҷав» ба вожагони йидғоии **yaršio** ва афғонии **orbəši**, **urbəši** «ҷав» қаробат дорад, ки ба назари Г.Моргенстиерне, шояд аз решаи *arpasyā маншаъ гирифта бошанд. Шаклҳои ба онҳо наздик ва бо маъниҳои шабеҳи онҳо дар забони юнонӣ низ вуҷуд дорад [10, с.23]. Ба ҳамин тариқ, сарчашмаи аслии пайдоиши вожаи *arpa* номаълум аст, лекин дар забонҳои эронӣ собиқаи қадимӣ доштани он шубҳаеро ба миён намеорад.

Ҷавдор, ҷавдар, ҷави сиёҳ низ ба оилаи хӯшадорҳо мансуб буда, мутахассисони соҳаи рустанипаварӣ бар ин ақидаанд, ки ҷавдор аввал ҳамчун алафи бегона бо ҷаву гандум якҷоя сабзида, баъдан тадричан ба рустании дастпарвард табдил меёбад [1, с.41] ва пайдоиши ҷавдори дастпарвард «ба таърихи пайдоиши гандум, ки ҷавдорро ба доираи зироат даровард, сахт марбут аст» [2, с.61]. Н.И.Вавилов дар таҳқиқоти худ доир ба пайдоиши ҷавдор ба ҷанбаи филологии номи ин зироат диққати хосса додаст. Ӯ зикр мекунад, ки номҳои форсии он «гандумдор», «ҷавдор» (gandum-dār, jav-dār) маънии «дорандаи гандум» ё «мавҷуд дар гандум» ва ё «мавҷуд дар ҷав»-ро доранд [2, с.454]. Сарфи назар аз заъфи маънигузорӣ ва решашиносии калима, ба сифати яке аз нишондиҳандаи муҳим барои муайян намудани таърихи ин ё он зироат истифода шудани иттилооти забоншиносӣ шоҳиди дорои аҳамияти бузург будани таҳқиқи лингвистии номҳои зироат мебошад.

Сохти морфологии калимаи «ҷавдор» гувоҳӣ медиҳад, ки он аз решаи «ҷав» сохта шудааст ва аз ин рӯ наметавон онро дар қатори гандуму ҷав ҳамчун вожаи қадимии эронӣ шумурда, решаи таърихии онро аз забонҳои эронии бостон ҷустуҷӯ кард. Худи ҳамин далели забоншиносӣ шаҳодат медиҳад, ки дар таърихи фарҳанги кишоварзии мардуми эронинажод ин зироат қимате надошта, дар давраҳои баъдии кишоварзии эронӣ пайдо шудааст.

И.М.Стеблин-Каменский зикр менамояд, ки вожаи форсии javdār(a) аз шакли эронии қадим *tara* (яъне yava-tara) пайдо шуда, маъноияш «шабеҳи ҷав, аммо мутафовит аз он» мебошад. Ӯ афзудааст, ки пасванди tara дар забонҳои гуногуни ҳиндуаврупой ва аз ҷумла забонҳои эронӣ ба сифати пасванди нисбат ба кор меравад [10, с.30]. Ӯ ҳамчунин таъкид мекунад, ки номи ҷавдор нуктаи Н.И.Вавиловро дар ин хусус, ки «дар гузашта кишоварзии Шарқ ҷавдорро ҳамчун алафи бегонае дар гандуму ҷав мешинохт, на ҳамчун рустании дастпарвард» таъйид мекунад [10, с.30]. Далели дигаре, ки роиҷ набудани ҷавдорро ҳамчун рустании дастпарвард дар кишоварзии эронии қадим тасдиқ мекунад, вуҷуд

надоштани решаи ягонаи мабдаъ барои номи ин зироат дар забонҳои эронӣ мебошад. Чунончи И.М.Стеблин-Каменский зикр кардааст, дар баъзе забонҳои помирӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ ин ном бо вожагоне ифода гардидааст, ки аз решаи эронии қадими dāsya, dāsa - «сӯк» пайдо шудааст. Дар баъзе забонҳои помирӣ ва шеваҳои ҷануби шарқии тоҷикӣ вожагони баргирифта аз решаи тоҷикии kal барои ифодаи номи ин рустанӣ ба кор меравад [10, 31-32].

Сарфи назар аз ин, ки вожаи «ҷавдор» дар забони тоҷикӣ маълум аст, он дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» сабт нагардидааст. Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» ҷавдор ҳамчун «1.сорно-полевая рожь; 2.рожь» [15, с.741] ва дар «Луғати русӣ-тоҷикӣ» калимаи рожь мутобиқан «ҷавдор» тарҷума шудааст [6, 974].

Калимаи мазкур дар осори адабии тоҷикӣ аз вожагони роиҷи забон маҳсуб мешавад: «*Ҷаву ҷавдор* ҳам шикамашонро нимсер карду тамом шуд» [23,с.159].

Таҳиягарони «Фарҳанги русӣ ба форсӣ» низ калимаи «ҷавдор»-ро ҳамчун муодили калимаи русии «рожь» зикр кардаанд [7, с.802]. Аз байни фарҳангҳои классикии форсӣ иттилои «Бурҳони қотеъ» ба назар ҷолиб менамояд, ки фарзияи И.М.Стеблин-Каменскийро дар бораи решашиносии вожаи «ҷавдор» таъкид мекунад. Дар ин фарҳанг ду шакли қадимтарини ин вожа «ҷавдар» ва «ҷадара» зикр шудааст: «Ҷавдар – дар вазни кавсар, гиёҳи худрӯ, ки бештар дар миёни зироати гандуму ҷав меруяд ва донаи он кӯчаку борик мебошад ва онро ба арабӣ طمع мегӯянд.11111111111111111111111111111111111111111111бӣ

«Ҷавдара – бар вазни ҳавсала, ба маънои ҷавдар аст, ки ғаллаи худрӯй миёни зироат бошад»» [3, ҷ. 1, 328]. Дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин шаклҳои جودر (jawdar), جوبر (jawδar), گودرgawdar, چودره (čawdara) ва چودر (čawdār) аз ин вожа зикр шуда, ба вожаи čawdar چودر чунин тавзеҳ ёфтааст: «гиёҳе аз тираи гандумиён бо иртифои як то ду метр ва дорои баргҳои паҳни хашину сунбулае дароз ва мураккаб аз сунбулаҳост» [19, ҷ.1, 1270].

Ҷуворӣ дар фарҳангҳо ҳамчун калимаи аслии тоҷикӣ номбар шуда, ба маънои «як навъ аз ғалла, ки донаҳояш сафед буда, дар саракҳо ҷойгир аст ва ноне, ки аз орди он мепазанд, бадҳазм аст» [11, 792]; “зуррат, балол” [19, ҷ 1, с.1349] зикр гардидааст.

Дар забони адабии тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ juvārī/jugāri аз калимаҳои фаъоли таркиби луғавии забон маҳсуб мешавад ва классикони мо низ дар осори худ истифода кардаанд:

Дорам даруни хонаам з-анвои хӯрданӣ,
Аз арзану *ҷувориву* мошу биринҷу нон [22, с.221].

«Кишт бисёр холибех сабзид ва дар ҳар як қадам як дона *ҷуворӣ* менамуд» [20, 74]; «Кӯкбош (сарҳои нимрасе ва тамом сардшудаи *ҷуворӣ*)-ро бебаркаш ба хона бурдам».[20, 158]. Дар осори классикон калимаҳои мураккаб аз ин реша низ сохта шудааст, ки чун луғат ё истилоҳ дар забон роиҷ мебошанд.

Бо *ҷуворикор* шӯхе гуфтамаш ҳарфе бадард,
Сар ба пеш афканду аз шармандагӣ боло накард [22, с.210].

«Дар *ҷуворипояи* худаш мех карда будааст, хок мулоим, гов мехро кандааст». [21, с.75]; «Аммо ман натавонистам, ки модарамро ба он ҳол гузошта барои «ҷувориҳойгӯй» ба ёбон равам (дар он вақт одатан паррандагонро аз *кишти ҷуворӣ* «ҳой-ҳой, гала-гала ҳой» гӯён мегардонданд» [20, 51]; «*Сарҳои ҷуворӣ* сафед шуда пухта омада истода буданд» [20, с.153]; «Бинобар ин ман ба осонӣ аз чӯи калон об кушода оварда, *замини ҷувориро* об додам ва зуд ба пеши беморон баргаштам» [20, с. 148] .

Қобили зикр аст, ки ин калима дар форсии муосири Эрон роиҷ нест ва худи рустаниро «зуррат» ва “сӯта” ё дони онро «балол» меноманд. Аз ин ҷиҳат «ҷуворӣ» калимаи хоси мовароуннаҳрӣ буда, дар лаҳҷаҳои Хуросони бузург (Хуросони Эрон ва Афғонистон) низ ба шакли جوار jawār ва جوری jawāri мустаъмал аст ва аз он калимаҳои جورپایه jawārpāya

«замине, ки дар он зуррат кошта шуда бошад», جواری بریان (jawāri-beryān) «зуррате, ки рӯйи оташи нарм биришта мекунанд» сохта шудааст [19,ч.3, с.109].

Калимаи “шолӣ” дар забони тоҷикӣ маънои «биринҷи нокӯфта, биринҷе, ки пӯсташ тоза карда нашудааст» [13, с.596] маънӣ шудааст, ки ин тавзеҳ саҳеҳ нест, зеро дар забони адабии муосири тоҷикӣ «шолӣ» ғайр аз маънои номбурда, ҳамчунин мафҳуми «рустанӣ ва ниҳоли биринҷ»-ро низ ифода мекунад:

«Заминҳои ин деҳа ҳосилхез буда, дар онҳо киштҳои гуногун мерасиданд ва аз *шолӣ* гирифта то сабзавот, ки киштҳои серобитахаб мебошанд, дар ин деҳа кишта мешуданд» (20, 8).

Ҳамчунин истеъмоли калимаҳои сохта ё мураккаби *шолизор, шолипоя, шоликор, шоликорӣ, шолидаравӣ* ва монанди инҳо низ ишора ба маънои рустанӣ ё навъи зироат доштани калимаи мазкурро доранд. Дар фарҳанги М. Муин, ки пас аз калимаи šālī شالی вожаи شالی پایه šālī-pāya (шолизор)-ро низ овардааст, ҳамин заъф ба назар мерасад: «биринҷу ғилофи мушобеҳи он; биринҷе, ки пӯст барнаёмада бошад; биринҷе, ки ҳанӯз пӯсташро наканда бошанд; шалтук» [19, ҷ.3, с.200]. Қобили қайд аст, ки М.Муин дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ вуҷуд доштани муродифҳои шолиро таъкид мекунад: شالتوک(šāltuk),چال توک (čāltuk) [19,ч.3, ҷ.3, с. 305].

Калимаи «биринҷ» дар забони тоҷикӣ ҳам рустанӣ ва ҳам донаи кӯфта покшудаи онро ифода менамояд: «навъе аз ғалла, ки дар кишварҳои гарми рутубатнок кошта мешавад; дони холиси шолӣ, ки баъд аз пӯст тоза кардан ҳосил мешавад» [12, 186]. Дар «Фарҳанги форсӣ» калимаи мазкур ба сурати зайл шарҳ дода шудааст: «гиёҳе аз тираи гандумиён, ҷузви дастаи ғаллот, ки дар заминҳои ботлоқӣ кишт мешавад ва ғизои аслии ниме аз мардумро ташкил медиҳад. Асли ин гиёҳ аз Чину Жопуну Хиндустон аст ва дар нуқоти Эрон…низ кошта мешавад» [19, ҷ.3, с.305].

Дар мавриди муайян намудани собиқаи таърихии парвариши ин зироат дар байни мардумони эрониасл далелҳои вожашиносӣ низ кумак карда метавонанд. Азбаски вожаи мазкур дар забони тоҷикӣ таърихи тӯлонӣ дорад ва шакли қадимтар ва аслии он gurunj/guranj ва kurunj/kurunj аст [12, с.296] будааст. Ин шакл дар баъзе аз шеваҳои шимоли тоҷикӣ ҳанӯз ба сурати қадимии худ gurunj истеъмол мегардад. Мафҳуми биринҷ барои мардуми эронӣ ҳанӯз дар ҳазорсолаи аввали пеш аз мелод маъмул будааст. И.Гершевич зикр кардааст, ки ин калима аз шакли эронии қадима vrīj-na ибтидо гирифта, шаклҳои модии vrīnja, форсии қадим *vrījna, vrĭnja-> *форсии birinj аз он пайдо шудааст [16, с.149].

Н.И.Вавилов зикр кардааст, ки парвариши арзан ба хоҷагидории бодиянишинӣ иртибот дорад ва густариши он ба ҳаракати қавмҳо аз Осиёи Марказӣ ба ғарб вобаста мебошад. Навъҳои саҳроии арзан дар Муғулистон низ ёфт шудааст [2, 248-249]. Дар байни қавмҳои эронинажоди Осиёи Марказӣ ва Қафқоз дар шумори зироатҳои муҳимме қарор дошт, ки барои пухтани нон истифода мешуданд [8, с.33].

Дар як қатор забонҳои гурӯҳи форсӣ arzan аз шакли эронии қадим *árźana//harźana, форсии қадим h(a)rana, форсии миёна arzan, баробарниҳоди он gawars маншаъ гирифтааст [5, с.376; 10, с.34-35; 8, с.98]. М.Муин дар шарҳи вожаи arzan чунин овардааст: «гиёҳе аз тираи гандумиён, ки барои таҳияи орду нон ва дона ҷиҳати туюр ба кор меравад» [19, ҷ.1, с.199]. Ӯ зимни маънигузории вожаи мазкур калимаи «говарс»-ро گاورس оварда, қайд кардааст, ки он «қисме арзан аст, ки донаҳояш дурушттару пӯшишаш забартар аст. Дар бархе аз кутуб «говарс»-ро муродиф ба арзан донистаанд». Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ ин вожа «арзан» маънӣ шудааст [13, с.272]. Профессор Д.Саймиддинов низ дар забони форсии миёна gāwars-ро муодили arzan донистаанд [8, с.98].

Рустаниҳои хӯшадор аз назари сохтори биологӣ ва хусусиятҳои сабзиш, рушду нумӯъ, ҳосилбандӣ, ҳамчунин аз рӯи тарзу воситаҳои парваришашон умумият доранд ва аз ин рӯ номҳои дифференсиалие, ки мутобиқи ин шохисҳо ба онҳо дода мешавад, низ қариб муштараканд.

Аз таҳлили номҳои мушаххаси навъҳои растаниҳои хӯшадор чунин бармеояд, ки ин номҳо ба онҳо асосан аз рӯи нишонаҳои зерин дода мешавад:

1) аз рӯи замони коштани зироат. Азбаски бештари рустаниҳои хӯшадор дар баҳор ё тирамоҳ кошта мешаванд, бинобар ин чанд номи мушаххас вобаста ба ҳамин шохис дар қолаби ибораи изофӣ сохта шудааст: кишти баҳорӣ, кишти тирамоҳӣ, зироати баҳорӣ, зироати тирамоҳӣ, гандуми баҳорӣ, гандуми тирамоҳӣ ва ғ. Ҳамчунин зироате, ки пеш аз ҳамал (Наврӯз) ё баъди он кошта мешавад, низ зироати (гандуми, ҷави…) барвақтӣ, зироати (гандуми, ҷави…) бевақтӣ ном гирифтааст. Зироатеро, ки дар моҳи ҳамал коштаанд, дар байни мардум зироати ҳамалӣ низ номидаанд.

2) аз рӯйи сабзиш ва дараҷаи инкишофу рушд. Ин номҳо ҳам дар шакли калимаҳои ҷудогона ва ҳам дар қолаби ибораҳои изофӣ сохта шудааанд: (гандуми, ҷави…) гандуми майса, сабз, расида, нимрасида, норасида, нимдунбул, дунбул, тезпазак, дерпазак.

3) аз рӯйи навъи мушаххаси зироат. Дар ин маврид ҳам номҳои маҳаллӣ ва ҳам номҳои навъҳои селексионӣ дар назар дошта мешаванд. Масалан, номҳои маҳаллии анвои ҷав, ки дар қолабҳои мухталиф сохта шудаанд, чунинанд: гандуми сахт, мулоим, сафедак, сурхак, сурхаки маҳаллӣ, сафедаки маҳаллӣ, иродӣ, бобило. Номи навъҳои гандуми селексионӣ бошад, ҳам дар қолиби истилоҳсозии тоҷикӣ ва ҳамчун калкаи забони русӣ шакл гирифтааст: Ченад-345, Сиклон, Росава, бапӯст, кабутак, Ифтихор-86, Хорҷави-18, унумли АРПА, Бета-40, Персикум-64.

4) номҳо ва истилоҳоти марбут ба раванди технологии парвариш. Ин номҳо низ асосан дар қолабҳои гуногун шакл гирифтаанд ва ифодагари марҳилаҳои мушаххаси технологияи парвариши зироат ва рушди он мебошанд: нашъунамо, шаффофии дон, давраи нашв, сабзиш, панҷаронӣ, найчабарорӣ ширагирии хӯшаҳо, донадоршавии хӯшаҳо, дарав, хушккунии дон, пешбода, киштгардон.

5) номҳо ва истилоҳоти марбут ба макон ва маҳалли кишт: кишти ҷав, киштзор, ҷавзор, ҷавпоя, қитъаи ҷав.

6) номҳо ва истилоҳоти марбут ба қисм ё ҷузъи рустанӣ: реша, силсилаи решагӣ, патакреша, поя, тана, майса, тухм, барг, хаспоя, гул, гули дуҷинса, сарак, сӯк, сирак, мӯя, сута, меҳвар, лифофа, ҷанин, кӯсак, дилаҳои поя, тӯдагул, ширдон, пардаи дон, пулакча, ҷорӯбак, буғум.

7) номҳо ва истилоҳоти марбут ба маҳсулот ва фаровардаҳои рустаниҳои ғалладона: сабӯс, силос, бурё, оҳар, чутка, ем, пахол, дон, пулакчадум, коҳ, орд, нон, фруктозаи мевагӣ, фукӯҳ, машруботи спиртӣ, ярма, доруворӣ, патароқ ва ғ.

8) номҳо ва истилоҳоти марбут ба таъиноти зироат: тухмӣ, ғизоӣ, хӯроки чорво ва ғ.

9) номҳо ва истилоҳоти вобаста ба тарзи кишт: обӣ, дар замини обӣ киштшаванда, лалмӣ, бо усули қатравӣ обёришаванда, бо усули зинавӣ киштшаванда, бо усули яклухт киштшаванда, бо усули омехта киштшаванда, бо усули қаторнуқтагӣ киштшаванда, бо усули холис киштшаванда, дар заминҳои лалмии аз боришот таъмин киштшаванда, бо усули пуштагӣ киштшаванда.

10) истилоҳоти марбут ба андоза ва ҳаҷм: қабза, дарза, банд, ғанак, тал, ғарам, хирман.

Яке аз манбаъҳои муҳим барои равшанӣ бахшидан ба инкишофи луғот ва истилоҳоти мансуб ба бахши ғаллакорӣ луғатномаҳо ба ҳисоб мераванд. Луғатномаҳо шаҳодат

медиҳанд, ки вожаву истилоҳоти бахши ғаллакорӣ аз суннатҳои бостонии мардуми кишоварзи эронинажод маншаъ мегиранд. Дар ин замина бахши марбутаи низоми луғавии забони форсии миёна инкишоф ёфта, аз ҳисоби захираҳои худӣ ғанитар гардидааст. Истилоҳоти мансуб ба ғаллакорӣ вобаста ба марҳилаҳои таърихие, ки забони тоҷикӣ аз ибтидо то замони муосир сипарӣ кардааст, таҳаввул ва инкишоф ёфтааст.

Давраи инкишофи луғот ва истилоҳоти зироатҳои ғалладона, аз ҷумла ҷав (эронии қадим *yavá- ҳиндии қадим yava -; ориёӣ *yava), гандум (эронии қадим *gantuma-/*ganduma, авестоӣ gantuma-, ҳиндии қадим godnuma-), арзан (эронии қадим * arźana-// harzana-), шолӣ (эронии қадим* vrīj-na), шаклҳои модии vrīnja, форсии қадим *vrījna, vrĭnja-> *форсии birinj, ки мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд, маҳз ба давраи ориёӣ ва эронии мабдаъ (то форсӣ ё мақобли форсӣ) рост меоянд. Аксари мутлақи ин гурӯҳи вожагон маҳсули давраи тоҷикӣ-форсӣ мебошанд, ки аз давраи ориёӣ ва эронии мабдаъ маншаъ гирифтаанд.

Раванди таърихии ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти марбут ба ғаллакорӣ нишон медиҳад, ки инкишофи ин микросистема бар мабнои ду замина - имконоти дохилии худи забони тоҷикӣ-форсӣ сурат гирифтааст.

Маводи луғавие, ки мавриди баррасӣ қарор дода шуд, вобаста ба хусусиятҳои луғавию маъноии худ ба зергурӯҳҳои номвожаҳои ҷомеъ ва номвожаҳои мушаххас (фардӣ) ҷудо карда шуданд. Аз рӯи мушаххасоти луғавӣ-маъноии худ ва аломатҳои дифференсиалӣ гурӯҳбандии номҳои мушаххаси зироатҳои ғалладонагии хӯшадор муайян гардид, ки аксари мутлақи номвожаҳои зироатҳои ғалладона вожагони аслии забони тоҷикӣ буда, аз шаклҳои мабдаи эронии қадим пайдо шудаанд. Дар байни соири маводи мансуб ба зироати ғалладона ва парвариши онҳо низ вожагони аслии тоҷикӣ аксариятро ташкил медиҳанд. Номҳои растаниҳои ғалладона, бахши қадимтари луғоти кишоварзӣ дар забони тоҷикӣ буда, хусусияти таърихӣ ва аҳамияти бузурги илмӣ доранд.

Таҳлили гурӯҳҳои луғавию маъноии ин бахши таркиби луғавии забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки манзараи куллии муносибати системавии байни воҳидҳои забон то ҳадде равшан гардад ва равандҳои инкишофи низоми луғавии забон ба таври мушаххас нишон дода шавад.

Пайнавишт:

1. *Баранов П.А., Райкова И.А. Среднеазиатский государственный университет в борьбе за освоение Памира //Бюллетень САГУ. Вып.20. – Ташкент, 1935. – 319 с.*
2. *Вавилов Н.И. Избранные труды. Т.II. – М.:Л., 1960. - 519 с.*
3. *Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Дар се ҷилд. Ҷ 1. – Душанбе: Адиб, 1993, 416 с.*
4. *Муҳаммад Пошшо.Фарҳанги ҷомеи форсӣ. Фарҳанги Онандроҷ. Ҷ 2.– Теҳрон: чопхонаи Ҳайдарӣ, 1956, 1564 с.*
5. *Расторгуева В.С., Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков. Т.I-3. – М.: Восточная литература, 2007.*
6. *Русско-таджикский словарь / Под ред. М.С. Асимова. – М.: Русский язык, 1985. – 1279 с.*
7. *Русско-персидский словарь. Составители И.К. Овчинникова, Г.А. Фуругиан, Ш.М. Бади. – Тегеран, 1374ҳ. – 1091с.*
8. *Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.*
9. *Севортян Э.В. Этимологический словарь тюркских языков. Общетюркские и межтюркские основы на буквы «В», «Г», «Д».– М., 1980.*
10. *Стеблин-Каменский И.М. Очерки по истории лексики памирских языков. Названия культурных растений. – М.: Наука, 1982. – 167 с.*
11. *Ўзбек тилинг изоҳи луғати. Ж.I.–М.: Русский язык, 1981.- 631с.*
12. *Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.I.– М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951с.*

13. *Фарҳанги забони тоҷикӣ.Ҷ.II. –М.: Советская энциклопедия, 1969. – 948с.*
14. *Фарҳанги мутавассити Деҳхудо. Зери назари дуктур Саидҷаъфари Шаҳидӣ дар ду ҷилд. Ҷ 1. –Теҳрон, 1390. -1615 с.*
15. *Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. Нашри дувум, бо илова, такмил ва ислоҳ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 813 с.*
16. *Gershevitch I. The Alloglotography of old persian //Transactions of the Philological Society. – L., 1979.– 190 c.*
17. *Geiger W/ Etymologie des Baluel. //Abh.d.k. Bayerischen Akade-mie den Wissenscnaften. Bd.19. Abbth.1. – Munchen, 1890.*
18. *Horn P. Grundriss des neupersischen Etymologie. – Strassburg, 1993.*
19. معین، محمد. فرهنگ فارسی. در 6 مجلد. - تهران، 1371 .

Сарчашмаҳо:

20. *Айнӣ С. Ёддоштҳо. - Душанбе: Адиб. Ҷ.I, 1990. - 352 с.*
21. *Кӯҳзод Ӯрун. Роҳи паси аґба. - Душанбе: Ирфон, 1981. - 384 с.*
22. *Насафӣ С. Баҳориёт. - Душанбе: Адиб, 1988. - 322 с.*
23. *Насриддин Б. Ман фарзанди туам. - Душанбе: Ирфон, 1983.-302 с.*

Reference Literature:

1. *Baranov P.A., Raykova I.A. Middle Asian State University in the Combat for the Pamirs Reclamation // Bulletin of MASU, issue 20. - Tashkent, 1935. - 319 pp.*
2. *Vavilov N.I. Selected Works. V. II. - M. - L., 1960. - 519 pp.*
3. *Muhammadhusayn Burhon. Burhoni Kote`. In three volumes. V 1. - Dushanbe: Man-of-Letters, 1993, - 416 pp.*
4. *Posho, Muhammad. Combined Dictionary of the Persian Language. Onandroj Dictionary. V 2. - Tehran: Haidari`s printing-house, 1956, 1564 pp.*
5. *Rastorguyeva V.S., Edelman D.I. Etymological Dictionary of Iranian Languages. V. I-3. - M.: Oriental Literature, 2007.*
6. *Russian-Tajik Dictionary. Under the editorship of M.S. Asimov. - M.: Russian Language, 1985. - 1279 pp.*
7. *Russian-Persian Dictionary. Compilers: I.K. Ovchinnikova, G.A. Furuggian, Sh.M. Badi. - Tehran, 1374 h. – 1091 pp.*
8. *Saimiddinov D. Lexicology of Middle Persian Language. - Dushanbe: Alliance, 2001. - 310 pp.*
9. *Sevortyan E.V. Etymological Dictionary of Turkic Languages. General Turkic and Interturkic Stems Beginning with Letters "В", "Г", "Д". - M., 1980.*
10. *Steblin-Kamensky I.M. Essays on the History of Pamir Languages Lexicon. Nominations of Cultivated Plants. - M.: Science, 1982. - 167 pp.*
11. *Explanatory Dictionary of the Uzbek Language. V.I. - M.: Russian Language, 1981. – 631 pp.*
12. *Tajik Language Dictionary. V. 1. / Under the editorship of M.Sh. Shukurov, V.A. Kapranov, R.Koshim, A.Masumi. - M.: Soviet Encyclopedia, 1969. - 951 pp.*
13. *Tajik Language Dictionary. V. 2. / Under the editorship of M. Sh. Shukurov, V.A. Kapranov, R.Koshim, A.Masumi. - M.: Soviet Encyclopedia, 1969. - 948 pp.*
14. *Dehkhudo`s Concise Dictionary. Under the editorship of Dr. Saidjafar Shahidi. In two volumes. V.1. -Tehran, 1390. -1615 pp.*

15. *Tajik-Russian Dictionary. The second edition, revised and enlarged. - Dushanbe: Alliance, 2006. - 813 pp.*
16. *Gershevitch I. The Alloglotography of Old Persian // Transactions of the Philological Society. - L., 1979. - 190 pp.*
17. *Geiger W // The Etymology of "Baluel" //Bavarian Academy of Sciences. Volume 19. Section 1. - Munich, 1890. (in German)*
18. *Horn P. The Grounds of New Persian Etymology. - Strassburg, 1993.*

Origins:

19. *Aini S. Reminiscences. - Dushanbe: Man-of-Letters. V.I. 1990. - 352 pp.*
20. *Kukhzud Urun. The Road behind Crossing. - Dushanbe: Cognition, 1981. - 384 pp.*
21. *Nasafi S. Songs Chanting Spring (Bahoriyot) - Dushanbe: Man-of-Letters, 1988. - 322 pp.*
22. *Nasriddin B. I Am your Kid. - Dushanbe: Cognition, 1983. – 302 pp.*

УДК 80/81
ББК 81.2-4

О ХАРАКТЕРЕ СИНХРОННО-КОНФРОНТАТИВНОГО ИЗУЧЕНИЯ ОТДЕЛЬНЫХ ТЕРМИНОВ РОДСТВА УЗБЕКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Эгамназаров Хамза Хакназарович,
канд. филол. наук, доцент, заведующий кафедрой иностранных языков ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)

ДАР БОРАИ ХУСУСИЯТИ ТАҲҚИҚИ СИНХРОНӢ-ТАЗОДИИ ИСТИЛОҲОТИ АЛОҲИДАИ ХЕШУТАБОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ЎЗБЕКӢ ВА АНГЛИСӢ

Эгамназаров Ҳамза Ҳақназарович,
н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)

CONCERNED WITH A CHARACTERISTICS OF THE SYNCHRONOUS-CONFRONTATIONAL STUDY OF CERTAIN KINSHIP TERMS BETWEEN UZBEK AND ENGLISH LANGUAGES

Egamnazarov Hamza Haknazarovich,
candidate of philological sciences, Associated Professor, head of the department of foreign languages attached to the TSULBP (Tajikistan, Khujand)
E-MAIL: *hamzajon_19@mail.ru*

Ключевые слова: *конфронтативное исследование, план выражения, план содержания, асимметричность, термины родства, лексический уровень, функционально-семантические микросистемы*

Производится синхронно-конфронтативное изучение отдельных терминов родства узбекского и английского языков. Основная цель заключается в выявлении и определении конфронтативного сходства и различия лексико-выразительных средств содержательного плана некоторых терминов родства узбекского и английского языков. В качестве иллюстративного материала использованы отдельные термины родства сопоставляемых языков. Термины родства, у которых наблюдается несимметричность (асимметричность) между планами выражения и содержания, составляют своеобразную подсистему (совокупность), которая служит в качестве иллюстративного материала. Сделан вывод, что на основе сопоставления выразительных средств отдельных терминов родства узбекского и английского языков определяется конфронтативный характер этих явлений, которые свойственны данным языкам. Особо подчеркивается важность изучения терминов родства в разноструктурных языках.

Вожаҳои калидӣ: *тадқиқоти тазодӣ, ҷанбаи баён, ҷанбаи мундариҷа, асимметрия, истилоҳоти хешутаборӣ, сатҳи луғавӣ, микронизомҳои функционалӣ-семантикӣ*

Таҳқиқи синхронӣ-тазодии баъзе истилоҳоти хешутаборӣ дар забонҳои ӯзбекӣ ва англисӣ баррасӣ карда мешавад. Мақсади асосӣ ошкор сохтан ва муайян кардани шабоҳат ва фарқи тазодии воситаҳои лексикии ифодакунандаи ҷанбаи мундариҷавии баъзе истилоҳоти хешутабории забонҳои ӯзбекӣ ва англисӣ мебошад. Ба сифати мисол истилоҳоти алоҳидаи хешутабории забонҳои муқоисашаванда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Истилоҳоти хешутаборие, ки дар ҷанбаи ифода ва мундариҷаи онҳо ғайримутаносибӣ (асимметрият) ба мушоҳида мерасад, зернизоми ба худ хосеро ташкил мекунанд, ки дар мақола ба сифати шоҳид оварда шудаанд. Хулоса карда шудааст, ки дар асоси муқоисаи воситаҳои ифодакунандаи истилоҳоти алоҳидаи хешутабории забонҳои ӯзбекӣ ва англисӣ, хусусияти конфронтативии ин падидаҳо, ки ба забонҳои ӯзбекӣ ва

англисӣ хосанд, муайян карда мешаванд. Зарурати омӯхтани истилоҳоти хешутаборӣ дар забонҳои гуногунсохтор махсус таъкид шудааст.

Key-words: *confrontational research, expression plan, content of plan, asymmetry, equivalence, kinship terms, lexical level, confrontation, functional-semantic microsystem*

The article dwells on a synchronous-confrontational study beset with certain terms of kinship between Uzbek and English languages. The main goal is to identify and define the confrontational similarities and differences in the lexical and expressive means of the content plan of some terms of kinship between the correlative languages. Separate kinship terms of the compared languages are resorted to as illustrative material in the given article. The terms of kinship, in which there is an asymmetry (asymmetry) between the planes of expression and content, constitute a kind of subsystem (aggregate) that serves as illustrative material. It is concluded that proceeding from a comparison of the expressive means of certain terms of kinship between the Uzbek and English languages, the author determines the confrontational nature of these phenomena, which are characteristic of the relevant languages. The importance of studying dealing with terms of kinship in different-structured languages is especially emphasized.

Синхронно-сопоставительное изучение словесных единиц отдельных ярусов языка относится к одной из актуальнейших проблем сравнительно-типологического языкознания. Наиболее существенную роль играет сопоставление единиц содержательного плана разноструктурных языков, а также языков одного грамматического строя, что является объектом конфронтативного направления науки о языке. При подобных исследованиях сравниваются единицы смысловых категорий. Основной задачей этой области исследования является выявление и определение изоморфных и алломорфных особенностей функционирования языковых знаков [5, с. 180].

В качестве фактического материала для конфротативного изучения языковых явлений могут служить лексикографические данные сопоставляемых языков независимо от их отношения к языкам одного или разного грамматического строя, а также от их генеалогического сходства или различия. Это объясняется тем, что в лексикографических источниках ярче и прозрачнее отражается сходство и различие в значениях лексических единиц сравниваемых языков, которые являются смысловыми эквивалентами в отношении друг к другу. Все сказанное подтверждается нашими наблюдениями над выражением значений некоторых терминов родства, которые зафиксированы в англо-узбекском словаре [1].

